**Р.А. Хамитов, Р.А. Садирдинова**

# АДАБИЁТИ ТОҶИК

**Китоби дарсӣ барои синфи 7 мактаби умумитаълимӣ**

**7**

*Вазорати маорифи Ҷумҳурии Қазоқистон тасдиқ кардааст*

Алматы
«Жазушы»
**2018**

УДК 373.167.1
ББК 83.3

***Аломатҳои шартӣ:***

| | |
|---|---|
| | Назарияи адабиёт |
| | Савол ва супоришҳо |
| | Истифодаи видеолавҳа |
| | Интернет |
| М | Кори мустақилона |
| Ч | Кор дар ҷуфт |
| Г | Кор дар гурӯҳ |

**Хамитов Р.А., Садирдинова Р.А.**
**Х 91** Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 7 мактаби умумитаълимӣ / Р.А. Хамитов, Р.А. Садирдинова. – Алматы: Жазушы, 2018. – 216 бет, расмдор.

ISBN 978-601-200-571-4

**© А. Хамитов, Р. А. Садирдинова. 2018**
**© Нашриёти «Жазушы», 2018**
**Ҳамаи ҳуқуқҳо ҳимоя гардидааст.**
**Ҳуқуқи чопкунӣ ба нашриёти «Жазушы» тааллуқ дорад.**

# МУҚАДДИМА

Адабиёт як навъи санъат буда, дар тафовут аз меъморӣ, наққошӣ, ҳайкалтарошӣ, кандакорӣ, гулдӯзӣ, рассомӣ, мусиқӣ, театр, кино, рақс ва суруд ҳаёти воқеиро бо сухан тасвир мекунад. Адабиёт калимаи арабӣ буда, шакли ҷамъи «адаб» аст ва маънои фазилатҳои маънавӣ (одоб, хулқи нек, хушгуфторӣ, хушнависӣ ва ғайра)-ро дорад. Адабиёт ба маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Агар адабиёти сиёсӣ, илмӣ ва ғайра дар назар дошта шуда бошад, ин фаҳмиши адабиёт ба маънои васеъ аст. Агар адабиёти бадеиро дар назар дошта бошем, маънои маҳдуд ё мушаххасаш он аст, ки маҷмӯи асарҳои бадеиро дар бар мегирад. Адабиёти бадеӣ ҳақиқати ҳаётро ба воситаи тасвири манзара ва нақшҳои бадеӣ дар симои одамон, табиат, шароиту муҳити зист инъикос менамояд. Нақшҳои бадеӣ манзараҳои ҳаёти зоҳирӣ ва ҳолати ботинии инсонро фаро мегиранд. Адабиёти бадеӣ донишҳои моро дар бораи таърихи гузашта, тамаддун ва фарҳанги ватанию ҷаҳонӣ зиёд мекунад. Аз мутолиаи адабиёти бадеӣ мо бо тасвирҳои пурранги бадеии офаридаи нависанда вомехӯрем, ки онҳо хулқу рафтори намуна доранд ва мо аз онҳо ибрат мегирем. Нақшҳои наҷибу барҷастаи адабиёти бадеӣ моро дар рӯҳияи накӯкорӣ, покизаахлоқӣ, баинсофӣ ва раҳмдилӣ, вафодорию садоқат, меҳнатдӯстию рағбат ба илму ҳунар, шарафмандию ҳисси ифтихор, инсондӯстию меҳанпарварӣ, боиродагию мубориза дар роҳи расидан ба мақсад, боҳимматию ҷавонмардӣ, нотарсию ростқавлӣ, ҷасурию шуҷоатмандӣ, хуллас, рафтори ҳамидаи инсонӣ тарбия намуда, ниҳод ва тинати моро аз танбалӣ, ҳирсу ҳасад, бухлу кина, бадбинию беадолатӣ, маҷмӯан аз тамоми хислатҳои нафратовар тоза мекунад.

Ҳангоми мутолиаи адабиёти бадеӣ лафзи равону шевои нависанда, тасвири манзараҳои табиати дилфиреб, васфи симою сурати зебо ва дилкаши қаҳрамонҳои мусбат, лутфу нозукбаёнӣ, истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва санъатҳои лафзӣ ҳисси зебоифаҳмии мо бедор мешавад, завқи эстетикӣ моро ба сайри боғу бӯстони олами зебоӣ даъват менамояд. Аз ин рӯ, адабиёти бадеӣ аҳамияти барҷастаи таълимӣ, тарбиявӣ ва эстетикӣ дорад. Адабиёти бадеӣ аз эҷодиёти шифоҳии халқ фолклор сарчашма мегирад. Ҳанӯз дар замонҳое, ки хат вуҷуд надошт, одамон суруд мехонданд, нақлу ривоятҳо ҳикоя мекарданд, афсона мегуфтанд. Матни сурудҳо дар шакли назм ва матни нақлу ривояту афсонаҳо дар шакли наср маҳсули эҷодиёти шифоҳии одамони бесавод буд. Бинобар ин, адабиёт аз они халқ аст ва бояд барои халқ эҷод шавад. Баробари инкишофи ҳаёт ҷомеа, илм, фарҳанг пеш рафт ва адабиёт низ сайқал ёфт. Тамоми осори бадеӣ ба се ҷинси адабӣ ҷудо шуд: назм, наср,

драматургия. Асарҳои манзумро аксар асарҳои лирикӣ мегӯянд, ки ба онҳо дубайтӣ, рубоӣ, қитъа, ғазал, мусаммат ва ғайра дохил мешаванд. Асарҳои насриро асарҳои эпикӣ (аз калимаи эпос, яъне нақлӣ) меноманд, ки жанрҳои ҳикоя, латифа, очерк, повест, роман ва дигар асарҳои калонҳаҷми нақлиро дар бар мегиранд. Ба ҷинси сеюм асарҳое тааллуқ доранд, ки ба саҳна гузошта шуда, мазмуну мундариҷаи ғоявии онҳоро ҳунарпешаҳои театр бо ҳаракат ва амалиёту санъати актёрӣ пешкаши тамошобин мегардонанд. Ин ҷинси адабӣ драматургия ном дорад ва жанрҳои комедия (мазҳака) ва трагедия (фоҷиа)- ро дар бар мегиранд. Асарҳои мазҳакавӣ аз аввал то охири намоиш бо хушҳолӣ мегузаранд. Асарҳои фоҷиавӣ бо ҳисси ғаму андӯҳ намоиш дода мешаванд, ки оқибати он намоиш бо нокомии қаҳрамонони асар анҷом меёбад.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г *1. Чаро адабиётро як намуди санъат меноманд? Стратегияи “Ассотсиатсия”-ро истифода баред.*

М *2. Барои чӣ адабиёти бадеиро санъати сухан номидаанд?*

Ч *3. Ҷуфт шуда фарқи асарҳои назмӣ ва насриро бо далелу исботҳо фаҳмонед.*

Г *4. Ҷадвали зеринро пур кунед ва муқоиса намоед.*

| Адабиёт | |
|---|---|
| Адабиёти шифоҳӣ | Адабиёти бадеӣ |
| | |

Ч *5. Асарҳои драмавӣ аз асарҳои назмӣ ва насрӣ чӣ фарқ доранд? Хулосаи худро гӯед.*

## НАСРИ РИВОЯТӢ

Наср каломи ғайриманзум буда, як навъи асари адабӣ ба шумор меравад. Ин навъи асари адабии бе вазну қофия аз ҷониби шахсони таълимгирифта ва соҳиби завқу дониш гуфта мешавад. Шахсе, ки худ асари насрӣ меофарад, нависанда ва эҷодкор аст. Ҳамин гуна якҷоя бо қаламкашони асарҳои манзум ва саҳнавӣ ганҷинаи бузурги маънавӣ ва донишро ба вуҷуд меоранд, ки адабиёти бадеӣ мешавад. Дар байни мардум нақл, қисса, афсона, латифа, тарона ва ғайра аз замонҳои қадим мавҷуданд, ки онҳоро шахсони соҳибзавқ, яъне ровиёну нокилон

гуфтаанд ва боз дар тӯли асрҳо бо сухану фикру хоҳиши мардум сайқал ёфтаанд. Ин хазинаи бузурги маданиро эҷодиёти шифоҳии (даҳонии) мардум (фолклор) меноманд. Адабиёти бадеӣ дар асоси фолклор ба вуҷуд омадааст ва ҳамеша аз сухану тавсифҳои он истифода менамояд.

Қадимтарин осори назмие, ки ба забони порсии дарӣ ба вуҷуд омада буд, ба асри VIII тааллуқ дорад. Дар ин давра дар корнамоиҳои ҳокимону паҳлавонони афсонавӣ ва воқеаҳои таърихию саргузаштии ниёгони қавмҳои эронинажод шоҳномаҳо ва достонҳои қаҳрамонӣ таълиф шуда буданд. Беҳтарин намунаи насри порсии дарӣ, ки аз асри X то рӯзгори мо мондааст, муқаддимаи «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» аст, ки соли 958 бо супориши сипаҳсолори Хуросон Абӯмансур Муҳаммад Абдурраззоқ мураттаб гардида буд.

Яке аз навъҳои адабиёти шифоҳӣ насри ривоятӣ мебошад, ки китобҳои «Доробнома», «Ҳазору як шаб», «Калила ва Димна», «Синдбоднома», «Тӯтинома» ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд. Хусусияти ин навъи наср дар он аст, ки муаллифони он барои ба як тарзи мураттаб ба хонанда пешниҳод намудани маҷмӯи ҳикоятҳо ягон ривоят ё ҳикоятеро интихоб карда, ҳикоятҳои дигарро бо ягон восита ба ҳикояти васила мепайванданд. Ҳадафи асосӣ дар ин маврид ҳамон ҳикоятҳои дохилӣ буда, ҳикояти васила чун воситаи ёрирасон хизмат мекунад. Ҳар як асари ривоятӣ вазифаи муайяни ғоявиро адо менамуд. Муаллифону ровиёни ин гуна асарҳо мекӯшанд, ки ба воситаи ҳикоятҳои овардаашон беҳтарин хислатҳои инсониро тарғиб намуда, рафтору кирдори одамони зиштро фош кунанд. Дар бештари асарҳои ривоятӣ сухан аз рафтору кирдор ва амалиёти подшоҳону вазирон меравад. Мазмуни баъзе ҳикоятҳои асарҳои ривоятӣ ба он далолат мекунад, ки шоҳон қудрату тавоноии давлатро дар адлу инсоф донанд, ба қадри ходимони илму маърифат бирасанд, шахсони оқилу доно ва поксириштро ба мансабҳои давлатӣ ҷалб намоянд, дар ҳалли муҳимтарин корҳои давлатӣ бо аҳли илму маърифат машварат кунанд, дар атрофи худ мардуми бахилу кӯтоҳандешро роҳ надиҳанд ва ғайра. Ҳикоятҳои «Разми Бӯрондухт бо Искандар», «Хиёнати аъробӣ» ва «Калимоти кохи Афредун», ки аз асарҳои «Доробнома», «Ҳазору як шаб» ва «Синдбоднома» оварда мешаванд, намунаи беҳтарини насри ривоятианд.

М

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Мафҳуми насрро фаҳмонед.*

Ч

Г

*2. Офарандаи асарҳои насрӣ кист?*
*3. Насрӣ ривоятӣ кай ба вуҷуд омадааст?*
*4. Насри ривоятӣ чӣ гуна хусусият дорад?*
*5. Кадом ривоятҳоро медонед?*

## ДОСТОНИ «БӮРОНДУХТ ВА ИСКАНДАР» АЗ «ДОРОБНОМА»-И АБӮТОҲИРИ ТАРСУСӢ

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин қиссаи дилкушои рӯҳафзой чунин ривоят мекунад, ки чун Дороб ибни Доробро ба Эрон бурданд, чунин гӯянд, ки ӯро духтаре буд сахт боҷамолу камол, ки ӯ беназири аҳли хеш буд ва дар ҳаждаҳсолагӣ сурати Сиёвахшу фарри Ҳушанг дошт ва дар қуввату диловарӣ ба Исфандиёр мемонд. Аммо бар лаб хатти сабзе дошт, чунон ки ҳар ки варо бидидӣ, пиндоштӣ, ки ӯ мард аст ва гурзи дувисту панҷоҳ ман кор фармудӣ. Ва Дороб ин духтарро қавӣ дӯст доштӣ ва ҳунарҳое, ки шоҳзодагонро мебакорояд, ҳама ӯро даромӯхта буд. Ва ин духтарро Бӯрондухт ном буд ва ба ривояти дигар Равшанак ном дошт. Аз он сабаб ӯро Бӯрондухт гуфтандӣ, ки ӯ пушти лаб сабз дошт ва ҳеҷ касро ба мардӣ нашумурдӣ.



Чун хабари марги Дороб ба Бӯрондухт расид, олами равшан ба чашми ӯ сиёҳ шуд,

худро аз тахт ба хоки сиёҳи тира дарандохту беҳуш шуд. Гулоб ба рӯи ӯ заданд, то ба ҳуш омад, чашм боз кард, чашмаш бар он канизакон афтод, ки мӯйҳо бурида буданду рӯйҳо харошида ва дар хоку хун ғалтон шуда. Бӯрондухт наърае барзаду ҷома бар худ чок зад ва мӯи худ барканду рухсораи чун моҳро бихарошид ва соиди[1] худро ба дандон бихоид ва гушти худро ба дандон бармеканд, то гуфтанд, ки «Доробро оварданд». Бӯрондухт бо хотуну[2] канизакон[3] берун рафтанд.

Чун чашми Бӯрондухт бар тобути падар афтод, худро аз маркаби[4] Дороб ба хок дарандохту дар хоку хун биғалтид ва бехудии бисёр кард.

Он амирону бузургон, ки бо тобути Дороб омада буданд, чун чашми эшон бар Бӯрондухт афтод, боз аз сар ҷомаҳо чок заданду хок бар сар рехтанд. Бӯрондухт чун эшонро бидид, худ задан гирифт, то канизакон биёмаданду вайро бигирифтанд, боз ба наздики падар омаду бигирист ва гуфт:

- Эй падари ман в-эй қуввати дили ман, маро бе ту зиндагонӣ чӣ кор ояд! Аммо ба равони[5] тую ба равони ниёи[6] бузурги ман- Дороб ибни Ардашер, ки ин ҷо ҳозир аст, ки доди ту аз Искандар, абераи Файлақус боз хоҳам, ки Ҷонусиёру Моҳёрро донам, ки ӯ баргумошт[7], то ба ту ин муомила карданд.

Ин бигуфту бархост. Чун дахмаро бипӯшониданд ва халқ бозгаштанд, ин хабар ба Искандар расид, ки духтари Дороб чӣ гуфту савганд чӣ гуна хӯрд. Искандар бо Аристотолис машварат кард, ки «ин духтари Дороб дар сар ҳаваси булаҷабе дорад, акнун рой бизан, ки чӣ бояд кардан, ҳароина тадбире бояд ангехт.»

Аристотолис гуфт:

- Чун ин духтар падари худро кушта дид, оташи ғазаб дар сар афтод. Агар аз дарди падар сухане гӯяд, маъзур бошад, алалхусус, мешунавам, ки ин духтар ба Исфандиёр мемонад, ки шуҷоате азим дораду дувисту панҷоҳ ман гурзро кор мефармояд ва камони ӯро дар мулки Эрон касе наметавонад кашид. Бо ӯ мудоро бояд кардан, то ором шаваду ба доми мо афтад.

---

[1] ***Соид - аз сари банди даст то оринҷ.***

[2] ***Хотун - зани калони хона, кадбону.***

[3] ***Канизакон - занҳои хизматгор.***

[4] ***Маркаб - ҳайвони саворӣ, мисли асп, хар.***

[5] ***Равон - ҷон, рӯҳ.***

[6] ***Ниё - бобо, падари падар, падари модар,***

[7] ***Баргумошт - вакил кард, таъин кард.***

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин қисса ривоят чунин мекунад, ки чун аз ин сухан ду моҳ баромад, Бӯрондухт амирону бузургонро ҷамъ карду гуфт:

- Шумо чӣ мегӯед дар ин сурат, ки Искандар аз Рум биёяду падари маро бикушад ва қасди тахти Эрон дорад. Шумо бо ӯ дил яке доред?! То ман бидонам, ки маро бо вай маслиҳат чист, то ба он машғул гардам!

Ҷавоби маро ба ростӣ гӯед!

Он рӯз мабод, ки бо вай дил яке кунему аз подшоҳи худ баргардем ва мулки Эронро ба вай диҳем! То ҷон дар тани мост, бо Искандар ҳарб кунем аз баҳри шумо ва то хуни Дороб ибни Доробро аз вай нахоҳем, аз пой нашинем ва бо ду даст теғ мезанем!

Чун Бӯрондухт аз эшон ин сухан бишунид, шод шуду ҳамаро бинавохт ва бар эшон офарин карду аз эшон байъат[8] биситод ва нома ба сӯи Истахру Форсу Кирмон ва Сипоҳону Курд аз Кӯршӯлу Мозандарон ва Ироқу Гелон навишт ва аз эшон мадад хост. Дар се моҳ саду бист ҳазор савор бари Бӯрондухт ҷамъ шуданд, берун аз он мутааллиқон, ки бо ӯ буданд. Дари хазина боз карду ҳамаро мол бахшид ва аспу сипоҳ бахшид ва гуфт:

- Агар ман Искандарро бикушам, мартабаи шуморо биафзоям ва бо шумо чандин накӯӣ кунам, ки дар фаҳм наёяд.

Ҳама сарҳо бар замин ниҳоданду хидмат карданд ва чунин гуфтанд, ки «то як раг дар тани мо ҷунбад, мо дудаста теғ занем, бошад, ки бар душман зафар ёбем». Ин бигуфтанду рӯй ба сӯи Искандар оварданд.

Чун шоҳ Искандар аз ин аҳвол хабар ёфт, зуд лашкари азимро номзад кард (таъин кард) бо даҳ амиру мардони хиёр (баргузида), то баробари Бӯрондухт бозомад ва лашкари дигарро таълим кард, ки шумо фурсат нигоҳ доред, ки ин лашкари мо ба лашкари Бӯрондухт чун дар ҷанг оянд, шумо бар лашкаргоҳ бизанеду ғорат кунед ва хазинаву мол бардоред ва бар астарону уштурон бор кунеду боз гардед. Чун ин тадбирҳо бикард, рӯй ба Бӯрондухт овард. Бӯрондухт хабар ёфт, баробари лашкар бозомаду хаймаву боргоҳ бизаданд ва он шаб ҳамчунон буданд.

Рӯзи дигар чун офтоб баромад ва овозаи нақораву буқ (шайпур) аз ҳар ду лашкар баромад, рӯй дар руй биистоданд. Амире буд бузург мар Искандарро, номи ӯ Сӯҳроб. Марде диловар буду кордон. Як шахсеро гуфт:

Бирав баробари ин лашкар ва бо овози баланд бигӯ, ки: «Эй лашкари Эрону Ироқу Порс, шумо аз баҳри чӣ кор омадаед ва аз ҷиҳати кӣ ҷанг

---

[8] ***Байъат - паймон, аҳд.***

хоҳед кард, ки Дороб кушта шуд ва амирону бузургони ӯ бо Искандар байъат карданд ва дар миёни шумо истодаанд, то чун ҷанг шавад, эшон ба сӯи Искандар раванд ва шуморо хабар нест. Ба хонумони худ раведу дар хуни худ маронед, вагарна пушаймон шавед ва он гоҳ суд надорад».

Он гӯянда бирафт ва ин суханон ба овози баланд бигуфт, чунон ки эшон бишуниданд ва баъзе аз эшон ин суханон рост пиндоштанд. Бӯрондухт гуфт:

- Ман ба Искандар коре кунам, ки ҳамаи ҷаҳониён ибрат гиранд! Ин бигуфту асп дар майдон тохт ва ҷавлон намуд ва он амуди[9] дувисту панҷоҳманӣ бардошт ва мубориз талабид. Марде буд аз лашкари Искандар, ки ӯро Каҳлос гуфтандӣ. Марде хиёр (паҳлавон) буд, ӯро ҳеҷ аспе натавонистӣ кашид, бар уштур нишастӣ. Теғе дошта вазни сӣ ман, ки агар бар кӯҳ задӣ, ба ду ним кардӣ. Силоҳ кушоду бо бари Бӯрондухт омад ва ҳам аз гарди роҳ ҳамла кард. Бӯрондухт чун гармии ӯро бидид, баробари ҳамлаи ӯ боз шуд, яке бо теғу яке бо гурз, то чанд ҳамла дар миёни эшон ботил шуд. Бӯрондухт бо худ гуфт:

- Ин мард мардона аст, аммо чаро бояд, ки маро бо ӯ чандин рӯзгор шавад?

- Ин бигуфту ҳамлаи сахт баровард чун оташи сӯзон ва ба ҳар ду пой дар рикоб биистоду он гурзро баровард. Каҳлос чун бидид, сипарро бо гурз гузошт, то магар ҳамлаи ӯро рад кунад. Бӯрондухт он гурзро бо қуввати бозу чунон бизад, ки мағзаш парешон шуд, Каҳлос аз сари асп дарафтоду ҷон бидод. Лашкари Искандар чун Каҳлосро кушта диданд, ҳама бар дасту бозуи Бӯрондухт офарин карданд. Марде буд дар лашкари Искандар, ки ӯро Фарҳод гуфтандӣ. Амири даҳ ҳазор мард буду дар қалб[10] истода буд, бо амирон гуфт, ки: «Бо ин савор ҷангу мубориза кардан маслиҳат нест. Тадбир он аст, ки ба як бор ҳамла кунем, бошад, ки ба дасти ғалаба ин лашкарро битавонем шикастан».

Ин бигуфтанду ба як бор ҳамла оварданд. Лашкари Эрон низ аз ҷой ба як бор биҷунбиданд. Овози дуҳул[11] ба Айюқ[12] расид, ҳама теғу гурз ва ночиху[13] даҳра[14] ва зубин (найза) бар сару фарқи якдигар ниҳоданду мекуштанд.

---

*[9]Амуд – гурз.*

*[10]Қалб - маркази лашкар.*

*[11] Дуҳул - номи сози мусиқист, табл, нақора.*

*[12] Айюқ - номи ситораест; дар ин ҷо ба маънои овози баланд баровардан.*

*[13] Ночих - найзаи майда.*

*[14] Даҳра - шамшери дудама.*

Лашкари Рум бар Бӯрондухт ғалаба карданд ва ӯро чун қалъа дар миён гирифтанд.

Лашкари Бӯрондухт хостанд, то ҳалқаро аз ҳам бидаранд, то ӯро савор кунанд, натавонистанд. Ҳама рӯй ба ҳазимат ниҳоданд ва бо якдигар гуфтанд:

- Бӯрондухтро кор аз даст рафт.

Ва дареғ мехӯрданду мерафтанд. Чун Бӯрондухт аз лашкари худ асар надид, ноумед шуд. Замоне бар ноумедӣ ҳарб кард ва ӯ низ худро аз миёни лашкар берун андохт.

Бо ғуломону чокарони худ то миқдори ду фарсанг[15] роҳ рафт, назар кард, чаҳордеворе дид бас баланду маҳкам, наздики чаҳордевор омаду гирди он чаҳордевор бигашт ва ҷое пеши чашм кард, ки ҷое маҳкам буд. Ҳамон ҷо биистоду он ғуломону чокарон низ биистоданд. Бӯрондухт гуфт:

- Биталабед, то ҳеҷ ҷое обе ёбед, ки ман ташнаам, то шарбате об бихӯрам.

Чанд ғуломи гурд баромаданд, чашмаи обе ёфтанд, ки бар сабза меғалтид чун марворид, ҷое хушу хуррам ва мақоми[16] бонузҳат[17]. Ғуломон шод шуданду аз он об бихӯрданд ва ба наздики Бӯрондухт машрабае[18] об биёварданду аҳволи он чашма ва марғзорро бигуфтанд. Бӯрондухт шод шуд ва... ба наздики он чашма омад ва дасту даҳон бишуст. Он гоҳ рӯй бар хок молиду бигирист ва гуфто:

- Худовандо, бандаеам аз камтарин бандагони даргоҳи ту, маро фарёд рас, ки падарамро куштанду қасди ҷони ман низ кардаанд, ту маро даст гир, ки дастгири дармондагон туӣ.

Ин бигуфт ва мегирист, ки ногоҳ овози суми маркабон ба гӯши ӯ расид, барҷасту силоҳ дарпӯшид ва бар маркаб савор шуд. Лашкаре дид ба миқдори панҷ - шаш ҳазор мард, ки рӯй ба роҳ оварда буданд ва мерафтанд. Бӯрондухт бо худ гуфт, ки «оё ин лашкари Мозандарон бувад, ки ба ҳазимат[19] мерафтанд?»

Бӯрондухт он лашкарро бишинохт, зуд чанд ғуломро дар ақиби эшон бифиристод. Он ғуломон маркабон бидавониданд, то бирасиданд. Ғуломон гуфтанд:

---

*[15] **Фарсанг** - масофаест, ки тақрибан баробари 6 км мебошад.*

*[16] **Мақом** - ҷой, макон.*

*[17] **Бонузҳат** - тоза, дилкаш.*

*[18] **Машраба** - кӯза, зарфи обгирӣ.*

*[19] **Ҳазимат** - шикаст, гурехтан.*

- Инак, шоҳзода Бӯрондухт наздики он чаҳордевор истодааст, шуморо, ки дид, моёнро дар ақиби шумо мефиристод.

Эшон ҳама шод шуданду ба наздики Бӯрондухт омаданд ва ҳама пиёда шуданду хидмат карданд. Бӯрондухт ҳамаро бипурсид ва узр хосту гуфт:

- Шумо ба сабаби ман хонумон барандохтед ва зану фарзанд раҳо кардед ва ҷонҳо бар кафи даст ниҳодеду ба гирди ҷаҳон мегардед. Агар зинда монам, узри шумо бихоҳаму ба ҳаққи шумо бирасам.

Инҳо гуфтанд, ки «мо ҳама бандагони туему аз они Дороб, ки падарони мо бандагони шоҳ Дороб буданд ва бидонад маликаи Эрон, ки то пои ту дар рикоб бошад, мо аз барои ту ба ду даст теғ бизанему аз ту барнагардем, то кори мо ба Искандар якрӯя шавад. Ин ҷо аз баҳри он омадаем, ки ҷое талабем, ки фуруд оему аз шумо хабар ёбем. Акнун ки шуморо бо ҷон дидем, ҳар чӣ ишорат кунед, бо он биравем». Бӯрондухт бар эшон офарин карду эшонро ба ҷойгаҳи некӯ фуруд овард, то ҳама бар сари он чашмасор мақом карданд ва фуруд омаданд.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин қиссаи дилкушои ҷонафзой чунин ривоят мекунад, ки чун Бӯрондухт об бихӯрд, силоҳ аз худ ҷудо кард ва мар ғуломонро гуфт:

- Тане чанд биёсоед ва тане чанд талоя[20] бошед, то бо хатое бознахӯрем. Аз он ғуломон тане чанд ба талоя рафтанд ва ҳам дар навоҳии он чаҳордевор мегаштанд ва пос медоштанд ва ягону дугон аз асп фуруд меомаданду мехуфтанд, ки ҳамаи эшон хаста буданд ва ҳам аспон монда шуда буданд, ки гом аз гом[21] наметавонистанд баргирифт ва бар ҷой хушк бимонда буданд. Аммо дар миёни он ғуломон ғуломе буд румӣ, ки ӯро Бӯрондухт харида буд ва он ғуломро ҳамон ҳавои Рум дар сар буду чанд бор қасди он карда буд, то аз Эрон бигузараду ба Рум равад, аммо фурсат намеёфт. Чун Бӯрондухт ба он чаҳордевор омаду такя кард ва он ғуломонро гуфт, ки пос доред, он ғулом бо худ андеша кард, ки фурсат ба вақт нест, ки ҳамин соат рӯй ба лашкаргоҳи Искандар биёраму аз ҳоли Бӯрондухт шоҳ Искандарро хабар диҳам, то лашкар бифиристад ва Бӯрондухтро бигирад, то ин ҷангу ошӯб кам шаваду ин фитна бинишинад. Ва чун инчунин коре карда бошам, шоҳ Искандар маро бинавозаду мартабаи маро баланд гардонад ва ман низ дар Рум бимонам.

---

*[20] **Талоя - посбон.***

*[21] **Гом - қадам.***

Ин биёндешиду оҳиста-оҳиста аспро инон (лаҷом) гирифта буд ва мечаронид, то чандоне, ки аз он ғуломон дур афтод, пой дар асп овардду рӯй ба лашкаргоҳи Искандар овард. Чун ба даргоҳи Искандар омад, бор хост... Ҳоҷиб бо шоҳ Искандар гуфт: Дароредаш, то бубинам, ки чӣ мегӯяд. Ҳоҷиби бор берун омаду бозуи он ғулом бигирифт ва дар пеши шоҳ Искандар овард. Чун чашми ғулом бар шоҳ Искандар афтод, хидмат карду ба забони румӣ шоҳро дуо гуфт. Баъд аз он гуфт:

- Эй шоҳ, хабаре овардаам, агар иҷозати шоҳ бошад, бигӯям: Шоҳ Искандар гуфт:

- Иҷозат аст.

Ғулом аҳволи Бӯрондухт, ҷанг кардани ӯ бо лашкари Искандар, ба бад-он чаҳордевор омадану он ҷо хуфтан ва ғуломонро гуфтан, ки шумо талоя доред, бигуфт ва гуфт:

- Ман ба хидмат омадаам, то шоҳро маълум кунам, ки Бӯрондухтро осон метавон ба даст овардан.

Шоҳ Искандар чун ин бишунид, аҷаб дошт аз он суханҳое, ки он ғулом гуфт. Шоҳ Искандар он ғуломро гуфт, ки аз ин ҷо то ба он чаҳордевор чанде роҳ бошад?

Ғулом гуфт:

- Шояд, ки ду фарсанг роҳ бошад ё набошад, зуд шоҳ Искандар ду амири бузург бо чанд амиронро номзад кард бо даҳ ҳазор мард ва гуфт:

- Хоҳам, ки бираведу Бӯрондухтро бигиред ва ба наздики ман биёред. Ва ин ҳар ду амири бузург бо ҳашт амири дигар лашкар баргирифтанд ва он ғуломро бо асп оварданду таому шароб бидоданд, то сер бихӯрду савор шуд ва дар пеш даромаду он ду амирро бо лашкари гарон, ки даҳ ҳазор савори корзордидаи аррора (зӯру тавоно) буданд, ба наздики Бӯрондухт овард.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин достони аҷоибнигор чунин ривоят мекунад, ки чун он ғулом бирафт ва субҳи содиқ бидамид, Бӯрондухт он лашкари Мозандаронро ба он сарчашма фурӯ оварда буд, чун чоштгоҳ шуд, бист ҳазор мард бари Бӯрондухт ҷамъ шуданд, аммо на хайма доштанд, на боргоҳ, ки ҳамаро лашкари Искандар ғорат карда буданд ва тадбири он кор мекарданд, ки чӣ гуна кунем, то чизе ба чанг орем, ки аз дур гарде пайдо шуду бод бар он гард зад ва бишикофт, аз миёни он гард лашкаре пайдо шуд, аломати он лашкар даҳ ҳазор мард буд, Бӯрондухт чун он лашкар бидид, бонг бар мардумони худ бизаду гуфт:

- Эй ҷавонмардон, инак аспу силоҳу неъмат, ки аз барои мо овардаанд! Бархезеду барнишинед ва бикушед, ки то кини (қасди) худро аз ин ноҷавонмардон бихоҳам!

Он ҳама лашкар дар силоҳ шуданд. Бӯрондухт лашкари худро ба чаҳор қиём кард, ба ҳар ҷое панҷ ҳазор мард дар камин бинишонд ва худ бо сесад ғулом дар баробар биистод. Чун ғуломони Бӯрондухт бо он андак моя мардум, ки ғуломону чокарони ӯянд ва бар он дари чаҳордевор истодаанд, гуруснаву хаста.

Чун он амирон Бӯрондухтро бидиданд, баромаданд, то ба наздики он чаҳордевор расиданд, бар ҷой истоданду якеро гуфтанд, ки «бираву Бӯрондухтро бигӯй, ки ин лашкарест, ки аз пеши шоҳ Искандар омадааст. Шоҳ Искандарро маълум карданд, ки шумо ин ҷо омадаед, моро фиристодааст, ки Бӯрондухтро биёред ва агар наёяд, ӯро бигӯед, ки Искандар туро салом мерасонад ва мегӯяд, ки чаро ҷанг мекунию фитна пайдо месозӣ ва хуни озодмардон мерезӣ? Ман аз Рум ҷиҳати ҷанг кардан наёмадаам, ба падарат гуфтам, нашуниду ҷон ба бод дод! Ту он макун, ки падарат кард, то ту низ ҷон ба бод надиҳӣ! Биё ба наздики ман, то ҳар чӣ хоҳӣ, ба ту диҳам ва ҳар чӣ муроди ту бошад, ба ту расонам, ки мо бегона нестем, аз як наслем. Ту духтари Дороб ибни Доробӣ ва ман писари Дороб ибни Ардашер. Раво набошад, ки дар миёни мову ту адоват бошад, то баъд аз мо подшоҳон ин сухан бишунаванд ва моро бинакӯҳанд.»

Чун он кас ин сухан бигуфт, Бӯрондухт гуфт:

- Инро дастбурде бояд намудан, то дигар чунин пайғом наёбад.

Тире аз ҷаъба (тирдон) баркашиду бар камон ниҳод ва чунон бизад, ки дар даҳони он пайғоморанда даршуду аз қафо берун парид. Он мард аз асп андарафтоду ҷон бидод ва он Сӯҳробу Фарҳод ва амирони дигар чун он ҳол бидиданд, бо якдигар гуфтанд, ки «айб аз мо бувад, чаро бояд, ки бо Бӯрондухт аз ин гуна сухан гӯему бо ӯ сулҳ ҷӯем? Шоҳ Искандар моро гуфт: «Бираведу Бӯрондухтро бигиред ва зинда ба наздики ман оред».

Ҳеч аз ин беҳтар нест, ки ба як бор ҳамла кунему эшонро дар миён гирем ва ба дасти ғалаба ҳамаро гирем!

Ин бигуфтанду ба як бор ҳамла карданд ва ҳой - ҳой баромад ва он даҳ ҳазор мард ба як бор рӯй ба Бӯрондухт оварданд. Бӯрондухтро ҳеҷ дил аз ҷой набурду баробари он лашкар омад ва гурзи калонро кор фармуд. Бо ҳар амуде (гурзе) мардеро бо асп ба ҳам дар зин шикасту ба ҳар ҷониб, ки Бӯрондухт ҳамла мекард, аз кушта пушта мениҳод ва он амирон ҳар соат бонг бар лашкар мезаданду ба гирифтани Бӯрондухт таҳриз (иғво) мекарданд, ки ногоҳ аз чаҳор гӯша он бист ҳазор мард кашида чун шерони гурусна аз ямину ясор (росту чап) ва пасу пеш даромаданду ба заҳм гирифтанд. Чун лашкари Шоҳ Искандар он ҳама лашкарро бидиданд, бидонистанд, ки эшон камин карда буданд.

Умед аз ҷон баргирифтанду гуфтанд, ки «ин ғулом бо мо макр карду моро ин ҷо овард ва дар тағораи хун ниҳод». Ин бигуфтанду ин ғуломро порапора карданд.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ чунин ривоят мекунад, ки чун он лашкари Бӯрондухт он макр бикарданд, аз баҳри аспу салоҳ, ба бахт мекушиданду бемуҳобо аз он лашкар мекуштанд ва мехостанд, то дар як соат даҳ ҳазор мардро бар замин заданд ва хастаро худ адад пайдо набуд ва аз он амирон баъзеро мекуштанду баъзеро асир карданд ва бари Бӯрондухт оварданд. Бӯрондухт бипурсид, ки «Шуморо бад-ин мақом кӣ овард?!» Аҳволи ғулом бозгуфтанд. Бӯрондухт гуфт:

- Он ғуломро биталабед!

Гуфтанд:

- Мо чунон пиндоштем, ки он ғулом бо мо макр кардааст. Мо вайро бикуштем. Он ғуломро талабиданд, кушта ёфтанд. Боз сари Фарҳодро бибуриданду гӯшу бинии Сӯҳробро бибуриданд ва сари Фарҳоду ғуломро бар гардани Сӯҳроб овехтанд. Он гоҳ Бӯрондухт гуфт:

- Бираву Искандарро бигӯй, то ҷангро омода бошад. Сӯҳроб бо ин аломат ба лашкаргоҳи хеш омад. Чун амирон лашкари Сӯҳробро бад-он аломат бидиданд, аҷаб доштанд ва ҳамчунон ба наздики Искандар оварданд. Сӯҳробро бипурсид, ки «туро ин чӣ афтод?» Сӯҳроб замин бӯса дод ва гуфт:

Он нашуд, ки мо хостем, он омад, ки Худой хост! Бӯрондухт берун омаду Фарҳодро бо ҷумлаи амирон ҳалок кард ва инак сари ғуломи роҳбар бо сари Фарҳод ба наздики Шумо фиристод, ки ҷангро омода бошед.

Искандар ҳайрон бимонд, гуфт:

- Магар макрею тилисме сохт?

Сӯҳроб гуфт:

- Тилисме дигар набуд, аммо бар мо тохтан овард ва он гоҳ Фарҳодро бигирифту сар бибурид ва маро бад-ин хол бифиристод.

Искандар чун ин бишунид, дар аҷаб бимонду гуфт:

- Эй Сӯҳроб, Бӯрондухтро куҷо мондӣ?

Сӯҳроб гуфт:

- Яке чаҳордеворе рост кардааст ва дар он ҷост.

Искандар гуфт:

- Савор шавему биравем ва Бӯрондухтро бигирем? Аристотолис бихандид.

Искандар гуфт:

- Чаро механдӣ!

Ҳаким гуфт:

- Дар қудрати Яздон нигоҳ мекунаму ҳикматҳои аҷаброро меандешам, ки дар ҳар соат дигар алвон (ранг ба ранг) ҳикмате менамояд. Дар андак рӯзгор чанд бор кори малик булаҷаб шуд, то оқибат чӣ шавад?

Искандар гуфт:

- Мо ҳама дармондаву оҷизем ва малики малик Худой аст ва ҳукми ӯст, аммо бо ин Бӯрондухт ҷанг кардан маслиҳат нест, ки ҳар кӣ қасди вай кунад, ҳалок шавад.

Аристотолис гуфт:

- Ҷумлаи корҳо ба вақт мавқуф аст. Акнун вақт аст, ки ӯро тақсир (хато) накунем, то ин фитнаҳо магар биёромад, ки агар лашкари Табаристону Мозандарон ва Хуз хабар ёбанд, ҳама бо вай ёр шаванд ва Бӯрондухт боз қавӣ гардаду ба даст овардани ӯ душвор шавад.

Пас бифармуд, то нағора фурӯ кӯфтанду пой дардамиданд ва Искандар савор шуда, лашкари Порсу Ироқу Рум чун дарёи ҷӯшон аз ҷой биҷунбониданд ва он рӯз то шаб биронданд, то ба наздики Бӯрондухт расиданд.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ чунин ривоят мекунад, ки то Искандар ба Бӯрондухт расид, Бӯрондухтро бисту панҷ ҳазор савор ҷамъ шуда буданд, ҳама муборизони хиёри хуношом. Чун ҷосус бирафт, Бӯрондухтро хабар кард, ки «эй маликаи Эрон, Искандар бо лашкари бисёр расид ва ба бад-он омадааст, то туро бигирад». Бӯрондухт бо сипоҳи хеш гуфт:

- Эй падарони ман, имрӯз ҷуз тозиёна ва ин асп, ки бар он нишастаам, чизе дигар надорам. Ҳама молу неъмат Шуморо манфиат бувад, ки агар ман ба тахти худ боз расам, ҳамаро аз мол Қорун кунам ва агар маро ёрӣ нахоҳед дод, ҷумла маро сареҳ (равшан) бигӯед, то ман бидонам, бархезаму ба Ҳиндустон шавам, ки малики Ҳинд аз дасти падаркалони ман - Дороб подшоҳ аст. Чун он ҷо равам, бубинам, ки ҳукми Худованд чист, ки он чи хости ӯст, бояд ин қиёс кард, ки ҷуз он нашавад.

Чун Бӯрондухт ин сухан бигуфт, он лашкар, ки бар ӯ ҷамъ омада буданд, ҷумла бигуфтанд, ки «чаро чунин мегӯӣ? Мо ҷумла бандагони вафодору хидматгори туем ва мо ҳама, ки аз Хуросону Мозандарон омадаем, то ҷон дар тан дорем, бо душмани ту теғи ҷонрабой мезанем!»

Бӯрондухт бар ҳама офарин карду ваъдаҳои хуб фармуд. Он гоҳ гуфт:

- Искандар чунон медонад, ки ман танҳо мондаам. Акнун савоб он аст, ки дар камингоҳе бинишинем, то чун Искандар даррасад, хештанро бар вай бизанем. Бошад, ки ӯро тавонем гирифтан ва ин теғи худро ба хуни ӯ рангин кунем ва бар ҷумлаи шоҳон пирӯз гардем ва бар тахти Эрон бинишинем.

Он ҷумла бузургон гуфтанд:

- Иншоаллоҳ..., ки маликаи Эрон ба мақсуд бирасад. Пас бисту панҷ ҳазор мард дар камин бинишастанд, то Искандар даррасид.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин қисса чунин ривоят мекунад, ки яке аз ҷумлаи мардони Бӯрондухт рафту ба Искандар гуфт, ки «бисту панҷ ҳазор мардро Бӯрондухт дар камингоҳ нишондааст».

Чун Искандар аз ҷосус ин сухан бишунид, гуфт, ки «бузургони сипоҳро бихоҳед». Бузургон биёмаданду замин бӯса доданд ва гуфтанд, ки «фармон чист?». Искандар гуфт, ки «бар ҷой қарор гиред, рафтан нест». Ҷумла сипоҳ бар ҷой карор гирифтанд. Марде аз сипоҳи Искандар биёмаду Бӯрондухтро хабар дод, ки лашкари Искандар бар ҷое қарор гирифтанд, ки аз ту хабар ёфтанд, ки дар камин нишастаӣ». Бузургони сипоҳро Бӯрондухт гуфт:

- Шумо ин ҷо бибошед, то ман бо даҳ ҳазор мард биравам аз дасти рост ба сӯи биёбон ва аз паси пушт Искандарро бо лашкари вай дастбурдӣ намоям, чунон ки мардони чаҳон офарин гӯянду баъд аз ман қиссаи ман муниси дили ҷаҳониён бувад.

Ин бигуфту дар биёбон фурӯ рафт бо он даҳ ҳазор савор ва Искандар бар роҳ истода буд ва Бӯрондухтро мепоист, то кай расад, ки ногоҳ Бӯрондухт аз қафои лашкари Искандар даррасид. Ва чунон пиндоштанд, ки аз румиёнанд, ки ба мадади эшон омадаанд. Дар ин буданд, ки Бӯрондухт як наъра бизаду гуфт:

-Манам Бӯрондухт бинти Дороб ибни Дороб ибни Ардашер! Эй Искандар, чаро Фарҳодро ба талаби ман фиристодӣ, ки худ наёмадӣ?! Акнун ман худ омадаам, то туро заҳмат нашавад! Ҳамлаи маро пой дор!

Ин бигуфту ҳамла кард ва хештан чун ҳизабри (шери) дамон (маст) дар миёни лашкари Рум афканд ва бонги деҳу доругир баромад. Ва он гурзи дувисту панҷоҳманиро кор фармудан гирифт. Искандар чун бидид, ки ҷуфти мувофиқи «меҳрубон» омад, хештанро аз миёни лашкар берун андохту ҷони ширини худро аз пеши Бӯрондухт ба ҳазор ҳила берун бурду сари худ гирифт.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор чунин ривоят мекунад, ки аз чаҳор карона лашкари Бӯрондухт расид ва теғу тир дар миён ниҳоданд ва Бӯрондухт чун шери ошуфта дарафтод ва ҳар киро мезад, аспу мардро пахч (пахш) мекард, то субҳ, ки машшотаи ҷаҳон аст, асар кард ва шаъри куҳлӣ (торикии шаб) аз рӯи арӯси ҷаҳон барандохту олам мунаввар шуд. Бӯрондухт аз миёни масоф овоз дод, ки «эй ҷавонмардони азим, мардвор кӯшидед, аммо эшон бисёранду соат ба соат бар эшон

мадад мерасад, набояд, ки хатоие равад. Бозгардед! Лашкари Бӯрондухт бозгаштанду бар лаби Фурот омаданд. Лашкари Рум чун чунон бididанд, дар қафои эшон биронданд, то бошад, ки Бӯрондухтро бигиранд. Чун Бӯрондухт чунон бидид, бозгашту ҳамла кард ва он лашкари Румро боз ба ҷои худ овард. Ва он шаб панҷ ҳазор мард кушта шуд аз ҳар ду ҷониб ва сесад мард аз румиён ба дасти Бӯрондухт асир афтод ва то лаби оби Фурот омад ва он ҷӣ аз асирони Рум қавитар буданд, саду панҷоҳ мардро сар буриду дар гардани он саду панҷоҳ мард фурӯтар даровехт ва гӯшу бинии эшон бибуриду ба назди Искандар фиристод ва гуфт:

- Бираведу бигӯед, ки ман тахти Эрон бад-ӯ додам, аммо раҳо накунамаш, то як соат хуш бошад. Ва гирди лашкари ӯ мегардам ва мезанаму мекушам!

Ин бигуфту он асиронро бифиристод ва Бӯрондухт мардони худро гуфт, ки «агар айёрие мекунед, чунон ки мардони Искандар кардаанд, ҳама неъмат ба даст оред ва имрӯз ба дасти ман чизе нест ва ҳама ба Истахр мондааст. Акнун ошӯб дар ҷаҳон афканему намонем, то Искандар бар тахти Эрон рост нишинад, бархезему ба Рум равем ва он чи Искандар ба Эрон кардааст, мо ба Рум кунем, балки бадтар аз он ки ӯ кардааст. Ва он чи Искандар аз Эрон молу неъмат гирифтааст, мо сад чандон аз Рум бигирем!»

Сипоҳи ӯ гуфтанд:

- Эй маликаи Эрон, мо ҳама бандагону фармонбардори туем ва то он дар тани мост, бикӯшем.

Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин қисса чунин ривоят мекунад, ки чун он асирони гӯшу бинибурида ва он сарҳои ба гардан дарафканда ба саропардаи Искандар омаданд ва Искандарро хабар доданд, Искандар он сарҳоро бифармуд, то дар хок карданд ва Аристотолису Сатломису Батлимусро бихонд. Чун биёмаданд, Искандар бигуфт:

- Тадбир чист, ки боз Бӯрондухт қавӣ шуду чандон сипоҳи маро ҳалок кард?

Аристотолис гуфт:

- Эй маликуррум, ту аз Эрон тарк намегирӣ? Даст аз Эрон кӯтоҳ кун, то ба Рум равем.

Искандар гуфт:

- Ман ин нангу ор куҷо барам, ки ҳама мардуми Рум маро гӯянд, ки аз духтаре бигурехт ва натавонист бо ӯ баромадан.

Он румиён гуфтанд, ки «бадтар аз ин нангу ор нест».

Искандар чун ин сухан бишунид, гуфт:

- Ба равони падарам - Дороб ибни Ардашер, ки то мулки Эрону Румро ба худ рост накунам, орому қарор нагирам!

Зуд бифармуд, то лашкар барнишастанду он бузургони сипоҳ гуфтанд, ки «эй маликуррум, шитоб макун, то тадбире бикунем, чӣ сабуксаронро бузургон насутудаанд».

Искандар гуфт:

- Бишинед, то тадбире кунем. Аристотолис гуфт:

- Толеи Бӯрондухт қавӣ дар нуҳусат (бадбахтӣ) аст. Агар аз ин нуҳусат халос ёбад, олам дар зери фармони вай шавад ва панҷоҳ сол мулк ронад. Акнун тадбир он аст, ки то ҳамаи эрониёнро дастуре диҳӣ, то бари Бӯрондухт раванд ва бигӯӣ, ки «маро Эрон намебояд. Ман аз Эрону эрониён безорам. Эрониён бари Бӯрондухт раванд, то маъзур шавад ба лашкар»

Чун ин сухан ба гӯши эрониён расид, яке аз он ҷумла ҳавохони (тарафдори) Бӯрондухт ин сухан бишунид, бархосту ба назди Бӯрондухт омад ва бигуфт, ки «Искандар эрониёнро ба наздики ту фиристод ва овоза дарандохт, ки ман ба Рум меравам». Ва он шаб бист ҳазор мард биёмаданду дар пеши Бӯрондухт замин бӯса доданд ва узр хостанд.

Бӯрондухт бар лаби оби Фурот фуруд омада буд, на саропарда дошту на хайма, он эрониён, ки омада буданд, мегуфтанд, кӣ эй малика, чаро хайма намезанӣ?

Бӯрондухт гуфт:

- Маро ҳеҷ чиз намебояд ва шумо низ намебояд. Бозгардеду ба наздики Искандар равед ва ман безаҳмату ранҷ биравам.

Он лашкари Эрон ба наздики Искандар омаданду гуфтанд:

- Моро Бӯрондухт қабул накард ва бозфиристод.

Искандар гуфт:

- Шуморо чаро бозфиристод ва чаро саропарда намезанад, ки бар лаби об чун лӯлиён фуруд омадааст? Магар ӯро хаймаву хиргоҳ нест?

Гуфтанд:

- Мо ҳеҷ намедонем, то ӯ дар чӣ кор аст. Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин қисса чунин ривоят мекунад, ки рӯзи дигар Бӯрондухт савор шуд ва гирди Эрон баромад ва гуфт, ки «бо ман байъат (аҳд) кунед, ки аз ман барнагардеду дар ҳаққи ман бадӣ наандешед ва ба наздики душманон сухан нафиристед». Эрониён гуфтанд:

- Чунин кунем. Пас боз байъат карданду савганд хӯрданд, ки «агар аҳд бишиканем, ба ин об ғарқ шавем».

Пас Бӯрондухт савор шуд, рӯй ба осмон карду гуфт:

- Эй Худои беҳамто, ба ҳаққи Худоии ту, ки ҳамчунон ки падари маро аз обу шамшери душманон ва аждаҳо нигоҳ доштӣ, мани бечораро низ нигоҳ дор ва дӯстони маро дар об ғарқ магардон ва онҳо, ки дили эшон бо ман рост нест, ҳамаро ба ин об ғарқ гардон!

Ин бигуфту рӯй бар хок ниҳод ва зор-зор бигирист. Сар бароварду бар асп савор шуд ва аспро дар оби Фурот биронд. Аз он ҷо, ки қаҳҳор (кушанда) Худой буд, ба қудрат ҷумлаи мухолифони Бӯрондухт ғарқ шуданд ва мувофиқони ӯ, ҷумла дар мувофиқати ӯ аз об ба саломат берун омаданд ва он шаб бар он лаби об бибошиданд. Рӯзи дигар бархосту ғусли пок бикард ва Худойро шукру сипос бигуфт. Ва чун аз он фориғ шуд, лашкари Эронро шумор кард, бисту панҷ ҳазор мард аз об баромада буданд, ҳама муборизони хиёр (ихтиёрӣ) ва мардони корзор. Бӯрондухт рӯй ба Рум ниҳоду бирафт, то ба Ҳалаб расид ва ду фарсанге дур аз Ҳалаб марғзоре буд хушу хуррам, он ҷо фуруд омад ва бузургони сипоҳро бихонду гуфт:

- Ин шаҳри Ҳалаб чӣ гуна ҷоест?

Гуфтанд:

- Азим ҳисори (қалъаи) устуворест ва муборизон бисёранду азим тавонгаранд ва ин ҳисор сарҳади Рум аст.

Бӯрондухт гуфт:

- Ман агар ин Ҳалабро бигирам, азим пушту паноҳе ҳосил карда бошам ва дилфориғ гардам ва агар натавонам гирифт, ба Рум натавонам рафт ва хештанро дар миёни чандин ҳазор лашкар натавонам дарафканд. Ин бигуфту дарҳол бифармуд, то қоидаи подшоҳӣ рост карданд ва саропардаву чаҳор болиш биниҳоданд ва силоҳдорон ба чапу рост биистодандду ҷондорону (муҳофизон) ҳоҷибон (дарбонон) бар атрофи боргоҳ ҳалқа карданд.

# ТАШБЕҲ

Ташбеҳ калимаи арабист. Маънои луғавиаш монанд кардан аст. Ташбеҳ ба маънои истилоҳӣ номи яке аз санъатҳои маънавист, ки чизе ба чизе монанд карда мешавад. Ҳангоми монанд кардани чизе ба чизе ҳатман сифат ё хусусияти муштараки миёни ҳарду чиз ба назар гирифта мешавад. Шоир ё нависанда, барои он ки мақсади хешро пурра ва равшан баён кунад, хусусияти як чизро бо хусусияти чизи дигар монанд мекунад. Ба таври дигар гӯем, ташбеҳ ҳамеша ду тарафи муқоиса дорад. Дар мавриди ташбеҳ истилоҳоти мушаббаҳ (монанд) ва мушаббаҳбиҳӣ (монанда), монандшаванда ва монандкунанда хеле серистеъмоланд. Аҳли қалам он чизро, ки монанд кунанд, мушаббаҳ ва он чизро, ки ба он монанд кунанд, мушаббаҳбиҳӣ гӯянд. Яъне агар касе ё чизе, ки ба касе ё чизе монанд карда шавад, монандшаванда ё ташбеҳшаванда, аммо касе ё чизе, ки монандшавандаро ба худ монанд кардааст, монандкунанда ё ташбеҳкунанда меноманд. Аксари муҳаққиқон тарафдори онанд, ки шакли осонтару муносибтари ин истилоҳ-монанд ва монанда қабул карда шавад.

Ҳангоми ба ҳам пайвастани ташбеҳшавандаю ташбеҳкунанда калима ва таъбирҳое ба кор меравад, ки онҳоро ваҷҳи монандӣ (ваҷҳи ташбеҳ) ва адоти ташбеҳ меноманд.

Асоси ташбеҳ аз ду ҷузъ иборат аст: монандии ду чиз (қиёс) ва сабаби ин монандӣ, яъне сифати он. Пас ваҷҳи ташбеҳ ҳамон сифати муштараки ду ҷузъи асосии ташбеҳ мебошад. Илова бар ин, дар монанд кардани ду чиз калимаҳои зиёде ёрӣ мерасонанд, ки онҳоро адоти ташбеҳ меноманд, яъне афзол ва олати ташбеҳ. Аҳли адаб калимаҳои: чунин, монанд, тариқ, -вор, шева, гӯӣ, пиндорӣ, сабил, минвол, -сон, - осо, мисл, чун ва ғайраро аз ҷумлаи калимаҳои адоти ташбеҳ донистаанд. Мисол:

*Ватан, меҳрат ба дил азбаски ҷо шуд,*
*Дилам аз хуррамӣ чун ғунча во шуд.*

***(Мирзо Турсунзода)***

Дар мисраи дуюми ин байт «дилам» монанд (ташбеҳшаванда), «чун» адоти ташбеҳ, «ғунча» монанда (ташбеҳкунанда), «хуррамӣ» ваҷҳи ташбеҳ (сабаби ташбеҳ) мебошад.

**Чанд мисол:**

*Суратат маҳзари ҳусн аст, вале ин маънӣ*
*Ҳамчу ҳусни дигарон бар ҳама кас зоҳир нест.*

***(Камол)***

*Биёр он май, ки пиндорӣ равон ёқути ноб астӣ*
*Ва ё чун баркашида теғ пеши офтоб астӣ.*

**(Рӯдакӣ)**

*Чаро чун гул занӣ дар пӯст ханда?*
*Сухан бояд чу шаккар пӯстканда.*

**(Низомӣ)**

*Пушти замин чу рӯи фалак гашта аз силоҳ,*
*Рӯи фалак чу пушти замин гашта аз ғубор.*

**(Рашиди Ватвот)**

*Зулфро чун ҷони ҳар ошиқ ба бар дорад шиканҷ,*
*Чунки аз ҷонбозии ошиқ хабар дорад шиканҷ.*

**(Раҳимӣ)**

*Ойинавор шоҳиди ором нестем,*
*Симоб мечакад зи дили беқарори мо.*

**(Шавкат)**

*Пайкарам мегашт ҳамчун набзи беморон зи ҷо,*
*То саҳар аз мавҷи симоб изтиробе доштем.*

**(Сайидо)**

*Гаҳе чу шамъ кунам гиряҳои синагудоз,*
*Гаҳе чу субҳ занам хандаҳои хунолуд.*

**(Бадри Чочӣ)**

Аксари донишмандони илми адаб муҳимтарин шарти ташбеҳро дар он донистаанд, ки бояд ташбеҳкунанда бар ташбеҳшаванда афзалият дошта, сифат ва хислатҳои ташбеҳкунанда аз ташбеҳшаванда мукаммалтару олитар бошад, то ки хислатҳои чизи ташбеҳшаванда хубтару беҳтар намоён шавад.

## ХЕЛҲОИ ТАШБЕҲ

Ташбеҳ вобаста ба муносибати гӯянда ба хелҳои зерин: ташбеҳи мутлақ (равшан, сареҳ), ташбеҳи пӯшида (музмар, измор), ташбеҳи машрут (шартӣ), ташбеҳи баргашта (тафзил), ташбеҳи акс (маъкус), ташбеҳи баробар (тасвит), ташбеҳи муканно (киноят) ҷудо мешавад.

1. **Ташбеҳи мутлақ** (равшан, сареҳ). Дар ин навъи ташбеҳ мавҷудияти рукнҳои асосии он - ташбеҳкунанда, ташбеҳшаванда ва адоти ташбеҳ шарт аст.

Мисол:

*Ҷаро чун гул занӣ дар пӯст ханда?*
*Сухан бояд чу шаккар пӯстканда.*

***(Низомӣ)***

Дар ҳарду мисраи Низомӣ ташбеҳ ҳаст, хандаи ёр ба гул ва сухан ба шакар монанд карда шудааст. Дар ин ташбеҳот хандаи ёр ва сухан монандшаванда ва гулу шакар монандкунанда буда, чун ва чу адоти ташбеҳ мебошад.

Мисоли дигар:

*Ай лабат гул, оразат мул, турраат сунбул барин,*
*Ғабғабат дар чарбу нармӣ тухми нимдумбул барин.*

***(Шоҳин)***

2. **Ташбеҳи пӯшида** (музмар, измор). Ин навъи ташбеҳ чунон аст, ки дар он адоти ташбеҳ иштирок намекунад ва бештар бо роҳи таъкиду таҳким (ҳукм) сохта мешавад.

Мисол:

*Рӯят - дарёи ҳусну лаълат - марҷон,*
*Зулфат - анбар, садаф - даҳон, дурр - дандон.*
*Абрӯ - киштиву чини пешонӣ - мавҷ,*
*Гирдоби бало -габгабу чашмат - тӯфон.*

***(Рӯдакӣ)***

Ин навъи ташбеҳро таркибӣ низ меноманд, барои он ки бештари ташбеҳҳо аз таркиб ва калимаҳои мураккаб сохта мешаванд.

Мисол:

*Шаккаршикан аст ё сухангӯӣ ман аст,*
*Анбарзақан аст ё суманбӯӣ ман аст.*

***(Мусаъибӣ)***

Калимаҳои «анбарзақан» ва «суманбӯй» ташбеҳи пӯшида мебошанд, зеро шоир гуфтанист, ки ёри ман зақане (манаҳ, занахдон) дорад, ки мисли анбар хушбӯй аст.

3. **Ташбеҳи баргашта** (тафзилӣ). Ин навъи ташбеҳ чунон аст, ки шоир аз ташбеҳи аввалаи худ бармегардад ва монандшавандаро аз монандкунанда боло медонад.

Мисол:

*Сарвро монӣ, валекин сарвро рафтор нест,*
*Моҳро монӣ, валекин моҳро гуфтор нест.*

**(Саъдӣ)**

Мисоли дигар:

*Ин ҷо сухани сарв нагӯем, ки паст аст,*
*Ин ҷо сухани моҳ нахонем, ки зишт аст.*

**(Камол)**

Ин навъи ташбеҳро ташбеҳулмарҷӯъ низ гӯянд, яъне аз ташбеҳ (монанд) ва тарҷеъ - баргаштан. Шоирон гоҳе қади ёрро ба сарв, рӯи ӯро ба моҳ монанд мекунанд, лекин баъд аз гуфтаи худ пушаймон мешаванд ба ин маънӣ, ки гӯё «сарв рафтор» надораду «моҳ айб» дорад. Дар ин навъи ташбеҳ афзалияти монандшавандаро аз монандкунанда нишон медиҳанд ва бо ҳамин сабаб, онро тафзилӣ низ меноманд.

4. **Ташбеҳи маъкус** (акс). Ин навъи ташбеҳ чунон аст, ки шоир ду чизро ба ҳам монанд мекунад ва боз ҷои онҳоро иваз менамояд, мисли ташбеҳи наргис ба чашм ва чашм ба наргис, ё ҳилол ба абрӯ ва абрӯ ба ҳилол.

Мисол:

*Лола ба рӯи хубат монанд, ки сурхрӯй аст,*
*Рӯят ба лола монанд, з-он рӯ, ки хол дорад.*

5. **Ташбеҳи баробар** (тавсия, муздавач, муставӣ). Ин навъи ташбеҳ чунон аст, ки шоир сифатҳои ду чизи монандро ба ҳам баробар мекунад ва дар қиёс меорад. Яъне шоир сифатеро меорад, ки ҳам ба ошиқ ва ҳам ба маъшуқа тааллуқ дорад.

Мисол:

*Гуфтам: «Зи дили хеш даҳон созамат, ай дӯст»,*
*Гуфто: «Натавон сохт зи як нуқта даҳоне».*
*Гуфтам: «Зи тани хеш миён созамат, ай моҳ»,*
*Гуфто: «Натавон сохт зи як мӯй миёне».*

Дар байти якум шоир дар шакли қиёс «як нуқта»-ро ба «тангии дил» ва «даҳон» ва дар байти дуюм «як мӯй»-ро ба «нозукии тан» ва «борикии миён» монанд ва баробар кардааст.

Мисоли дигар:

*Пушти хамидаи ман ҳамнасаби ҷаъди*[22] *вай аст,*
*Ҷаъди шӯридаи ӯ ҳамсифати холи ман аст.*

***(Абдулвосеъи Ҷабалӣ)***

6. **Ташбеҳи шартӣ** (машрут). Ин навъи ташбеҳ чунон аст, ки шоир барои ифодаи матлаби хеш чизеро ба чизе шартан монанд мекунад. Яъне барои муқоиса кардани ду чиз шарти муайян гузошта мешавад. Дар бештари мавридҳо чунин ташбеҳҳо ба воситаи пайвандакҳои шартии «агар», «гар», «ар» ифода карда мешавад.

Мисол:
*Чун ту ба боғ бигзарӣ, гул нарасад ба бӯи ту,*
*Лек расад ба қоматат сарв, агар равон шавад.*

***(Хусрави Деҳлавӣ)***

Мисоли дигар:
*Агар мӯре сухан гӯяд ва гар мӯе равон дорад,*
*Ман он мӯри сухангӯям, ман он мӯям, ки ҷон дорад.*

***(Амъақи Бухороӣ)***

Байни ташбеҳи шартӣ ва ташбеҳи баргашта тафовути хеле кам аст, онҳо фақат зоҳиран аз ҳам фарқ мекунанд. Агар бигӯем: «Рӯи ту гул аст, аммо гул вафо надорад», ташбеҳи баргашта ва агар бигӯем, ки «гул ба рӯи ту он гоҳ монанд мешавад, ки агар вафо дошта бошад», ташбеҳи шартӣ мешавад.

7. **Ташбеҳи муканно** (киноят). Ин навъи ташбеҳ чунон аст, ки бе истифодаи адоти ташбеҳ ба ташбеҳшаванда аз сӯи ташбеҳкунанда киноя карда мешавад.

Мисол:
*Гоҳ бар моҳи дуҳафта гарди мушк орӣ падид,*
*Гоҳ мар хуршедро дар ғолия*[23] *пинҳон кунӣ.*

***(Унсурӣ)***

---

[22] ***Ҷаъдӣ - мӯи ҷингила, мӯи пурпечутоб.***

[23] ***Ғолия - мушк, анбар.***

Мисоли дигар:

*Ҳамегиристу ҳаме наргисон-ш лола гудохт,*
*Ба барги лола бигдохта нуҳуфта зарир.*

***(Абулаълои Шуштарӣ)***

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г 1. *Аз рӯи стратегияи "Давраи адабӣ" супоришҳои зеринро иҷро кунед:*

*а) таҳлил кардан – аз рӯи мазмуни достон 5-то савол тартиб диҳед (М: нақшҳо, муносибати байниҳамдигарии қаҳрамонон, персонажҳо...)*

*б) аниқ кардан – кадом порчаи достон аз ҳама муҳимтар аст.*

*в) алоқаманд кардан – мавзӯъро бо ҳаёт пайваст кардан ва далелҳо овардан.*

*г) хулоса баровардан – аз рӯи масъалаҳои дар достон додашуда фикри худро гуфтан*

М 2. *Аз шабакаи Интернет оид ба эҷодиёти даҳонакии халқ ва насри ривоятӣ маълумот ҷамъ кунед.*

Ч 3. *Дар бораи ташбеҳ маълумот диҳед. Аз достони "Бӯрондухт ва Искандар" аз "Доробнома"-и Абӯтоҳири Тарсусӣ 5-6 ташбеҳ ёбед ва шарҳ диҳед.*

# АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ



*Ай тозаву маҳкам аз ту бунёди сухан,*
*Ҳаргиз накунад чун ту касе ёди сухан.*
*Фирдавс мақом бодат, ай Фирдавсӣ,*
*Инсоф, ки нек додаӣ доди сухан.*

***(Заҳири Форёбӣ)***

Абулқосим Мансур ибни Ҳасани Тӯсӣ, ки дар таърихи адабиёт бо номи Фирдавсӣ машҳур гардидааст, аз бузургтарин шоирони форсу тоҷик буда, соли 934 дар деҳаи Божи ноҳияи Табарони наздикии шаҳри Тӯс дар оилаи заминдор ба дунё омадааст. Давраи ҷавонии шоир нисбатан орому тинҷ буд ва Фирдавсӣ аз ин имконият истифода бурда, ба таҳсили илм машғул шуд, дар мактаб ва мадраса илмҳои расмии даврро омӯхт: забонҳои арабӣ ва паҳлавиро хеле хуб медонист ва дар санъатҳои тирандозӣ, шамшерзанӣ ва ғайра устоди беҳамто буд.

Фирдавсӣ ҳанӯз дар айёми ҷавонӣ ба ҷамъоварии қисса, ривоят ва устураҳои халқи худ ба таври ҷиддӣ машғул шуд. Фирдавсӣ ҳамчун фарзанди ҳақиқии халқи хеш ба хубӣ мефаҳмад, ки асотиру достонҳои қаҳрамонии миллӣ мардумро иттифоқ ва муттаҳид менамоянд ва ин муттаҳидӣ имкон медиҳад, ки ягон душмани аҷнабӣ ба сарзамини онҳо ҳуҷум накунад. Фирдавсӣ, ки соҳиби истеъдоди баланд буд, бо хоҳиши шоҳони сомонӣ ва ташвиқу тарғиби яке аз дӯстонаш - Абӯмансур ибни Муҳаммад ва барои ҷовидонӣ мондани номаш ба навиштани «Шоҳнома» сар кард:

*Яке бандагӣ кардам, ай шаҳриёр,*
*Ки монад зи ман дар ҷаҳон ёдгор.*

Фирдавсӣ дар таълифи «Шоҳнома» зиёда аз сӣ соли умри худро сарф кард:

*Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,*
*Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.*

Вақте ки Фирдавсӣ асарашро ба охир расонд, давлати Сомониён, ки як навъ пуштибони гирдоварандагони асотиру достонҳои қаҳрамонӣ ҳисоб мешуд, аз байн рафта, ба ҷои он давлати Ғазнавиён ба сари қудрат омада буд. Султони Ғазнавиён – Маҳмуди Ғазнавӣ дар ибтидои ҳукмронии хеш худро чун давомдиҳандаи анъанаҳои Сомониён вонамуд карда, қудрату шӯҳрати худро зиёд менамуд. Чунин аъмоли Маҳмуди Ғазнавӣ

Фирдавсиро водор кард, ки ӯ «Шоҳнома»-ро дар чандин ҷилд китобат намуда, ба Маҳмуд тақдим кунад. Фирдавсӣ дар таълифи «Шоҳнома» умри ҷавонӣ ва қариб тамоми дороии хешро сарф карда буд ва гумон дошт, ки Маҳмуди Ғазнавӣ дар ивази ин шоҳкории азим мукофоти зиёде медиҳад, то ки айёми пирии худро бо фароғат гузаронад. Мутаассифона, Маҳмуди Ғазнавӣ ба гуфтаҳои бадхоҳон гӯш дода, ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ беэътиборӣ кард ва дар ивази заҳматҳои кашидаи шоир ба ӯ музди ночизе дод. Чунин рафтори султон боиси ранҷиши Фирдавсӣ гардид ва ӯ дар ҳаққи Маҳмуди Ғазнавӣ ҳаҷвияе иборат аз сад байт навишт:

*Аё шоҳ Маҳмуди кишваркушой,*
*Зи кас гар натарсӣ, битарс аз Худой...*
*Накардӣ дар ин номаи ман нигоҳ,*
*Зи гуфтори бадгӯй гаштӣ зи роҳ.*
*Ҳар он кас, ки шеъри маро кард паст,*
*Нагирад-ш гардуни гарданда даст.*
*Ман ин номаи шаҳриёрони пеш,*
*Бигуфтам бад-ин нагз гуфтори хеш.*
*Чу умрам ба наздики ҳаштод шуд,*
*Умедам баякбора барбод шуд.*

Ҳаҷвияи Фирдавсӣ боиси қаҳру ғазаби султон Маҳмуди Ғазнавӣ гардид. Ӯ фармон дод, ки Фирдавсиро дастгир карда, ба зери пои филҳо партоянд. Фирдавсӣ аз таъқиби одамони султон аз шаҳр ба шаҳр гурехта, ниҳоят соли 1020 ба ватани худ баргашта, дар синни 86-солагӣ аз олам даргузашт. Абулқосими Фирдавсӣ дар таърихи адабиёти форс- тоҷик ҳамчун яке аз пайғамбарони шеър шинохта шудааст:

*Дар шеър се тан паямбаронанд,*
*Ҳарчанд ки «ло набия баъдӣ»:*
*Авсофу қасидаю газалро*
*Фирдавсию Анварию Саъдӣ.*

Фирдавсӣ дар навъҳои шеърии қасидаю ғазалу қитъаю рубоӣ қувваозмоӣ карда бошад ҳам, аммо дар таърихи адабиёти форс- тоҷик ва ҷаҳон бо маснавии бузурги худ - «Шоҳнома» машҳур гардидааст. «Шоҳнома» намунаи беҳтарини достонҳои қаҳрамонӣ буда, аз шаст ҳазор байт иборат аст. Худи Фирдавсӣ мегӯяд:

*Зи абёти гарро ду раҳ, сӣ ҳазор,*
*Мар он ҷумла дар шеваи корзор.*



Абулқосими Фирдавсӣ ва асари безаволи ӯ - «Шоҳнома» дар таърихи тамаддуни башарӣ шӯҳрати беандоза дорад. Таълифи «Шоҳнома» дар асри X худ як воқеаи бузурги адабӣ ва маданӣ ба шумор меравад. Шоир дар асари худ беҳтарин хислатҳои писандидаи одамӣ, мисли хираду хирадмандӣ, некию некӯкорӣ, инсондӯстию ватанпарварӣ ва ғайраро тараннум намуда, ахлоқи бади одамиро маҳкум мекунад, ки дар рӯзгори мо барои тарбияи ҷавонон аз аҳамият холӣ нест.

*Хирадманд бошу беозор бош,*
*Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.*
*Хирад афсари шаҳриёрон бувад,*
*Хирад зевари номдорон бувад.*
*Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,*
*Хирад мояи зиндагонӣ шинос.*
*Маёсой з-омӯхтан як замон,*
*Зи дониш маяфган дил андар гумон.*
*Ба манзил расид он ки гӯянда буд,*
*Беҳӣ ёфт он кас, ки ҷӯянда буд.*
*Ба фардо намон кори имрӯзро,*
*Бари тахт маншон бадомӯзро.*

*Аз имрӯз коре ба фардо мамон,*
*Чӣ донӣ, ки фардо чӣ созад замон.*
*Ба гетӣ беҳ аз ростӣ пеша нест,*
*Зи каҷӣ батар ҳеч андеша нест.*
*Машав дар ҷавонӣ харидори ганҷ,*
*Ба беранҷ кас ҳеҷ манмой ранҷ.*

Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ба адибони бузурге, ки баъди вай ба майдони адабиёт қадам ниҳоданд, таъсири зиёд расонид. Заҳири Форёбӣ, ки аз шоирони қасидасарои асри XII аст, дар ҳаққи Фирдавсӣ мегӯяд:

*Ай тозаву маҳкам аз ту бунёди сухан,*
*Ҳаргиз накунад чун ту касе ёди сухан.*
*Фирдавс мақом бодат, ай Фирдавсӣ,*
*Инсоф, ки нек додаӣ доди сухан.*

Ҳаёт ва фаъолияти Абулқосими Фирдавсӣ дар замони мо ба таври хеле ҷиддӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. «Шоҳнома»-и ӯ ду маротиба дар нӯҳ ҷилд чоп карда шуд. Нависандаи номии тоҷик - Сотим Улуғзода чандин достони «Шоҳнома»-ро ба наср гардонда, пешкаши хонандагони ҷавон кард. Шӯҳрати Фирдавсӣ ва эътибори «Шоҳнома»-и ӯ ҷовидонист.



**САВОЛ ВА СУПОРИШҲО:**




*1. Хизматҳои бузурги Фирдавсӣ дар чист? Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти шоир ҳикоя кунед.*

*2. Вожаи “шоҳнома”-ро шарҳ диҳед. Анъанаи шоҳноманависӣ кай огоз ёфтааст?*




*3. Дар бораи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ нақл кунед.*

*4. Аз мисраъҳои зерин ба чӣ хулоса омадед?*
*Дар шеър се тан паямбаронанд,*
*Ҳарчанд ки «ло набия баъдӣ»:*
*Авсофу қасидаю* газалро*
*Фирдавсию Анварию Саъдӣ.*



*5. Дар бораи Фирдавсӣ видеолавҳа ё филми бадеӣ тамошо кунед.*

## ДОСТОНИ «КОВА ВА ЗАҲҲОК»

*Яке мард буд андар он рӯзгор*
*Зи дашти саворони найзагузор,*
*Гаронмоя[24] ҳам шоҳу ҳам некмард,*
*Зи тарси ҷаҳондор бо боди сард,*
*Ки Мардос номи гаронмоя буд,*
*Ба доду[25] деҳиш бартарин поя буд...*
*Писар буд мар-он покдинро яке,*
*К-аш аз меҳр баҳра набуд андаке.*
*Ҷаҳонҷӯйро ном Заҳҳок буд,*
*Далеру сабуксору нопок буд...*
*Чунон буд, к-иблис рӯзе пагоҳ*
*Биёмад ба сони яке некхоҳ.*
*Дили меҳтар[26] аз роҳи некӣ бибурд,*
*Ҷавон гӯш рафтори ӯро супурд.*
*Ҳамоно хуш омад-ш гуфтори ӯй,*
*Набуд огаҳ аз зишт[27] кирдори уй...*
*Чу иблис донист, к-ӯ дил бидод,*
*Бар афсонааш гашт нахмор[28] шод.*
*Фаровон сухан гуфт зебову нагз,*
*Ҷавонро зи дониш тиҳӣ[29] буд магз.*
*Ҳамегуфт: «Дорам суханҳо басе,*
*Ки онро ҷуз аз ман надонад касе».*
*Ҷавон гуфт: «Баргӯву чандин мапой,*
*Биёмӯз моро ту, ай некрой».*
*Бад-ӯ гуфт: «Паймон-т хоҳам нахуст,*
*Пас он гаҳ сухан баркушоям дуруст».*
*Ҷавон некдил буд, паймон-ш кард,*
*Чунон к-ӯ бифармуд, савганд хвард,*
*Ки: «Рози ту бо кас нагӯям зи бун[30],*
*Зи ту бишнавам ҳар чӣ гӯӣ сухун».*

---

[24] **Гаронмоя** - *гаронбаҳо, қиматбаҳо, азиз, дар ин ҷо ба маънии обрӯманд.*
[25] **Дод** – *адолат.*
[26] **Меҳтар** - *одами бузург, олимақом*
[27] **Зишт** - *бад, қабеҳ.*
[28] **Наҳмор** - *бисёр, беандоза.*
[29] **Тиҳӣ** – *холӣ.*
[30] **Бун** - *таг, бех, асос.*

*Бад-ӯ гуфт:«Ҷуз ту касе дар сарой*[31]
*Чаро бояд, ай номвар, кадхудой?..*[32]
*Бигир ин сари моя*[33] *даргоҳи ӯй,*
*Туро зебад андар ҷаҳон ҷоҳи ӯй.*
*Бар ин гуфтаи ман чу дорӣ вафо,*
*Ҷаҳонро ту бошӣ яке подшо».*
*Чу Заҳҳок бишнид, андеша кард,*
*Зи хуни падар шуд дилаш пур зи дард.*
*Ба иблис гуфт: «Ин сазовор нест,*
*Дигар гӯй, к-ин аз дари кор нест»*[34] *...*
*Бад-ӯ гуфт: «Ман чора созам туро,*
*Ба хуршед сар бар фарозам туро.*
*Ту дар кор хомӯш мебошу бас,*
*Набояд маро ёрӣ аз ҳеҷ кас».*
*Мар он подшоҳро дар андар сарой*
*Яке бӯстон буд бас дилкушой.*
*Гаронмоя шабгир бархостӣ,*
*Зи баҳри парастиш*[35] *биёростӣ.*
*Бар он рои вожуна*[36] *деви нажанд*[37]*,*
*Яке жарф чоҳе*[38] *ба раҳ-бар биканд.*
*Пас иблиси вожуна ин жарф чоҳ,*
*Ба хошок пӯшиду биспард роҳ.*
*Шаб омад, сӯи боғ бинҳод рӯй,*
*Сари тозиён*[39] *меҳтари номҷӯй.*
*Чу омад ба наздики он жарф чоҳ,*
*Якояк нагун шуд сари бахти шоҳ...*
*Фурӯмоя*[40] *Заҳҳоки бедодгар,*
*Бад-ин чора бигрифт ҷоҳи падар.*

---

***[31]Сарой - қаср, даргоҳ.***
***[32]Кадхудой - ҳукмфармо, соҳиб.***
***[33]Сари моя - молумулк, сарват, сармоя.***
***[34]Дари кор нест - яъне кори номувофиқ аст.***
***[35]Парастиш - ибодат, намоз.***
***[36]Рои вожуна - мақсади нораво.***
***[37]Нажанд - хунхор, даҳшатнок.***
***[38]Жарф чоҳе - чоҳи чуқур.***
***[39]Тозӣ - араб, сари тозиён-сардори арабҳо.***
***[40]Фурӯмоя - бадасл, пастфитрат, разил, дун, сифла.***

*Чу иблис пайваста диди сухун[41],*
*Яке банди дигар нав афканд бун...*
*Ҷавоне баророст аз хештан,*
*Сухангӯву бинодилу поктан...*
*Бад-ӯ гуфт: «Гар шоҳро дархварам[42],*
*Яке номвар пок холигарам[43].*
*Чу бишнид Заҳҳок, бинвохташ,*
*Зи баҳри хуриш ҷойгаҳ сохташ.*
*Калиди хуришхонаи подшо,*
*Бад-ӯ дод дастури фармонраво.*
*Зи ҳар гуна аз мургу аз чорпой*
*Хуриш карда овард як-як ба ҷой...*
*Бихурду бар ӯ офарин кард сахт,*
*Маза ёфт з-он хурданаш некбахт...*
*Ба рӯзи чаҳорум чу бинҳод хон[44],*
*Хуриш сохт аз пушти гови ҷавон...*
*Чу Заҳҳок даст андароварду хвард[45],*
*Шигифт[46] омадаш з-он хушивор[47] мард.*
*Бад-ӯ гуфт: «Бингар, ки то орзуй,*
*Чӣ хоҳӣ, бихоҳ, аз ман, ай некхӯй[48]!*
*Хуришгар бад-ӯ гуфт, к - «Ай подшо,*
*Ҳамеша бизӣ шоду фармонраво!*
*Маро дил саросар пур аз меҳри туст,*
*Ҳама тӯшаи ҷонам аз чеҳри туст.*
*Яке ҳоҷат астам зи наздики шоҳ,*
*В-агарчи маро нест ин пойгоҳ[49].*
*Ки фармон диҳад шоҳ, то китфи ӯй,*
*Бибӯсам, бимолам бар ӯ чашму рӯй».*
*Чу Заҳҳок бишнид гуфтори ӯй,*
*Ниҳонӣ надонист бозори ӯй.*

---

[41] ***Сухун – сухан.***
[42] ***Дархварам - лоиқам, сазоворам, муносибам.***
[43] ***Холигар – ошпазам.***
[44] ***Хон – дастархон.***
[45] ***Хвард – хурд.***
[46] ***Шигифт - тааҷҷуб, ҳайрат.***
[47] ***Хушивор - хирадманд, оқил.***
[48] ***Некхӯй - хушфеъл, хушхулқ.***
[49] ***Пой- гоҳ - қадр, мартаба.***

*Бад-ӯ гуфт: - «Додам ман ин коми ту[50],*
*Баландӣ бигирад магар номи ту».*
*Бифармуд то дев чун ҷуфти ӯ*
*Ҳаме бӯсае дод бар китфи ӯ.*
*Чу бӯсиду шуд дар замин нопадид,*
*Кас андар ҷаҳон ин шигифтӣ надид.*
*Ду мори сиёҳ, аз ду китфаш бируст,*
*Ғамӣ гашту аз ҳар сӯе чора чуст.*
*Саранҷом бубрид ҳарду зи китф,*
*Сазад гар бимонӣ аз ин дар шигифт.*
*Чу шохи дарахт он ду мори сиёҳ,*
*Баромад дигарбора аз китфи шоҳ.*
*Пизишкони фарзона гирд омаданд,*
*Ҳама як ба як достонҳо заданд.*
*Зи ҳар гуна найрангҳо сохтанд,*
*Мар-он дардро чора нашнохтанд.*
*Ба сони пизишке пас иблис тафт[51],*
*Ба фарзонагӣ назди Заҳҳок рафт.*
*Бад-ӯ гуфт, к- «Ин буданӣ кор буд,*
*Бимон, то чӣ монад, набояд дуруд[52].*
*Хӯриш созу оромияш деҳ, ба хвард,*
*Нашояд ҷуз ин чорае низ кард.*
*Ба ҷуз магзи мардум мадеҳшон хӯриш,*
*Магар худ бимиранд аз ин парвариш».*
*Нигар наррадев андар ин ҷустуҷӯ,*
*Чи ҷусту чи дид андар ин гуфтугӯ.*
*Магар то яке чора созад ниҳон,*
*Ки пардухта[53] монад зи мардум ҷаҳон...*
*Чу Заҳҳок бар тахт шуд шаҳриёр,*
*Бар ӯ солиён анҷуман шуд ҳазор[54].*
*Ҳунар хор шуд, ҷодуӣ арҷманд[55],*

---

[50]***Додам ман ин коми ту*** - ***ба ин мақсад мерасонам.***
[51]***Тафт*** - ***шитоб кард.***
[52]***Набояд дуруд*** - ***(морро) буридан лозим нест.***
[53]***Пардухта*** - ***холӣ, тиҳӣ.***
[54]***Мазмуни мисраъ*** - ***подшоҳии ӯ ҳазор сол давом кард.***
[55]***Арҷманд*** - ***соҳиби эътибор.***

*Ниҳон ростӣ, ошкоро газанд*[56].
*Шуда бар бадӣ дасти девон дароз,*
*Зи некӣ набудӣ сухан ҷуз ба роз...*
*Надонист худ ҷуз бад омӯхтан,*
*Ҷуз аз куштану горату сӯхтан.*
*Чунон буд, ки ҳар шаб ду марди ҷавон*
*Чи кеҳтар*[57]*, чи аз тухмаи*[58] *паҳлавон,*
*Хӯришгар бибурдӣ аз айвони шоҳ*
*В-аз ӯ сохтӣ роҳи дармони шоҳ.*
*Бикуштиву магзаш бурун охтӣ*[59]*,*
*Мар-он аждаҳоро хӯриш сохтӣ.*
*Чунон буд, ки як рӯз бар тахти оҷ*[60].
*Ниҳода ба сар-бар зи пирӯза*[61] *тоҷ.*
*Зи ҳар кишваре меҳтаронро бихост,*
*Ки дар подшоҳӣ кунад пушт рост*[62].
*Аз он пас чунин гуфт бо мубадон*[63]
*Ки: «Ай пурҳунар номвар бихрадон*[64]*!*
*Яке маҳзар*[65] *акнун бибояд набишт,*
*Ки ҷуз тухми некӣ сипаҳбад*[66] *накишт».*
*Зи бими сипаҳбад ҳама ростон*
*Бад-он кор гаштанд ҳамдостон»*[67].
*Дар он манзари аждаҳо ногузир*
*Гувоҳӣ навиштанд барнову пир...*
*Ситамдидаро пеши ӯ хонданд,*
*Бари номдорон-ш бишнонданд.*
*Бад-ӯ гуфт меҳтар ба рӯи дижам*[68]*,*
*Ки: «Баргӯй, то аз кӣ дидӣ ситам?»*

---

[56]***Газанд** - зиён, зарар.*
[57]***Кеҳтар** – хурд*
[58]***Тухма** - асл, нажод.*
[59]***Охтан** - берун кардан.*
[60]***Тахти оҷ** - тахте, ки аз устухони фил сохта шудааст.*
[61]***Пирӯза (фирӯза)** - навъе аз сангҳои қиматбаҳои кабудранг ё осмониранг, ки барои зебу зинат ба кор мебаранд.*
[62]***Пушт рост кардан** - устувор шудан, пойдор шудан.*
[63]***Мӯъбадон** - олим ва донишманди дини зардуштӣ.*
[64]***Бихрад** – донишманд.*
[65]***Маҳзар** - ҳуҷҷат, шаҳодатнома.*
[66]***Сипаҳбад** – подшоҳ.*

*Хурӯшиду зад даст бар сар зи шоҳ,*
*Ки «Шоҳо, манам Коваи додхоҳ!*
*Бидеҳ доди ман, омадастам давон,*
*Ҳаменолам аз ту ба ранҷи равон.*
*Зи ту бар ман омад ситам бештар,*
*Занӣ ҳар замон бар дилам нештар.*
*Ситам гар надорӣ ту бар ман раво,*
*Ба фарзанди ман даст бурдан чаро?*
*Маро буд ҳаждаҳ писар дар ҷаҳон,*
*Аз эшон яке мондааст ин замон.*
*Бубахшову бар ман яке дарнигар,*
*Ки сӯзон шавад ҳар замонам ҷигар.*
*Шаҳо, ман чӣ кардам, яке бозгӯй*
*В-агар бегуноҳам, баҳона маҷӯй.*
*Ба ҳоли ман, ай тоҷвар, дарнигар,*
*Маяфзой бар хештан дарди сар...*
*Ҷавонӣ намондасту фарзанд нест,*
*Ба гетӣ чу фарзанд пайванд нест...*
*Яке безиён марди оҳангарам,*
*Зи шоҳ оташ ояд ҳаме бар сарам».*
*Сипаҳбад ба гуфтори ӯ бингарид,*
*Шигифт омадаш, к-он суханҳо шунид.*
*Бад-ӯ боз доданд фарзанди ӯй,*
*Ба хубӣ биҷустанд пайванди ӯй.*
*Бифармуд пас Коваро подшоҳ,*
*Ки бошад бад-он маҳзар ӯро гувоҳ.*
*Чу бархонд Кова ҳама маҳзараш,*
*Сабук сӯи пирони он кишвараш.*
*Хурӯшид, ки «ай поймардони[69] дев,*
*Бурида дил аз тарси кайҳонхидев[70],*
*Набошад бад-ин маҳзар андар гувоҳ,*
*На ҳаргиз барандешам аз подшоҳ».*
*Хурӯшиду барҷаст, ларзон зи ҷой,*
*Бидарриду бистурд[71] маҳзар ба пой.*

---

***[67]Ҳамдостон – ҳамфикр.***
***[68]Дижам - хашмгин,ғазаболуд.***
***[69]Поймардон - мададгорон, ёварон.***
***[70]Кайҳонхидев - подшоҳи ҷаҳон.***

*Гаронмоя фарзанди ӯ пеши ӯй,*
*Аз айвон бурун шуд хурӯшон ба кӯй...*
*Чу Кова бурун омад аз пеши шоҳ,*
*Бар ӯ анҷуман гашт бозоргоҳ.*
*Ҳаме бархурӯшиду фарёд хонд.*
*Ҷаҳонро саросар сӯи дод хонд.*
*Аз он чарм, к-оҳангарон пушти пой,*
*Бипӯшанд ҳангоми захми дарой[72],*
*Хамон Кова он бар сари найза кард,*
*Ҳамон гаҳ зи бозор бархост гард...*
*Ҳамерафт пеш андар он марди гурд[73],*
*Сипоҳе бар ӯ анҷуман шуд, на хурд..*
*Ба ҳар бому дар мардуми шаҳр буд,*
*Касе, к-аш зи ҷанговарӣ баҳр[74] буд...*
*Зи деворҳо хишту аз бом санг,*
*Ба кӯй андарун тегу тири ҳаданг.*
*Биборид чун жола з-абри сиёҳ...*
*Касеро набуд бар замин ҷойгоҳ.*
*Сипоҳиву шаҳрӣ ба кирдори кӯҳ,*
*Саросар ба ҷанг андарун ҳам гурӯҳ.*
*Аз он шаҳри равшан яке тира гард,*
*Баромад, ки хуршед шуд лоҷвард.*
*Бибурданд Заҳҳокро баста хор,*
*Ба пушти ҳаюне[75] барафканда зор...*
*Биёвард Заҳҳокро чун наванд,*
*Ба кӯҳи Дамованд кардаш ба банд.*
*Фурӯ баст дасташ бад-он кӯҳ боз,*
*Бад-он то бимонад ба сахтӣ дароз.*
*Бимонд ӯ бар ин гуна овехта*
*В-аз ӯ хуни дил бар замин рехта.*
*Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,*
*Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.*
*Набошад ҳаме неку бад пойдор,*
*Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.*

---

[71]***Бистурд - пок кард, тарошид.***
[72]***Захми дарой – болгазанӣ.***
[73]***Гурд – паҳлавон.***
[74]***Баҳр – баҳра.***
[75]***Ҳаюн - шутур.***

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г Ч М Ч

*1. Луғатҳои додашударо кор фармуда мазмуни достони «Кова ва Заҳҳок»-ро нақл кунед.*
*2. Аз муносибатҳои байни ҳамдигарии қаҳрамонони достон чӣ хулоса кардед?*
*3. Оё дар зиндагӣ чунин одамон ҳастанд?*
*4. Байти зерро ба наср баргардонед:*

*Набошад ҳаме неку бад пойдор,*
*Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.*

Нависандаи номии тоҷик - Сотим Улуғзода чандин достони «Шоҳнома»-ро ба наср гардонда, барои боз ҳам афзудани шӯҳрати достонҳои “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ саҳми худро илова намудааст. Яке аз он достони насрии Сотим Улуғзода “Кова ва Заҳҳок” ном дорад, ки онро пешкаши хонандагон намудааст.

## ДОСТОНИ “КОВА ВА ЗАҲҲОК”-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Дар ҳамсоягии давлати Ҷамшед мамлакате буд бузург ва паҳновар, ки биёбонҳои бекарон дошт; подшоҳи он мамлакат, ба ном Мардос, дар саховату ненекӯкорӣ машҳур буд. Писари ӯ Заҳҳок ҷавони сабук, бодӣ, сангдил ва бедодгаре буд.

Аҳремани фитнаангез, ки барои корҳои зишт ҳамин гуна одамони камхирад ва худкомро меҷӯяд, як пагоҳ худро ба сурати марди некандеше даровара назди Заҳҳок омад ва бо забони нарму овози форам ба гӯши вай афсун хондан гирифт.

*Фаровон сухан гуфт зебову нағз,*
*Ҷавонро зи дониш тиҳӣ буд мағз.*

- Рӯзе ҳаст, ба ту дахл дорад, онро ғайр аз ман ҳеҷ кас намедонад, – афсуни худро озод кард Аҳреман.

- Бигӯ, чист он роз? – пурсид Заҳҳок.

- Аввал савганд бихӯр, ки ба касе намегӯӣ, - талаб кард Аҳреман.

Заҳҳок савганд хӯрд, Аҳреман гуфт:

- Падари пире, ки ҳамчун ту писаре дорад, чаро бояд дар тахт нишинад? То кай менишинад? Подшоҳӣ ба ту мезебад. Чаро ту сустӣ мекунӣ? Агар хоҳӣ, метавонӣ падаратро ба осонӣ аз миён бардорӣ ва ба ҷояш худат биншинӣ.

Ба дили Заҳҳок алов афтод, ҳирси ҷоҳталабиаш ҷӯшид, лекин ҳар чӣ ҳам бошад, аз падаркушӣ андеша кард ва гуфт:

- Ин кор шоиста нест.

- Ту савганд хурдӣ, - тарсонд ӯро Аҳреман, - агар гуфтаи маро накунӣ, савгандзада мешавӣ, ба балое гирифтор мешавӣ.

Ҷавон ба доми Аҳреман ғалтида пурсида:

- Подшоҳро чӣ тавр аз миён мебардорам?

- Чораи инро ман месозам, - гуфт Аҳреман, - сари туро ба авҷи хуршед мерасонам, лекин ту ҳоли ҳозир хомӯш бош, то ман ин корро ба анҷом расонам.

Саҳар Мардоси бахтбаргашта чун ба боғ баромад, ногаҳон ба он чоҳ ғалтида ҳалок шуд.

Заҳҳоки падаркуш бар тахти подшоҳӣ нишаст.

## Фиреби Аҳреман

Аҳреман боз макри дигаре сохт: худро ба сурати ҷавони донои суханваре даровարда назди Заҳҳок омад, ӯро ситоиш кард ва гуфт:

*- Ман пазандаи моҳирам, таомҳои шоҳона мепазам.*
*Заҳҳок вайро ошпази хоси худ таъин кард.*

Аҳреман:

*Зи ҳаргуна аз мурғу аз чорпой*
*Хӯриш карда овард як-як ба ҷой,*
*Ба хунаш бипарвард бар сони шер.*
*Баъд-он то кунад подшоро далер.*

Рӯзи дигар ба ноштои шоҳ хӯрише аз кабку тазарв тайёр карда овард. Заҳҳоки шикампарвар хушнуд гашт. Рӯзи саввум дастархони шоҳро бо чӯҷакабобу барракабоб ороста кард. Ҳар рӯз хӯроке беҳтару лазизтар аз дирӯз мепухт. Меҳри Заҳҳок бар вай торафт меафзуд. Рӯзи чаҳорум ҷавон аз гӯшти гӯсола хӯроки дилкаше омехта бо заъфарону гулобу шароби солхӯрдаву мушки ноб тайёр карда овард. Заҳҳок чунон табъаш болид, ки ба пазанда гуфт:

- Аз ман ҳар чӣ хоҳӣ, бихоҳ!

Аҳреман, ки мунтазири ҳамин фурсат буд, гуфт:

- Эй подшоҳ, ҳамеша шод ва фармонраво бизӣ.

*Маро дил саросар пур аз меҳри туст,*
*Ҳама тӯшаи ҷонам аз чеҳри туст.*

Ягона орзуи ман ин аст, ки иҷозатам диҳӣ,то ба тариқи бандагӣ ду китфи туро бибӯсам.

Заҳҳок иҷозат дод, Аҳреман ҳар ду китфи ӯро бибӯсид ва ҳамон дам нопадид гашт.

Аз ду китфи шоҳду мори сиёҳ рӯид. Заҳҳок тарсид, ваҳмид, фармон дод, ки морҳоро аз бех бурида партоянд.



Буриданд, лекин ҳамон дам боз ду мори дигар мисли ду шохи дарахт қад кашид.

Табибони донишманд чӣ қадарҳо кӯшиданд, ки моронро нест кунанд, лекин натавонистанд.

Он гоҳ Аҳреман худро ба сурати табиби пурдонише даровард назди Заҳҳок омад ва гуфт:

- Буридани морон суд надорад. Онҳоро хӯрок дода ором кардан лозим аст. Хӯриши ин махлуқҳо мағзи сари одам аст. Барои он ки ором шаванду ба ту осебе нарасонанд, бифармой – ҳар рӯз аз мағзи сари ду кас хӯрок пухта ба онҳо хӯронанд. Шояд морон оқибат аз ин навъ парвариш бимиранд.

Душмани одамиён Аҳреман бо ин чӣ мехост? Ӯ мехост, ки ҳамаи одамиён кушта шаванд ва насли инсон несту нобуд гардад.

## Тохтани Заҳҳок ба Эрон

Дар ҳамон вақт буд, ки ғурури Ҷамшед боло гирифт. Бисёрии саркардагон, ҳокимони вилоятҳо аз вай рӯ гардонда буданд; аз ҳар гӯшаи мамлакат сардоре сар бардошта даъвои истиқлол мекард, давлати Ҷамшедро шӯру ошӯб фаро гирифта буд. Раият ва сипоҳ ҷӯёи подшоҳи дигаре шуда буданд, ки тавонад осудагии мамлакат ва халқро барқарор намояд.

Заҳҳокро ба подшоҳӣ даъват карданд.

Онҳо аз золимию хунхории Заҳҳок бехабар буданд.

Заҳҳок лашкари гароне бар зидди Ҷамшед равона кард.

Ҷамшед тоб наёвард ва гурехт, лекин пас аз чанде ба даст афтод. Заҳҳок фармон дод – ӯро бо арра бурида ду ним карданд. Фотеҳи бегона қасрҳо ва тахту тоҷу ганҷи ӯро ба даст даровард.

*Саросар замона бад-ӯ гашт боз,*
*Баромад бар ин рӯзгори дароз.*
*Ниҳон гашт ойини фарзонагон,*
*Пароканда шуд номи девонагон.*
*Ҳунар хор шуд, ҷодуӣ арҷманд,*
*Ниҳон ростӣ, ошкоро газанд.*
*Шуда бар бадӣ дасти девон дароз,*
*Зи некӣ набудӣ сухан ҷуз ба роз.*

Оҳу нолаи ҷафокашон чун абри сиёҳ фазои Эронзаминро фаро гирифт. Нӯкарони Заҳҳок аз халқ хироҷи яғмогарона меситониданд, деҳқону косибони нофармониӣ кардаро мекуштанд, хонаҳошонро оташ мезаданд.

Аммо бадтар аз ҳама ин буд, ки ҳар шаб ҷаллодони шоҳи аждаҳопайкар ба хонаҳои мардум шабехун зада, ду ҷавони солими навқиронро кашон-кашон ба дарбор бурда мекуштанду аз мағзи сарашон барои морони Заҳҳок хӯриш месохтанд. Морони аждаҳоваш шаб ором мешуданду саҳар боз фаш-фашкунон гирди сари Заҳҳок печида, ӯро ба қину азоби тоқатфарсо меандохтанд.

Доду фарёди падару модарони мусибатзада ба фалак мепечид.

## Армаил ва Кармаил

Дар шаҳр Армаил ва Кармаил ном ду марди поксириште мезистанд, ки ҳам далер ва ҳам раҳмдил буданд. Дуяшон чора андешиданд.

Кармаил гуфт:

- Медонем, ки ҷавононро баста оварда ба дари ошхонаи подшоҳӣ мепартоянд, аммо баъд бо онҳо чӣ кор мекунанд, ҳеҷ кас намедонад.

Армаил гуфт:

- Моро лозим аст, ки ба ошхонаи подшоҳ роҳ ёбем, то ин розро дарёбем.

Пас ҳар ду ба хизматгории ошхонаи подшоҳӣ дохил шуданд.Муддате хизмат карданд, лекин воқифи асрор нашуданд, зеро Аҳреман хӯриши моронро дар ғайби хизматгорон мепухт.

Шабе аз шабҳо Армаил ва Кармаил дар ошхона монданд ва дар гӯшае поида хоб рафтанд. Бомдод аз доду фарёде бедор шуда диданд, ки нӯкарон ду ҷавони хунолуда ва ҳаросону ларзонро кашон-кашон оварда ба фарши хона афкананд. Ҷаллоде табар ба даст ҳозир шуда сари онҳоро бурид ва сипас ошпаз сарҳои буридаро кафонда, мағзи онҳоро гирифта, бо дорувор омехта ба деги тафсон андохт... Армаил ва Кармаил бо дили пур аз аламу ғазаб он амали даҳшатангезро дида, сирри пинҳонии даргоҳи Заҳҳокро донистанд.

Аҳреман он таоми офатнишонро пухта ба табақи заррин андохт. Хушҳол буд, иблисона ришханд мекард. Армаил ба сараш фикри тозае омаду ба дил гузаронд, ки ин сирро то охир бояд донист. Дӯстон худҳошонро ошкор сохта чунин вонамуд карданд, ки гӯё ҳамин дам омада ба ошхона даромадаанд, Армаил бо таъзими эҳтирому фармонбарӣ назди Аҳреман омада дастонашро дароз кард, то табақи таомро гираду барад. Аҳреман чобукию хизматгузории ӯро хуш кард ва табақро ба դасташ дод.

Армаил бо он табақ ба боргоҳи подшоҳ равон шуд. Чӣ дид? Дид дар боргоҳи калони пурнақшу нигор бар тахти зарандӯди мурассаъ ба дурру гавҳару лаълу фирӯза як марди лоғари зиштандоми кареҳманзаре бо ранги зарди заъфарноӣ нишастаасту ду мори сиёҳи ваҳшатангез аз ду китфи ӯ қад кашида фаш-фашкунон гирди сари тоҷдораш печу тоб мехӯранд. Армаил аз он пеш подшоҳро надида буд, зеро Заҳҳок шамоили нафратангезашро ба халқ нишон намедод ва аз қасраш намебаромад.

Армаили ҳайратзадаи ба даҳшат афтода дар дами дари боргоҳ барҷо монду маҷоли қадам бардоштан надошт. Он гоҳ Заҳҳок бо асабияту беқарорӣ бо дасташ ба вай ишора кард, ки пеш биёяд. Армаил наздик рафта табақи зарринро ба вай дароз карда буд, ки дарҳол морҳо фаш-фашкунон ба ба хӯрок дарафтиданд ва онро дар як дам бо забонҳои сурху дарози

теғмонандашон лесида тамом карданду ором шуда, рӯи китфи шоҳ дароз кашида пинак рафтанд.

Армаил ба ошхона баргашт ва он чӣ дида буд, ҳамаро ба Кармаил нақл кард. Кармаил аз ҷигар оҳи дардноке кашид ва гуфт:

- Ҳоло маълум шуд чаро он ҷавонони нагунбахт бе ному нишон мерафтаанд! Одамизодагони сарсабзи нерӯмандқурбони морҳои манҳус! Дод аз дасти шоҳи аждаҳобардӯш!

- Мо ба ошхонаи Заҳҳок роҳ ёфтем, хизматгори одамкушон шудем, то ки ба мардуми бахтбаргашта мададе расонем, - гуфт Армаил, - акнун магар ин бадкирдории даҳшатангезро дида дам меистем?

- Хӯриши морон фақат мағзи сари одамӣ будааст, чора чист?

Армаил ба андеша рафта, бо як умедворӣ чунин ҷавоб дод:

- Мағзи сари одамиро бо мағзи сари гӯсфанд омезем чӣ шавад? Дар ин сурат ҳар рӯз аз ду ҷавони гирифторшуда якеро наҷот додан мумкин мебуд.

Ин сухан маъқул афтод ва ду дӯсти далер пинҳонӣ ба кор сар карданд. Бо ҳилаю найранг худҳошонро ба иблиси ошпаз хуш карда, эътимоди ӯро ноил шуданд ва он гоҳ вай рухсаташон дод, ки аз он баъд ҳамон хӯроки манҳусро дуяшон пазанд.

Аҳремани бадсиришт ҳатто хушнуд шуд, ки ду шогирд – ду хизматгори чобук ва содиқе ба даст овард: акнун вай метавонист вақташро ба эҷоди бадиҳо ва фитнаю фасодҳои дигаре сарф кунад.

Армаил ва Кармаил мағзи сари одамиро ба мағзи мари гӯсфанд омехта мепухтанду бо ин тариқ ҷони яке аз ду ҷавони гирифтор шударо халос мекарданд.

Ба халқи мазлуми ҷафокаш фақат ҳамин қадар некӣ кардан аз дасташон омад, беш аз ин чорае наёфтанд. Бо ҷавони наҷот додаашон видоъ карда мегуфтанд:

- Бираву пинҳон шав, аз шаҳрҳо дур бош.

*Нигар, то набошӣ ба ободшаҳр,*
*Туро дар ҷаҳон кӯҳу дашт аст баҳр.*

Бо ин тариқ ҳар моҳ си нафар ҷавон аз кушта шудан наҷот меёфтанд. Чун дусад нафар мешуданд, Армаил ва Кармаил ба онҳо пинҳонӣ аз рамаҳои подшоҳӣ чанде гӯсфанду буз дода, ҳамаашонро ба дашту кӯҳҳо равона мекарданд.

Ровиёни ахбори қадим ривоят мекунанд, ки халқи кучманчии курд авлоди ҳамон ҷавонони гуреза аст ва курдҳо мардумони шуҷоъ, кӯҳу саҳродӯст, ба сахтиҳои зиндагӣ тобовар мебошанд.

# Хоб дидани Заҳҳок

Шабе аз шабҳо Заҳҳоки ситамгар хоб дид, ки ногаҳон се паҳлавони ҷанговар пайдо шуданд, ду нафари онҳо калонсол буданд ва як нафарашон ҷавон. Хурдашон паҳлавоне буд барно ва зебо, қоматаш чун сарв, камари шоҳворе ба миёнаш баста ва ба дасташ яке гурзи гарони говсар дошт. Вай хурӯшону дамон омада гурзро бар сари Заҳҳок зад ва ӯро ғалтонда, дастҳояшро баст ва ба гарданаш каманд андохт ва баъд ҳар се паҳлавон ӯро дар гарду хок кашолакунон ба сӯи кӯҳи Дамованд бурданд.

*Бупечид Заҳҳоки бедодгар,*
*Бидарридаш аз бим, гуфтӣ ҷигар.*

Вай аз тарс ба сони даррандаи захмхӯрда:

*Яке бонг барзад ба хоб андарун,*
*Ки ларзон шуд он хонаи садсутун.*

Саҳар фармон дод, ки аз тамоми мамлакат мӯъбадон[76] ва ситорашиносонро ба дарбор даъват кунанд. Чун ҳозир шуданд, Заҳҳок ба онҳо хоби машъумашро[77] гуфта, таъбири онро пурсид.

*Бигуфто: Маро зуд огаҳ кунед,*
*Равонро сӯи равшанӣ раҳ кунед,*
*Ки бар ман замона кайояд ба сар?*
*Киро бошад ин тоҷу тахту камар?*

Мӯъбадон се рӯз мӯҳлат хостанд. Агарчи таъбири хоби Заҳҳок ба онҳо маълум шуда буд, лекин то се рӯз ба гуфтан ҷуръат накарданд, метарсиданд, ки агар росташро гӯянд, подшоҳи золим онҳоро мекушад.

Рӯзи чаҳорум Зирак ном мӯъбади хирадманди ростгӯй ва нотарс бо Заҳҳок рӯёрӯй истода гуфт:

- Таъбири хобат ин аст, кӣ подшоҳии ту дер намепояд. Фаридун ном баҳодури ҷавоне аз насли шоҳони қадимии Эрон туро сарнагун мекунад. Фаридунро ҳанӯз модараш назоидааст, лекин ӯ ба дунё меояд, туро бо гурзии гароне говсар зада ҳалок мегардонад ва молики тахту тоҷ мешавад.

---

*[76]Мӯъбад – намояндаи дин.*
*[77]Машъум – номуборак, манҳус.*

Заҳҳок чун гуфтори Зираки донишманд ва далерро шунид, беҳуш шуда аз тахт фурӯ ғалтид. Чун ба ҳуш омад амр кард, ки зиракро фавран гирифта лабонашро буранд ва пӯст кананд, лекин мӯъбади ҳушманди оқибатандеш нопадид гашта буд. Ӯро дар саросари шаҳр ҷустанд ва наёфтанд, вай аз шаҳр бадар рафта ва пинҳон шуда буд.

*Нишони Фаридун ба гирди ҷаҳон*
*Ҳаме боз ҷуст ошкору ниҳон.*
*На ором будаш, на хобу хвард,*
*Шуда рӯзи равшан баъд-ӯ лоҷуворд*[78].

## ФАРИДУН

Дар он кишвари зулмобод, ки подшоҳаш Заҳҳоки аждаҳобардӯш буд, Отибин ном марди некӯсириште мезист, ки нажодаш ба шоҳони Эронзамин ва ба Таҳмураси девбанд мерасид. Аёли вай Фаронак ном зани покдил ва меҳрубоне буд.

Боре Фаронак хоб дид, ки дар марғузори сабзу шукуфоне сайр мекунад, баногоҳ ҷавони барнои хушсурате падидор шуда ба вай мегӯяд:

- Эй зани покдил, ба хонаат биштоб ва ба шавҳарат хабари хӯш бирасон: шумоён писаре меёбед, ки ӯ ситораи иқболи кишвараш ва халқаш хоҳад шуд. Ту номи писаратро Фаридун мегузорӣ; вай сарвари паҳлавонони Эронзамин, ба қомат чун сарв, ба чеҳра чун хуршед, ба шуҷоат чун шер хоҳад буд. Барои кишвари ҷафокаши худ вай чун борони пурфайзи баҳорон ба замини хушку ташна хоҳад буд.

Гӯянда Сурӯши[79] некукор буд, ки худро ба сурати ҷавони зебое намудор карда буд. Фаронак бедор шуда, шавҳарашро ҳам бедор кард ва ба вай хоби аҷиби худро нақл кард.

Отибин шодикунон гуфт:

- Ман аз нажоди шоҳони қадими Эронзаминам, пас чӣ аҷаб, агар фарзандам озодибахши кишвари мо гардад!

Башорати Сурӯши некукор ба вуҷуд омад – Фаронак писар зоид ва номи ӯро Фаридун гузошт.

Аммо шодии модару падари хушбахт дер накашид. Навкарони Заҳҳок, ки ба ҷустуҷӯи Фаридун дар саросари кишвар такопӯ доштанд, паи ӯро гирифтанд. Отибин ва Фаронак дар халосии ҷони фарзандашон ӯро бардошта, сар ба кӯҳу биёбон гирифтанд. Шаб ба ғоре ё бешазоре паноҳ мебурданд. Ҳар гоҳ, ки Отибин ба ҷустуҷӯи хӯрокворӣ мерафт, Фаронак бо кӯдакаш дар ҳамон ғор ё бешазор мемонд. Рӯзе ӯро навкарони Заҳҳок дар саҳро дастгир карда ба дарбор бурданд.

---

[78]***Лоҷуворд – кубудранг, нилгун.***

[79]***Сурӯш – фариштаи пайғомовар, фаришта***

- Писарат Фаридун куҷост? – дод зад Заҳҳок.

- Писарамро одамҳо, кӯҳҳо, бешазорҳо аз ту пинҳон мекунанд, то ба воя расад. Он гоҳ вай зоҳир хоҳад шуд, тахту тоҷро аз ту хоҳад рабуд, диёрашро аз ситами ту, ки подшоҳи бегона ҳастӣ, озод хоҳад кард!

Заҳҳок хашмгин шуд, фармон дод, то Отибинро сар бурида аз мағзи сараш барои морон хӯриш бипазанд. Фаронаки шӯрбахт ҳамоно бо кӯдакаш дар кӯҳу бешазорҳо саргардон мегашт. Модари бечора хаставу нотавон шуда буд, бачааш аз гуруснагӣ мегирист.

Боре Фаронак дар марғзор ба модагови аҷоибе дучор шуд. Модагов ниҳоят зебо, хушранг, назаррабо буд, ҳар тори мӯяш чун пари товус ранги дигаре дошт. Фаронак аз дидани он ҳайвони рангини мӯъҷизаосо чашмонаш хира гашт. Чун хастаҳол буд, нишаста бар рӯи сабза паҳлӯ зад ва пинак рафт. Шарфаи поеро шунида чашм боз кард, дид, ки чӯпоне таёқ ба даст дар болои сараш истодааст. Ҳаросон шуда пурсид:

- Ту кистӣ?

- Ман нигаҳбони ҳамин марғзору бешазор ҳастам ва ин модагови аҷоибро, ки номаш Бармоя аст, мепоям, - ҷавоб дод чӯпон.

- Ман зани Отибини номдор ҳастам, ки подшоҳи аждаҳопайкар ӯро кушт; номам Фаронак ва ин кӯдак писари ман Фаридун аст.

- Номи Фаридуни баҳодурро кӣ нашунидааст? – гуфт чӯпон ва ба тарафи кӯдак таъзим кард. – Халқон дар интизори озодкунандаи худанд. Ту хаставу беҳол шудаӣ, дар кӯҳсору бешазорон овораву саргардон гаштани ту ба ҷони худад ва ҷони писарад хатар дорад, ту бачаатро ба ман бидеҳ, ман нигаҳбонаш мешавам, аз чашми навкарони Заҳҳок пинҳон ва бо шири Бармояи нестдарҷаҳон парваришаш мекунам.

Модари ғамзадаи парешонрӯзгор дилаш ба сидқи гуфтори пирамард гувоҳӣ дод ва бачаро ба вай супорд. Чӯпон Фаридунро бо меҳрубонии падарона се сол парварид. Дар ин миён ба Заҳҳок хабар расид, ки дар фалон марғзор модагови аҷоибе мечарад ва Фаридун бо шири вай парвариш меёбад. Дили модар хатари ба ҷони фарзандаш омадаро ҳис кард: вай бо шитобу ҷадал дар козаи[80] пирамарди чӯпон ҳозир шуд ва бачаашро ба синааш пахш карда гуфт, ки ғайр аз гурехтану пинҳон шудан чора нест.

*Бибуррам пай аз хоки ҷодуситон,*
*Шавам бо писар сӯи Ҳиндустон.*
*Шавам нопадид аз миёни гурӯҳ,*
*Мар инро барам то ба Албурзкӯҳ.*

---

***[80]Коза – хонаи аз наю шохи дарахтон сохта дар сари кишт, каппа, чайла.***

Фаронак пас аз тайи дашту биёбонҳо бо Фаридун ба кӯҳи Албурз расид. Дар Албурзкӯҳ Фаридунро ба як марди порсо, ки тарки дунё карда дар он ҷо мезист, супурд ва гуфт:

- Эй некмард, ман зани мусибатзадае ҳастам; шавҳарам – падари ин кӯдак қурбони морони Заҳҳок шуд ва акнун он золими хунхор ба қасди ҷони писарам афтодааст. Таваллуди писарам ва сарнавишти ӯро Суруш ба ман хабар дода буд. Фаридуни ман рӯзе пешвои халқ шуда, интиқоми кушташудагонро аз Заҳҳоки хунхор хоҳад гирифт. Ту Фаридунро ба ҷои падар бош ва чун фарзанди худат тарбия карда ба воя расон.

Марди порсо қабул кард ва тарбияи Фаридунро ба ӯҳда гирифт.

Навкарони Заҳҳок ба чарогоҳи Бармоя рафта, Фаридунро дар он ҷо наёфтанд, марғзорро поймол карданд ва он модагови яктои нестдарҷаҳонро куштанд: сипас ба хонаи пештараи падару модари

Фаридун рафта онро оташ заданд.

## Огоҳ шудани Фаридун аз насаби худ

Фаридун дар Албурзкӯҳ бо парвариши пирамарди порсо дар шонздаҳсолагӣ ҷавоне қоматбаланд зӯрманд ва диловар шуд.

Аммо намедонист падараш кист. Рӯзе аз кӯҳ ба дашт фаромада назди Фаронак рафт ва гуфт:

- Модар, ба ман ниҳонро ошкор кун: падарам кӣ буд? Аз насли киям ман?

Фаронак рози пинҳонро ошкор кард:

- Писари далерам, падари ту марди хирадманд ва нексиришт буд, аз нажоди шоҳони қадими Эронзамин буд, насабаш баъди якчанд пушт ба шоҳ Таҳмураси девбанд мерасид. Заҳҳоки золим ӯро кушта, аз мағзи сараш барои морони худ хӯрок пазонд. Баъд Заҳҳок хобе дидааст, мӯъбадон хоби ӯро чунин таъбир кардаанд, ки аз эрониён Фаридун ном паҳлавоне падид меояд ва ӯро бо гурзи калон зада мекушад. Заҳҳок ба ҷустуҷӯи ту афтод, ман туро бардошта аз тарс ба кӯҳу даштҳо гурехтам, нигаҳбони марғзоре ба ман раҳмаш омада гуфт: “Бачаатро ба ман деҳ, ман вайро бо шири гови хушзоти худам мепарварам”. Розӣ шудам, туро ба вай супурдам. Заҳҳок хабардор шуда, он гови хушзотро кушт, ба хонаи мо оташ зад. Ман боз ночор аз тарси шоҳи аждаҳобардӯш гурехта ба Албурзкӯҳ паноҳ бурдам ва туро – писарам, ба тарбияи марди порсо додам.

*Фаридун барошуфту бикшод гӯш,*
*Зи гуфтори модар баромад ба ҷӯш.*
*Дилаш пур зи дарду сараш пур зи кин,*
*Бар абрӯ зи хашм андаровард чин.*

Ба модараш гуфт:

- Шамшер мекашам, аз Заҳҳок интиқоми зулмдидагон ва хонавайроншудагонро мегирам, рӯзгорашро табоҳ ва боргоҳашро бо хок яксон мекунам!

Фаронак аз ғаюрӣ ва диловарии писараш ҳам фахр мекард ва ҳам метарсид, ки мабодо вай фалокает, балое ба сари ҷавони худ оварад. Насиҳаташ кард, ки:

- Эй фарзанд, беандеша мабош, ба ҷаҳон бо чашми ҷавонӣ нигоҳ накун. Заҳҳок подшоҳи зӯрмандест, сипоҳи фаровон дорад, боз агар хоҳад, аз ҳар вилоят сад ҳазор марди ҷангӣ ба хизматаш камар баста меоянд. Ҳар кас, ки шароби ҷавонӣ чашид, дар ҷаҳон танҳо худашро мебинаду бас. Ту низ ҳамин тавр. Аммо бидон, ки мастии ҷавонӣ мумкин аст, сари касро ба бод диҳад. Панди модаратро шунав, писар, аз ин ниятат баргард.

Лекин Фаридун бар азми худ устувор буд.

## КОВАИ ОҲАНГАР

Дар ин миён Заҳҳок дар андешаи Фаридун рӯзу шаб ба тарсу ваҳм буд; пайваста номи Фаридунро бар забон меронд. Медонист, ки Фаридун зинда ва ташнаи хуни ӯст.

Қарор дод бузургон ва мӯъбадони мамлакаташро даъват карда, бо ёрии онҳо пояи салтанаташро мустаҳкам намояд.

Онҳо ба боргоҳи ӯ ҷамъ омаданд. Заҳҳок тоҷи фирӯза ба сар ниҳода бар тахти оҷ нишаста ва ба мӯъбадон рӯ оварда гуфт:

- Эй номвар, хирадмандони пурҳунар! Ба шумо маълум аст, ки ман як душмани ниҳонӣ дорам. Агарчи ӯ ҷавон аст, лекин ман ӯро хурд намебинам – ӯ далер ва номҷӯй аст, мехоҳад маро сарнагун, тахту тоҷамро вожгун созад. Аз бади рӯзгор метарсам. Бояд чора ҷуст. Шумо як гувоҳнома нависед, ки ман подшоҳи одил, раҳмдил, ростқавл ҳастам ва ҳамеша ба ростию некӣ амал кардаам, то ки душманонам баҳонаи теғкашию интиқомҷӯӣ надошта бошанд.

Бузургон магар ҳад доштанд, ки амри подшоҳашонро ба ҷо наёранд? Ночор аз тарс гувоҳнома навиштанд ва ҳамаашон дар он гувоҳнома имзо карданд.

Ҳамин вақт дар майдони пеши қаср халқи ситамдида ҷамъ омада аз дасти шоҳи аждаҳобардӯш дод мегуфтанд, ғавғо мекарданд.

Як марди тануманди бокитфу бозӯ, ки дар чашмонаш оташи кину ғазаб шӯълавар буд, ба боргоҳ зада даромад. Ҷӯшону, хурӯшон даст бар сар зада, рӯёрӯи Заҳҳок истода фарёд кашид:

*- Эй ситамгар, ман Коваи оҳангарам!*
*Бидеҳ доди ман! Омадастам давон,*
*Ҳаме нолам аз ту ба ранҷи равон.*
*Зи ту бар ман омад ситам бештар,*
*Занӣ ҳар замон бар дилам неш тар;*
*Ситам гар надорӣ ту бар ман раво,*
*Ба фарзанди ман даст бурдан чаро?*
*Маро буд ҳаждаҳ писар дар ҷаҳон.*
*Аз эшон яке мондааст ин замон;*
*Бубахшою бар ман яке дарнигар,*
*Ки сӯзон шавад ҳар замонам ҷигар.*
*Шаҳо,ман чӣ кардам, яке бозгӯй,*
*Агар бегуноҳам,баҳона маҷӯй.*
*Ҷавонӣ намондасту фарзанд нест,*
*Ба гетӣ[81] чу фарзанд дилбанд нест.*
*Агар ҳафт кишвар ба шоҳи турост,*
*Чаро ранҷу сахтӣ ҳама баҳри мост?*

Заҳҳок гуфтори Коваро шунида дар ҳайрат монд ва тарсу ваҳмаш зиёдтар шуд. Андешид, ки беҳтар аст аз вай дилҷӯи кунаду худро боадлу инсоф нишон диҳад. Пас охирин фарзанди ӯ-писари ҳаждаҳумашро аз куштани барои хӯриши морон озод карда, ба падараш баргардонд. Пас ба Кова гувоҳномаро дароз кард ва фармуд, ки ба он имзо кунад. Кова онро гирифта хонд ва оташин шуда барошуфт, ба бузургон ва мӯъбадон рӯ оварда бонг зад:

- Эй беномусҳо, бевиҷдонҳо, тарсуҳо! Аз шоҳи аждаҳопайкар худ тарсида ҳамаатон мункири ҳақиқат шудед! Ба гуфтори ӯ дил супурдед! Бардурӯғ гувоҳӣ додед! Ман аз подшоҳи ситамгар наметарсам, бигузор маро кушад, лекин ман ба ин номаи мунофиқӣ даст намемонам, гувоҳӣ намедиҳам!

Инро гуфта, вай гувоҳномаро бо қаҳру ғазаб дарронда партофт ва поймол кард. Сипас писарашро решандоз карда хурӯшону дамон аз боргоҳ бадар рафт. Коваи оҳангар дар берун пешдомани чарминашро ба нӯги найза баст ва онро чун байрақ барафрошта бар сари бозор рафт ва нидо андохт:

---

[81]***Гетӣ** – ҷаҳон, дунё, олам.*

- Эй халқ! Дод аз дасти ситамгар! Дод аз зулми подшоҳи аждаҳобардӯш! То ин деви одамхорро аз сари худ дафъ накунем, ба мо зиндагӣ нест. Агар тӯъмаи аждаҳо шудан нахоҳед, агар ҳамият доред, бо ман биёед! Меравем назди Фаридун. Он баҳодурро ба худ сардор мекунем ва бо ситамгар меҷангем, аз вай интиқоми фарзандони кушташудаамонро мегирем!

## Қиём

Гуфтори пурсӯзу алами Кова шӯре дар дилҳои мардумон ангехт, издиҳоми косибон ва деҳқонони ситамдида аз дунболи Кова, ки байрақи чармини сари найза ба даст, пеш-пеш қадам мезад, равон гардиданд. Сари роҳ ба онҳо тӯда-тӯда мардумони шаҳру деҳоти дигар ҳамроҳ мешуданд.



## ВОХӮРӢ БО ФАРИДУН

Чун ба нишемангоҳи Фаридун расиданд, Фаридун нигоҳ кард, дид, ки халқи бисёре хурӯшону додхоҳ аз роҳ мерасанд ва пешопеши издиҳоми халқ марде тануманд ва ришсиёҳ бо чармпорае, ки бар сари найза бастааст меояд. Ба пешвози онҳо баромад. Кова истода ба ӯ хитоб кард:

- Эй Фаридуни баҳодур, мо бар зидди шоҳи бегонаи золими одамхор қиём кардем, назди ту додхоҳ омадем. Кини халқро аз ситамгар биситон, мора ба ҷанги ӯ бубар! Мо сипоҳи туем ва ту солори мо!

Фаридун байрақи чарминро ба фоли нек гирифт, шод шуд, гуфтори мардумони ҷафодидаро шунид. Нахуст фармон дод, то чармпораи Коваро бо порчаҳои гаронбаҳо ва бо зару гавҳар оростанд ва онро "Дирафши коваёнӣ[82]" хонданд.

Фаридун тоҷи подшоҳӣ бар сар ниҳода назди Фаронак омад ва гуфт:

- Модар, маро дуо кун, фотиҳа бидеҳ, ман ба корзор меравам, то Заҳҳокро сарнагун кунам.

Фаронак гириста фотиҳа дод, фарзандашро ба ҷаҳоди муқаддас равона кард. Бо фармоиши Фаридун аз растаи оҳангарон беҳтарин устодони ин ҳунарро ба наздаш оварданд, вай бо паргор ба замин шакли гурзро кашида ба онҳо нишон дод ва гуфт: "Барои ман ба ҳамин шакл гурзе бирезед". Сари гурз монанди сари барзагов буд. Оҳангарон баъди чанд рӯз онро сохта оварданд. Фаридун гурзро писандид ва ба устоҳои оҳангар сарулибос ва симу зар бахшид.

## ЮРИШИ ФАРИДУН

Фаридун бар аспи кӯҳпайкаре нишаста он гурзи говсарро ба даст гирифт ва дар сари лашкаре, ки аз халқ ба ҳам омада буд, рӯ ба сӯи пойтахти Заҳҳок ниҳод. Пешопеши лашкараш бо як азми ғазаболуди ҷангҷӯй асп меронд.

*Ҳаме рафт манзил ба манзил чу бод,*
*Саре пур зи кину диле пур зи дод.*

Шомгоҳ дар манзиле фурӯд омад, лашкараш бору буна афканд. Дар шаби тор ҷавоне бас хубрӯ ба сони парӣ назди Фаридун ҳозир гашт, ба ӯ суханҳо гуфт, роҳи кушодани тилисмҳои Заҳҳок ва боз кардани бандҳоро ёд дод ва ғоиб гардид. Фаридун донист, ки ин ёрирасони ногаҳонии ӯ боз ҳамон Сурӯши некӯкор аст, ки ин дафъа худро ба сурати ҷавони

---

[82] ***Дирафши коваёнӣ – байрақи Коваи оҳангар***

парипайкаре зоҳир кард. Донисту аз шодӣ чеҳрааш чун гули арғувонӣ шукуфт. Бахташро ҷавон ва давлатро ҳамъинон дид.

Хони зиёфат оростанд, бода нӯшиданд. Фаридун аз бода сараш гарон шуд, майли хоб кард, дар пояи кӯҳи Бурд ба хоб орамид. Ногоҳ садои ғурришe бедораш кард, чашм кушода дид, ки санги калоне паррону ғуррон аз кӯҳ ба болояш фурӯ меояд. Ҳамон лаҳза ба афсуне, ки Суруш ба ӯ ёд дода буд, сангро баргардонда бар танаи кӯҳ баст. Сипас чашмаш ба ду марде ғалтид, ки дар болои кӯҳ истода аз паси харсанге бо тарсу ҳарос ба поин нигоҳ мекарданд. Ҳар дуро шинохт – онҳо писарони ҳамон пирамарди албурзкӯҳӣ буданд, ки Фаридунро тарбия карда буд ва ба Фаридун нисбати бародарӣ доштанд, зеро мураббии порсо падархондаи Фаридун ҳам буд. Бародарон чун беҳунар буданд, ба ҷои ҳунар бахилиро пешаи худ карда, аз бахти бедори Фаридун ҳасад бурда, ба қасди куштани ӯ он санги калонро аз тори кӯҳ ба болояш ғелонда буданд.

Фаридун камар баста боз ба роҳ афтод. Воқифи асрори он ду бедодгар будани худро ба онҳо ошкор накард. Кова байрақи коваёниро барафрошта пеш-пеши сипоҳ мерафт. Лашкар ба сӯи Арвандрӯд, ки арабҳо Даҷла хонандаш, равона буд.

Ин дафъа бар лаби рӯд, дар шаҳри Бағдод манзил карданд.

Фаридун ба рӯдбонҳо фармон дод, ки зуд бо киштию завраққояшон лашкари ӯро аз об гузаронанд, рӯдбонҳо қабул накардан, гуфтан, ки бе фармон ва иҷозати шоҳ Заҳҳок киштӣ намеронанд.

Фаридун хашмнок шуда, аспи гулранги бодпойро бо тундӣ ба дарё ронд; аз паси ӯ ёронаш ҳам сар ба дарё ниҳоданд. Аспҳо бо зинашон дар об ғарқ шуданд, фақат ёли онҳо, чун шоҳбози хаёл дар шаби тор, бар рӯи об намудор буд. Ба хушкӣ баромада, беист роҳи Ганги Дижхухтро, ки арабҳо Байтулмуқаддасаш меноманд ва он шаҳр пойтахти Заҳҳок буд, пеш гирифтанд.

## Фатҳи коҳи Заҳҳок

Чун аз дашт ба наздики шаҳр расиданд, Фаридун аз масофаи як мил ба он нигоҳ кард, кохе дид, ки ба сипеҳр қад кашида ва ҳамчун ситораи Муштарӣ фурӯзон буд, донист, ки мақомгоҳи шоҳи аждаҳобардӯш он ҷост. Гурзи гаронро бардошта сари аспи тезтакро сар дод, дар як дам ба қаср расид, - гӯё оташе гардиду ногаҳон дар пеши посбонони қаср расид, - гӯё оташе гардиду ногаҳон дар пеши посбонони қаср аз зери замин барҷаст. Зарби гурзи говсар дар як он кори посбону рӯзбонҳоро тамом кард. Баҳодури ҷавон савора ба қаср зада даромад. Ҳар кӣ пеш омад, бо гурзи говпайкар бар сараш зада ҳалокаш сохт. Ҷодугарон, наррадевони

даргоҳ низ аз зарбаҳои кушандаи гурзи вай амон наёфтанд. Тилисмеро, ки Заҳҳок дар қасраш сохта буд, Фаридун дарҳам шикаст, хароб кард. Ҳама ҷои қасрро кофтукоб карда Заҳҳокро ҷуст, лекин наёфт: вай дар пойтахташ набуд. Фаридун бар тахти ӯ нишаст. Аз шабистони ӯ хоҳарони Ҷамшед – Шаҳрноз аз Арнавозро, ки Заҳҳок зӯран ба ҳарами худ гирифта буд, берун овард. Хоҳарон ҷавони сарвқомати хуршедталъат ва шерсалобатеро диданд, ки бо карру фарри хисравона бар тахти оҷ нишаста ва онҳоро ба паҳлӯи худ мехонд. Ҳайратзадаву дилбохта, ба ду паҳлуи ӯ нишастанд. Аввал Шаҳрноз ба забон омада пурсид:

- Ту кистӣ? Аз куҷо омадӣ?

*Чӣ ахтар буд ин аз ту, эй некбахт,*
*Чӣ борӣ? Зи шохи кадомин дарахт.*
*Ки эдун ба болини шер омадӣ,*
*Ситамгора марди далер омадӣ?*

Фаридун ному насабаш ва мақсадашро баён кард:

*Манам нури он некдил Отибин,*
*Ки Заҳҳок бигрифт аз Эронзамин.*
*Бикушташ ба зориву ман кинаҷӯй,*
*Ниҳодам сӯи тахти Заҳҳок рӯй.*

Сипас вай бо теғи ҷаллодони Заҳҳок кушта шудани дояаш Бармоя – он гови нестдарҷаҳонро, ки "зи пайкар танаш ҳамчу пероя буд", бо аламу ҳасрат нақл кард.

Хоҳарони Ҷамшед чун донистанд, ки ӯ Фаридун аст, шодӣ карданд. Арнавоз гуфт:

- Пас ҳалоки Заҳҳок, ба дасти туст. Мо ду шоҳдухтар чӣ ранҷу балое, ки аз ин аҳреманзод накашидем! Мо аз бими ҳалок ба вай ром шудем. Чӣ азобе сахттар аз ин аст, ки кас ҳамхобаи ҷуфти мор бошад!

- Ман паи он аждаҳоро аз замин бармеканам, - барошуфт Фаридун, - ҷаҳонро аз вуҷуди нопокаш пок мекунам! Шумо ба ман бигӯед, ҳоло Заҳҳок куҷост?

- Вай тарафи ҷануб рафт, - ҷавоб доданд хоҳарон, - мехоҳад дар он тарафҳо ҷодуе пайдо карда аз банди ту раҳо ёбад, зеро ахтаршиносон ба ӯ гуфта буданд, ки аҷали ту ва заволи давлатат ба дасти Фаридун аст. Ин фол оташе бар дилаш афканда зиндагониро барояш нохуш гардонидааст. Вай ҳазорон даррандаву чаранда ва марду занҳоро кушта, хунашонро дар як ҳавз рехта, дар он хун танашро мешӯяд, ба умеди он ки шояд бад-ин восита фоли ахтаршиносон маҳв шавад. Аз ду мори сиёҳаш пайваста ба ранҷу азоб аст, қарору ором надорад, кишвар ба кишвар мегардад.

Фаридун ба ёфтани Заҳҳок чораҷӯй шуд. Дар набудани Заҳҳок нигаҳбонии кох ва хазина ба ӯҳдаи вакили ӯ Кундрав буд. Вакил дар вақти ҳуҷуми Фаридун пинҳон шуда буд.

Кундрав рӯзи дигар дар паноҳгоҳи худ аз дур овози дафу дуҳӯл, суруди нағмаро шунида, тарсону ҳаросон берун омад ва шаҳрро пур аз мардумоне дид, ки бо шамшеру шашпар, табару тешаву таёқҳои оддӣ мусллаҳ шуда дар раставу майдонҳо гулхан афрӯхта ҷашни зафар барпо карда буданд. Паҳлавонон гӯштин мегирифтанд, ҳофизон суруд мехонданд, дорбозҳо, шабаъдабозҳо, масхарабозҳо ҳунарнамоӣ карда халқро дилхуш менамуданд. Аҳолии шаҳр, марду занҳо ба шӯришгарони фотеҳ – лашкари Коваю Фаридун дастархон мекашиданд. Аз гирудор ва ғорату яғмо, ки Кундрав ва монанди ӯ навкарони  Заҳҳок мунтазири он буданд, нишоне набуд. Кундрав ҳайрон монд ва як қадар аз тарсу ҳарос фориғ шуда ба қасри шоҳ даромад. Дид, дар пешгоҳ ҷавоне тоҷ бар сар бо карру фарри хисрави нишаста, дар дасти росташ Шаҳрнози паричеҳра ва дар дасти чапаш Арнавози моҳлиқо ҷой гирифта, дар гирдаш сипоҳиёни зарринкамар ва мулозимони кулоҳ бар сар саҳ бастаанд. Саросема замин бӯсид, Фаридунро ситоиш кард. Фаридун чун аз кӣ будани вай огоҳи ёфт, фармуд, ки биравад, асбоби базми шоҳонаро муҳайё созад, Кундрав хон ороcт, шаробҳои ноб овард ва мувофиқи фармон созандаву сарояндагони номӣ, аъёну ашрофи шаҳрро ба маҷлиси шоҳ ҳозир кард. Шаби дарозро бо ҷашни шоҳонаву зиёфату базми ҷамшедӣ ба саҳар овардаанд.

## Рафтани Кундрав ба назди Заҳҳок

Дар бомдод Кундрав аз кох  бaромаду бар аспи роҳворе нишаста шитобон назди Заҳҳок раҳсипор шуд.

Морбардӯш он рӯзҳо дар шаҳре аз шаҳрҳои Нимрӯз[83] таваққуф карда буд. Кундрав ба он ҷо расида, ҳар он чӣ дар пойтахт дида буд, ба Заҳҳок нақл кард. Вай Фаридунро нашинохта ва кӣ буданашро ҳам аз касе напурида буд. Ба Заҳҳок чунин гуфт:

- Ногаҳон аз кишваре се марди сарафроз лашкар кашида омада пойтахти туро забт карданд. Аз ин се яке ҷавон аст, ба қомат чун сарви сиҳӣ, аз чеҳрааш фарри шоҳӣ тобон; дуи дигар калонсоланд (гӯянда Коваю Каёнӯши паҳлавонро дар назар дошт), лекин сардор ӯст. Гурзе дорад, ки агар ба кӯҳ занад, кӯҳро мекафонад. Савора ба кох зада даромада ҳамаи банду тилисмҳои туро дарҳам шикаст, паҳлавонон ва девони туро зада мағзи сарҳояшонро ба хунашон омехт.

---

[83]***Нимрӯз – Систон ва Зобулистон***

Ранг аз рӯ ва ҳуш аз сари Заҳҳок парид, морони китфаш мисли ин ки хатарро ҳис карда бошанд, бесаранҷом шуда сар барафрӯхтанд. Вай тарси худро ба зӯр пинҳон карда гуфт:

- Шояд меҳмон бошанд. Ба меҳмон шод бояд буд.

- Меҳмон бо гурзи говсар? – тааҷҷуб кард Кундрав. – Охир, вай посбонони кохро кушт, тахти туро забт кард, аз тоҷу камар номи туро тарошид! Ин тоифа мардумро ту агар меҳмон шиносӣ, шинос!

- Ту манол, меҳмони густох ба фол беҳтар аст, - гуфт Заҳҳок.

- Хуб, агар он номвар меҳмони туст, пас ба ҳарами ту чӣ кор дорад? Охир вай бо занони ту нишаста, гоҳ мушки зулфони Шаҳрнозро мебӯяд ва гоҳ ақиқи лабони Арнавозро мебӯсад. Ҳам аз ин батар – шаб гесувони онҳоро ба худ болин мекунад!

Аз шунидани ин сухан, ки барои вай аз заҳри зақум кушандатар буд, Заҳҳок марги худро орзу кард, ба сони карг барошуфт ва морони сиёҳаш ҳам фаш – фашкунон ба сараш печиданд. Ба вакили нагунбахт шӯрида тунду зишт дашномаш дод ва гуфт:

- Аз ин баъд ту кадхудои хонаву шаҳри ман нахоҳӣ буд!

Кундрав ришханде карду ҷавоб дод, ки:

- Эй шаҳриёр ба гумонам, бахт аз ту баргаштааст; аз тахту тоҷ маҳрум, ки шудӣ, катхудоии шаҳрро ба ман чӣ гуна медиҳӣ? Охир, ту чун мӯй аз хамир, аз ҷоҳи бузургӣ ҷудо шудаӣ, чораи кори худ бисоз!

## Набард бо Фаридун

Заҳҳок аз ин гуфтугӯ ба ҷӯш омада бархост ва ба сипоҳу навкаронаш фармон дод, ки аспҳоро зин кунанд. Ва фавран бо сипоҳи гароне, ҳама наррадевони ҷанговар, сӯи пойтахташ ба роҳ афтод.

Чун наздик расид дуздона ба бероҳа рафта ба шаҳр дохил шуд. Дидбонони Фаридун дар вақт огоҳ шуда бонги хатар заданд ва он гоҳ сипоҳи Фаридун шитобон савор шуда рӯ бад-он бероҳа овард. Мухолифон дар ҷои тангӣ ба ҳам даровехтанд. Дар шаҳр шӯру ошӯбе бархост. Аҳолӣ, ки:

*Ҳама дар ҳавои Фаридун буданд,*
*Ки аз ҷаври Заҳҳок пурхун буданд.*

ба по бархоста ба мадади лашкари Фаридун расиданд. Ба болои сипоҳи Заҳҳок чун жола аз бомҳо санг, аз деворҳо хиш борид. Ҷавонони шаҳр гурӯҳ-гурӯҳ омада ба сафи лашкари Фаридун дохил мешуданд. Дар кӯчаҳои шаҳр сипоҳию шаҳрӣ ба ҳам омехта меҷангиданд. Кова ба як даст байрақи Коваёнӣ, ба дасти дигар шамшер, шаҳриёнро сардорӣ карда дар сафи пеш набард мекард. Теғи бурони ӯ даҳҳо душманро дар хоку хун ҷӯлонд.

Заҳҳок дар байни ғавғои ҷанг ҳам хаёлаш ба Шаҳрнозу Арнавоз буд. Хандону шукуфон, бо нозу ишва дар ду паҳлӯи фотеҳи ҷавон нишастани онҳоро ба пеши назар оварда, дар оташи рашк месӯхт. Тоқат накард, дар байни ҷӯши ҷанг аз лашкар ҷудо шуда ба пои қалъа рафт ва каманде бар кунгураи кох андохта боло баромад. Табдили пӯшоку қиёфа карда буд, то ӯро нашиносанд. Аз болои боми кох нигоҳ карда, дар айвон Шаҳрнози нозанинро дид, ки – "ду рухсора рӯзу ду зулфон чу шаб"- дар айвон истода Фаридунро офарин мефиристаду Заҳҳокро нафрин мекунад. Морбардӯш оташи рашку алам ба мағзаш зада, ба айвон каманд афканд. Дар ин лаҳза на ёди тахт будаш ва на андешаи ҷон. Ташнаи хуни паричеҳрагон буду бас. Ханҷари обгунро ба дандон газида аз бом фурӯд омад. Аммо толеи баргашта кай ба мадади ӯ мерасид? Даме, ки пой бар замин ниҳод, Фаридун он гоҳ чун аҷали беамон дар болои сараш падидор гашт. Вай ба тарафи қалъа рафтани Заҳҳокро дида, аз пояш афтода буд. Бо гурзи говсар ӯро зада бар замин чалпак кард; морони сиёҳи Заҳҳок аз тарс ба китфонаш фурӯ рафтанд. Фаридун боз гурзро бардошт, то бо зарби дигар рақиби шумро ҳалок созад, лекин Сурӯш ҳозир шуда дасташро дошт ва гуфт:



- Назан. Ҳоло аҷали ӯ нарасидааст. Бубараш то ҷое, ки тангнои ду кӯҳ пеш ояд. Он ҷо ӯро дар банд андоз, то аз ранҷу азоб бимирад.

Фаридун каманде аз чарми шер бофонда, бо вай ҳар ду даст ва миёни Заҳҳокро ба сутун чунон маҳкам баст, ки ба кашидани он зӯри фил ҳам намерасид.

Сипас ҷорчиён дастгир шудани Заҳҳокро дар шаҳр эълон карданд. Ҷанг ба музаффарияти сипоҳи Фаридун ва шӯришгарони Кова анҷомид. Аз лашкари Заҳҳок камтар касе ҷон ба саломат бурд.



Заҳҳоки дасту по бастаро ба пушти шутур афканда аз байни издиҳоми халқ, ки ба тамошои ин ҳол ҷамъ омада буд ва шодӣ мекард, гузаронда ба сӯи кӯҳсори шерхон ронданд. Дар он ҷониб вайро ба Дамованд бурданд ва бар танаи кӯҳ меххои оҳанин зада, аз ду дасташ ба он меххо овехтанд.

Он ҷо вай муддати дарозе бо азоби азим овезон монда, хунаш қатра-қатра ба замин чакида, оқибат тӯъмаи марги пурнангу нагбат гардид.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г

М

1. *Заҳҳок чӣ тавр ба доми Аҳриман афтод?*
2. *Заҳҳок ба сари раият чӣ ситамҳо овард?*
3. *Кова кӣ буд ва чаро шӯриш бардошт?*
4. *Муколамаи Кова ва Заҳҳокро батафсил баён намоед.*
5. *Ҷабру ситами Заҳҳок чӣ тавр анҷом ёфт?*
6. *Аз оқибати ҷафокориҳои Заҳҳок ба кадом хулоса омадан мумкин аст?*
7. *Қаҳрамононро муқоиса кунед.*
8. *Ба дилхоҳ қаҳрамонони достон мактуб нависед?*

# ПАНДУ АНДАРЗҲОИ ФИРДАВСӢ



*Агар ду бародар ниҳад пушт, пушт,*
*Тани кӯҳро хок молад ба мушт.*

*Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,*
*Дусад гуфта чун ними кирдор нест.*

*Чу некӣ кунад кас, ту подош[84] кун*
*В-агар бад кунад, низ пархош[85] кун.*

*Ба ранҷ андар аст, ай хирадманд, ганҷ,*
*Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ.*

*Ҷавонмардию ростӣ пеша кун,*
*Ҳама некӯӣ андар андеша кун.*

*Бибахшу бихӯр, то тавонӣ дирам,*
*Ки ҷуз ин дигар ҷумла дард астуғам.*

*Ба ҳар кор дар пеша кун ростӣ,*
*Чу хоҳӣ, ки нагзоядат костӣ[86].*

*Макун дӯстӣ бо дурӯғгӯзмой,*
*Ҳамон низ бо марди нопокрой.*

*Зи гетӣ ду чиз аст ҷовиду бас,*
*Дигар ҳар чӣ бошад, намонад ба кас.*

*Сухан гуфтани нагзу кирдори нек,*
*Бимонад чунон, то ҷаҳон аст рек[87].*

*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ ки кишвар ба душман диҳем.*

***[84]Подош – ҷазо, сазо, мукофоти амал, музд.***
***[85]Пархош – ҷанг, ҷанҷол.***
***[86]Нагзояд костӣ – камбудӣ наафзояд***
***[87]Рек - некбахт, нек.***

*Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек,*
*Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек.*

*Касе, к-ӯ ҷаҳонро бувад хостгор,*
*Варо дониш ояд, на гавҳар ба кор.*

*Ҳунармандро шоду наздик дор,*
*Ҷаҳон бар бадандеш торик дор,*

*Чу дӣ[88] рафту фардо наёмад ба пеш,*
*Мадеҳ хира барбод авқоти[89] хеш.*

*Хирадмандию пешбинӣ кунӣ,*
*Тавоноию покдинӣ кунӣ.*

*Мар онро, ки дониш бувад, тӯша[90] бурд,*
*Бимирад танаш, ном ҳаргиз намурд.*

*Ҳама сар ба сар дасти некӣ боред,*
*Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад маспаред.*

*Бимонад дуто ҷовидон як гуҳар,*
*Ҳунармандию донишу додгар.*

*Набошад касе дар ҷаҳон пойдор,*
*Ҳама номи некӯ бувад ёдгор.*

*Ба нопокзода мадоред умед,*
*Ки зангӣ[91] нагардад ба шустан сапед.*

*Зи бадасл чашми беҳӣ доштан,*
*Бувад хок дар дида анбоштан[92].*

*Падар чун ба фарзанд монад ҷаҳон,*
*Кунад ошкоро бар-ӯ бар ниҳон.*

---

[88] ***Дӣ** - дирӯз, рӯзи гузашта.*
[89] ***Авқот** - ҷамъи вақт, вақтҳо.*

*Гар ӯ бифканад фарру[93] номи падар,*
*Ту бегона хонаш, махонаш писар.*

*Ту чандон, ки бошӣ, сухангӯй бош,*
*Хирадманд бошу ҷаҳонҷӯй бош.*

*Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,*
*Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.*

*Хирад мояи ҷовидонӣ бувад,*
*Хирад пояи зиндагонӣ бувад.*

*Мабошед густох[94] бо ин ҷаҳон,*
*Ки ӯ тирагӣ дорад андар ниҳон.*

*Ҷаҳон ёдгор асту мо рафтанӣ,*
*Ба мардум намонад ба ҷуз мардумӣ.*

*Ба анбарфурӯшон[95] агар бигзарӣ,*
*Шавад ҷомаи ту ҳама анбарӣ.*

*В-агар бигзарӣ сӯи ангиштгар,*
*Аз-ӯ ҷуз сиёҳӣ набинӣ асар.*

*Хирадманд бошу беозор бош,*
*Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.*

*Ниёгони мо номдорон буданд,*
*Ба даҳр андарун тоҷдорон буданд.*

---

[90]***Тӯша** – зоди сафар, хӯрокие, ки дар сафар бо худ гиранд.*
[91]***Зангӣ** – одами сиёҳпуст, ҳабаш.*
[92]***Анбоштан** – пур кардан, захира кардан.*
[93]***Фар(р)** – нур, зебоӣ, шаън.*
[94]***Густох** – бешарм, нотарс.*
[95]***Анбарфурӯш** – атрфурӯш.*

*Набардоштанд аз касе саркашӣ,*
*Ба тезиву тундиву бедонишӣ.*

*Маёзор мӯре, ки донакаш аст,*
*Ки ҷон дораду ҷони ширин х(в)аш аст.*

*Чу паймони озодагон бишканӣ,*
*Нишони бузургӣ ба хок афганӣ.*

*Надонӣ, ки мардони паймоншикан*
*Сутуда набошанд дар анҷуман.*

*Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,*
*Бу кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.*

*Набошад ҳаме неку бад пойдор,*
*Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

М

*1. Абулқосим Фирдавсӣ дар кадом мавзӯъҳо панду ҳикматҳо гуфтааст?*

*2. Муаллифи “Шоҳнома” ду чизро ҷовидон гуфтааст, он ду чизро ёбед.*

Г

*3. Касе, ки дар талаби дунё бошад, барои ӯ дониш ба кор ояд ё симу зар?*

*4. Ба фикри шумо хислату атвори бад ирсӣ аст ё илоҷи рафъ дорад?*

Ч

*5. Панди бистум ба кадом мақоли халқӣ ҳаммаъно аст?*

*6. Пандҳои дуюм, чорум, нӯҳум ва бисту якумро ба наср баргардонед ва таҳлил намоед.*

# НИЗОМИИ АРӮЗИИ САМАРҚАНДӢ



*Дар банди ту, ай шоҳ, Маликшоҳ бояд,*
*То банди ту пои тоҷдоре сояд.*
*Он кас, ки зи пушти Саъди Салмон ояд,*
*Гаҳ заҳр шавад, мулки туро нагзояд.*

Низомии Арӯзии Самарқандӣ Аҳмад ном дошта, падару бобояш Умар ва Алӣ будаанд. Тахаллусаш - Низомӣ. Лақабаш Арӯзӣ будааст. Самарқанд зодгоҳи ӯст. Аз рӯи анъанаи роиҷи замон, нисбаи ӯ Самарқандӣ шудааст. Тахмин меравад, ки шояд солҳои 475-80 ҳиҷрӣ (1086-91 мелодӣ) ба дунё омада бошад.

Ҷавони бисёр хушсалиқа, донишомӯз, теззеҳне буд Аҳмад. Аз ин хотир, ба бисёре аз илмҳои фарогири ҳамон замон чун ҳисоб, ҳандаса, риёзӣ, нуҷум, кимиё, адаб ворид шуда буд. Ҳамон соле, ки ҳазрати Умари Хайём ба маркази илмию адабии Хуросон, яъне ба Балх ташриф овард (соли 506 ҳиҷрӣ - 1113 мелодӣ) Низомӣ худро ба дидори Хайём расонид. Он вақтҳо Хайём на чун шоир, балки чун ситорашинос, риёзидон, ҳаким маъруфият дошт. Азбаски Низомии Арӯзӣ ҳам ҳавасманди илмҳои табиӣ буд, Хайёмро чун устоди худ шинохт ва ба соли 530 ҳиҷрӣ (1135 милодӣ) вақте гузораш ба Нишопур афтод, оромгоҳи Ҳаким Хайёмро зиёрат кард, дуои хайр дод ва қарзи шогирдиро ба ҷо овард.

Рӯзгори айёми ҷавонии Низомии Арӯзии Самарқандӣ ба як давраи пурфоҷиаи таърихии ҳаёти сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон рост омад. Давлати абарқудрати Ғазнавиён туфайли истиқлолхоҳии шоҳону амиронаш ба парокандагӣ рӯ ниҳода буд. Туркҳои салчуқӣ бо сарварии Султон Санҷар аз ҳокимияти Ғазнавиён саркашӣ карда, дар Марв маркази маъмурии худро бунёд сохтанд ва барои ба сари хоҷаҳои собиқашон -Ғазнавиён теғ кашидан омода шудан гирифтанд. Сарварони қабилаҳои парокандаи тоҷикони воҳаи Ғӯр (сарзамини кӯҳистони Бомиён ва водии Ҳарируд) дар Шимол то Каписою сарҳади Бадахшон ба зери ливои Қутбуддини Маҳмуди Ғӯрӣ иттифоқ оростанд ва талабу фармонҳои Султон Масъуди Ғазнавиро писанд намекардагӣ шуданд. Дар Самарқанду Бухоро қарлуқҳои биёбонгарди кӯчии Қарохонӣ сар дароварданду даъвои ҳокимият карданд.

Ана, дар ҳамин вазъияти парешонии мулку диёр Низомии Арӯзии Самарқандӣ сар ба ҳар дар мезад, то харидоре ёбад, ки туфайли илму донишаш ва ё ашъори шогирдонааш мояи зиндагӣ пайдо кунад. Наёфт. Ҳатто соли 510 ҳиҷрӣ (1117 мелодӣ) қасидаи мадҳияе навишта, худро ба дарбори Салчуқиён, ба амирушшуарои[96] ин дарбор - Амир Муиззӣ муаррифӣ кард. Амир Муиззӣ ҳам ба гӯши ӯ насиҳати бисёре хонду аз дар ронд.

Дар тақдири баъдии Низомии Арӯзӣ пошхӯрии давлати Ғазнавиён ва дар охирҳои асри XI ба сари қудрат омадани ҳокимияти тоҷикони Ғӯр роли муассире бозид. Низомии Арӯзӣ худро ба дабирии дарбори Ғӯриён зад ва “Бандаи мухлис...чиҳилу панҷ сол то ба хидмати ин хонадон мавсум шуд”.

Ва дар ҳамин ҷо тӯли 10 соли охири зиндагонӣ китобчаи ёддоштмонанде бо унвони “Чаҳор мақола” аз нӯги қалами ӯ рӯи қоғаз рехт. Дар мақолаи якуми китоб сухан аз боби ҳунару истеъдоди дабирӣ (котибӣ) меравад, мақолаи дуюм ба масъалаи шеъру шоирӣ бахшида шудааст, илми нуҷум ва дониши омӯхтаи мунаҷҷим дар он илм мақолаи сеюми китобча аст. Мақолаи чаҳорум “Дар илми тибб ва ҳидояти табиб” ном дорад. Ҳамаи ҳикоёт ва ривоёт аз рӯзгори онҳое ҳаст, ки дар унвони мақола ишора шудааст. Инак, яке аз он ҳикояҳо аз рӯзгори шоири шинохтаи маддоҳи дарбори Ғазнавиён Масъуди Саъди Салмон:

## ҲИКОЯИ РӮЗГОРИ МАСЪУДИ САЪДИ САЛМОН АЗ КИТОБИ “ЧАҲОР МАҚОЛА”- И НИЗОМИИ АРӮЗИИ САМАРҚАНДӢ.

“Дар шуҳури санаи аснатину сабъин ва хамсамоия (572 ҳиҷрӣ, 1178 милодӣ) соҳибғаразе қисса ба султон Иброҳим бардошт, ки писари ӯ - Сайфуддавла амир Маҳмуд нияти он дорад, ки ба ҷониби Ироқ биравад ба хизмати Маликшоҳ. Султонро ғайрат кард ва чунон сохт, ки ӯро ногоҳ бигирифту бибаст ва ба ҳисор фиристод. Ва надимони ӯро банд карданду ба ҳисорҳо фиристод. Аз ҷумла, яке Масъуди Саъди Салмон буд ва ӯро ба Ваҷиристон, ба қалъаи Ной фиристоданд.

Аз қалъаи Ной ду байте ба султон фиристод (Масъуди Саъди Салмон фармояд):

*Дар банди ту, ай шоҳ, Маликшоҳ бояд,*
*То банди ту пои тоҷдоре сояд.*
*Он кас, ки зи пушти Саъди Салмон ояд,*
*Гаҳ захр шавад, мулки туро нагзояд.*

---

[96] ***Амирушшуаро – сарвари шоирони дарбор.***



Ин дубайтӣ (рубоӣ - У.Т.) Алии Хос бари султон бурд, бад- ӯ ҳеҷ асаре накард. Ва арбоби хираду асҳоби инсоф донанд, ки ҳабсиёти Масъуд дар улув ба чӣ дараҷа расидаасту дар фасоҳат ба чӣ поя бувад. Вақт бошад, ки ман ашъори ӯ ҳамехонам, мӯй бар андоми ман бар пой хезад ва ҷои он бувад, ки об аз чашми ман биравад. Ҷумлаи ин ашъор бар он подшоҳ хонданд ва ӯ бишнид, ки бар ҳеҷ мавзеъ ӯ гарм нашуд ва аз дунё бирафту он озодмардро дар зиндон бигзошт.

Муддати ҳабси ӯ, ба сабаби қурбати Сайфуддавла, дувоздаҳ сол буд. Ва дар рӯзгори султон Масъуди Иброҳим, ба сабаби қурбати ӯ Абӯнасри Порсиро ҳашт сол буд. Ва чандон қасоиди ғурраpу (баргузидаю) нафоиси дуррар (дурҳо), ки аз табъи наққоди (расои) ӯ зода, албатта, ҳеҷ масмӯъ наяфтод (мақбул нашуд).

Баъд аз ҳашт сол сиққатулмулк Тоҳир Алии Мушкон ӯро берун овард. Ва ҷумла он озодмард дар давлати эшон ҳама умр дар ҳабс ба сар бурд ва ин бадномӣ дар он хонадони бузург бимонд. Ва мани банда ин ҷо мутаваққифам (истодаам), ки ин ҳолро бар чӣ ҳамл кунам: бар саботи (устувории) раъй, ё бар баддилӣ. Дар ҷумла сутуда нест ва надидам ҳеҷ хирадманд, ки он давлатро бар ин ҳазму эҳтиёт маҳмадат (ситоиш) кард. Ва аз султони олам Ғиёсуддунё ваддин Муҳаммад ибни Маликшоҳ ба дари Ҳамадон дар воқеаи амир Шиҳобуддин Кутулмуш Алп-ғозӣ, ки домоди ӯ буд, ба хоҳарӣ, тайяба Аллаҳу турбатаҳумо ва рафаа фил- ҷинони рутбатаҳумо (Худо хоки он дуро покиза гардонад ва дар биҳишт дараҷаи ононро баланд кунад) шунидам, ки хасми дар ҳабс доштан нишони баддилист, зеро ки аз ду ҳол берун нест: ё муслеҳ (хайрхоҳ) аст, ё муфсид (бадкор). Агар муслеҳ аст, дар ҳабс доштан зулм аст ва агар муфсид аст, муфсидро зинда нигоҳ доштан ҳам зулм аст. Дар ҷумла бар Масъуд ба сар омад ва он бадномӣ то домани қиёмат бимонад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г

*1. Сабаби оворагардиҳои Низомӣ дар овони ҷавонӣ чӣ буд?*
*2. Низомии Арӯзӣ дар дарбори Ғӯриён чӣ хизмат мекард? Чаро?*
*3. Кадом шахси таърихи устоди Низоми Арӯзии Самарқандӣ будааст?*
*4. Мундариҷаи «Чаҳор мақола»-ро номбар кунед.*
*5. Сабаби зиндонӣ шудани Масъуди Саъди Салмонро Низомии Арӯзӣ дар чӣ мебинед?*

*6. Хулосаи Низомии Арӯзиро аз рӯи фармудаи худи ӯ: «Хасми дар ҳабс доштан нишони баддилист, зеро ки аз ду ҳол берун нест: ё муслеҳ (хайрхоҳ), ё муфсид (бадкор). Агар муслеҳ аст, дар ҳабс доштан зулм аст, агар муфсид аст, муфсидро зинда нигоҳ доштан ҳам зулм аст» (аз рӯи ин хулоса баҳси синфӣ созмон диҳед).*

*7. Аз шабакаи Интернет дар бораи Низоми Арӯзии Самарқандӣ ва Умари Хайём ахборот ҷамъ оваред ва ҳикоя кунед.*

## МАҶОЗ

Маҷоз низ калимаи арабист, маънои луғавиаш маҳалли гузаштан, гузаргоҳ; ғайри ҳақиқат аст.

Дар илми бадеъ аз ҷумлаи санъатҳои маънавист. Агар шоир ё нависанда дар асари худ калима ё таркиберо ба маънои ғайриаслӣ истифода бараду он маънӣ аз ягон ҷиҳат ба маънои аслӣ монанд бошад, онро маҷоз меноманд. Масалан, агар гӯем, ки фалонӣ пояшро чени кӯрпааш дароз накардааст, чунин маъно дорад, ки ӯ кореро ба зимма гирифтааст, ки аз ӯҳдааш намебарояд, яъне зӯраш намерасад. Ҳарчанд маънои маҷоз ғайри ҳақиқат аст, аммо ба тавассути маҷоз ифода кардани маънӣ худ ифодаи ҳақиқат аст. Дар ҳар гуна ифодаи маҷозӣ калима ё таркибе вуҷуд дорад, ки ба маънои ғайриаслӣ ҳидоят мекунад. Чунин калимаро қарина (ҳамнишин) - маҷоз меноманд. Масалан, агар бигӯем, ки “шамъи анҷуманафрӯзи ман омад”, мақсад ёр буда, “анҷуманафрӯз” қарини маҷоз мебошад.

Маҷоз ду хел аст: маҷози луғавӣ, ки онро маҷоз дар муфрад низ мегӯянд ва маҷози ақлӣ, ки онро маҷоз дар ҷумла меноманд. Агар адиб калимаеро истифода намояд, ки ба маънои аслии худ наомада бошад, онро луғавӣ меноманд. Мисли: “даст” ба маънои “қудрат”, “тавоноӣ”, ё “моҳ”, “наргис”, “сарв” ба маънои “рӯй”, “чашм” ва “қад”. Дар сурате, ки шоир калимаеро истифода намояд, ки маънои мухолиф ба вуҷуд ояду лекин ин маънои мухолиф ба муҳокима ҳеҷ гуна вобастагӣ надошта бошад, онро маҷози ақлӣ мегӯянд. Истиора низ аз ҷиҳати маъно як навъи маҷоз мебошад.

Мисолҳо:

*Ҳар субҳ шитобон биравам бар сари роҳе,*
*Пеш аз рухи хуршед бубинам рухи моҳе.*

**(Боқӣ)**

*Мо дар пиёла акси рухи ёр дидаем,*
*Ай бехабар, зи лаззати шурби мудоми мо.*

**(Ҳофиз)**

*Бар он нома бинҳод хусрав нигин,*
*Фиристодаро доду кард офарин.*

**(Фирдавсӣ)**

## САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г Ч

*1. Маънихои луғавӣ ва истилоҳии маҷозро гӯед.*
*2. Маҷоз чанд навъ аст? Бо мисолҳо фаҳмонед.*
*3. Байте азёд гӯед, то ки маҷоз дошта бошад.*
*Навъи маҷозро муайян кунед.*

# ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ



*Шеъри Шамсуддини Табрезӣ гирифт*
*Мисру Шому Басраю Бағдодро.*
***(Шамси Табрезӣ)***

Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҳусайн Хатибии Балхӣ машҳур ба Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ ё Муллои Рум яке аз бузургтарин шоирон ва мутафаккирони халқҳои форс-тоҷик ба шумор меравад, ки соли 1207 дар Балх таваллуд ёфтааст. Падараш-Баҳоуддини Валад аз фақеҳони[97] машҳури замон буд. Ҷалолуддини Балхӣ дар ҷавонӣ ба омӯзиши илмҳои маъмули давр машғул шуд. Баъди вафоти падар муддате дар хизмати Сайид Бурҳонуддини Тирмизӣ, ки аз шогирдони падараш буд, шогирдӣ кард.

Дар Қуния бо Шамси Табрезӣ ошноӣ пайдо карда, ӯро устоди маънавии хеш хонд ва девони ашъори худро «Девони Шамси Табрезӣ» номид. Дар Қуния соли 1273 аз олам гузашта аст. Ашъори Ҷалолуддини Балхӣ аз ду қисм иборат аст. Яке манзумаи машҳури ӯст, ки аз машҳуртарин китобҳои забони форсӣ-тоҷикӣ буда, онро «Маснавии маънавӣ» ном ниҳодааст. Ин маснавӣ аз шаш дафтар иборат буда, 25 632 байтро ташкил медиҳад, ки ҳама афкори ирфонию[98] ахлоқӣ мебошад. Қисмати дуюми ашъори ӯро ғазалиёт ва рубоиёт ташкил медиҳанд, ки аз сад ҳазор байт иборат буда, дар давоми умри худ сурудааст. Дар бештари ғазалҳо номи Шамси Табрезӣ омадааст ва аз ин ҷиҳат ба «Куллиёти[99] Шамси Табрезӣ» ё «Куллиёти Шамс» ва «Девони кабир» машҳур аст.

Ҷалолуддини Балхӣ дар эҷодиёти худ одамонро ба некӣ ва некӯкорӣ даъват карда, асоси бадиро дар ҳирсу[100] тамаъ мебинад. Вай зулму золимӣ, хислатҳои бади одамиро сахт маҳкум намуда, ба воситаи масалу ҳикояҳои зиёде адолат, саховатмандӣ, меҳнатдӯстӣ барин хислатҳои писандидаи одамиро тараннум менамояд.

---

*[97]**Фақеҳ – қонуншиноси шариат.***
*[98]**Афкори ирфонӣ – фикрҳои маърифатӣ***
*[99]**Куллиёт – маҷмӯаи осори шоир ё нависанда***
*[100]**Ҳирс – гушначашмӣ.***

Осори Ҷалолуддини Балхӣ ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шуда, чандин шарҳи «Маснавии маънавӣ» ба вуҷуд омадааст. Ҳоло чанд қисса аз «Маснавии маънавӣ»-ро пешкаши хонандагон менамоем, ки ҳама саршори[101] панду ахлоқ мебошанд.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Ҷалолуддини Балхӣ кай ва дар куҷо зиндагонӣ кардааст?*
*2. Ашъори Ҷ. Балхӣ аз чанд қисмат иборат аст? Онҳоро номбар кунед.*
*3. Чаро девони ашъори Ҷ. Балхӣ "Девони Шамси Табрезӣ" ном дорад?*
*4. "Маснавии маънавӣ" чӣ гуна асар будааст?*
*5. Балхӣ одамонро ба чӣ даъват кардааст?*
*6. Аз Интернет маълумоти иловагӣ ёбед ва нишон диҳед.*

## ҲИКОЯИ «МАРДИ АБЛАҲ ВА ХИРС»

*Аждаҳо чун хирсро дармекашид,*
*Шермарде рафту фарёдаш расид.*
*Шермардонанд дар олам мадад,*
*Он замон, к-афғонимазлумон расад.*
*Бонги мазлумон зи ҳар ҷо бишнаванд,*
*Он тараф чун раҳмати Ҳақ медаванд.*
*Он сутунҳои халалҳои ҷаҳон,*
*Он табибони маразҳои ниҳон.*
*Маҳзи меҳру доварию раҳматанд,*
*Ҳамчу Ҳақ беиллату беришватанд...*
*Меҳрубонӣ шуд шикори шермард*
*Дар ҷаҳон дору наҷӯяд ғайри дард.*
*Ҳар куҷо дарде, даво он ҷо равад,*
*Ҳар куҷо пастист, об он ҷо давад.*
*Оби раҳмат боядат, рав паст шав*
*В-он гаҳон хӯр хамри раҳмат, маст шав.*
*Раҳмат андар раҳмат омад то ба сар.*

---

[101]***Саршор** – пур, фаровон.*

*Бар яке раҳмат фурӯ мо-й, ай писар!*
*Чархро дар зери по ор, ай шуҷоъ!*
*Бишнав аз фавқи фалак бонги самоъ.*
*Пунбаи васвос берун кун зи гӯш,*
*То ба гӯшатояд аз гардун хурӯш.*
*Пок кун ду чашмро аз мӯю айб,*
*То бубинӣ боғу сарвистони ғайб...*
*Кундаи танро зи пойи ҷон бикан,*
*То кунад ҷавлон ба гирди анҷуман.*
*Ғулли бухл*[102] *аз дасту гардан дур кун.*
*Бахти нав дарёб дар чархи куҳун*[103]*...*
*Ҳар нидое, ки туро боло кашид,*
*Он нидо медон, ки аз боло расид.*
*Ҳар нидое, ки туро хирс оварад,*
*Бонги гурге дон, ки ӯ мардум дарад.*
*Ин баландӣ нест аз рӯи макон,*
*Ин баландиҳост сӯйи ақлу ҷон...*
*Хирс чун фарёд кард аз аждаҳо,*
*Шермарде кард аз чангаш раҳо.*
*Ҳилату мардӣ ба ҳам доранд пушт,*
*Аждаҳоро ӯ бад-ин қувват бикушт.*
*Аждаҳоро ҳаст қувват, ҳила нест,*
*Низ фавқи*[104] *ҳилаи ту ҳилаест...*
*Чашмро дар рӯшноӣ хӯй кун,*
*Гар на хуффошӣ*[105]*, назар он сӯй кун.*
*Оқибатбинӣ нишони нури туст.*
*Шаҳвати*[106] *холӣ, ҳақиқат гӯри туст.*
*Оқибатбине, ки сад бозӣ бидид,*
*Мисли он набвад, ки як бозӣ шунид.*
*З-он яке бозӣ чунон мағрур шуд,*
*К-аз таккабур*[107]*з-устодон дур шуд.*
*Сомиривор он ҳунар дар худ чу дид,*
*Ӯ зи Мӯсо аз таккабур сар кашид.*

---

[102] ***Бухл - хасисӣ.***
[103] ***Куҳун - кӯҳна, таҷрибадор.***
[104] ***Фавқ - боло, берун.***
[105] ***Хуффош - кӯршабпарак.***
[106] ***Шаҳвати-орзу ва майли сахт барои расидан ба ягон талаби нафс.***
[107] ***Таккабур-мағрурӣ, худписандӣ.***

*Ӯ зи Мӯсо он ҳунар омӯхта*
*В-аз муаллим чашмро бардӯхта.*
*Лоҷарам[108], Мӯсо дигар бозӣ намуд,*
*То ки он бозиву ҷонашро рабуд.*
*Ай басо дониш, ки андар сар давад,*
*То шавад сарвар бад-он худ сар равад,*
*Сар нахоҳӣ, ки равад, ту пой бош,*
*Дар паноҳи қутби соҳиброй[109] бош,*
*Гарчи шоҳӣ, хеш фавқи ӯ мабин,*
*Гарчӣ шаҳдӣ, ҷуз наботи ӯ мачин.*
*Фикри ту нақш асту фикри ӯст ҷон,*
*Нақди ту қалб асту нақди ӯст кон.*
*Ӯ туӣ, худро биҷӯ дар ӯйи ӯ.*
*Куву кӯ гӯ, фохта[110] шав сӯйи ӯ.*
*В-ар нахоҳӣ хидмати абнои ҷинс,*
*Дар даҳони аждаҳое ҳамчу хирс,*
*Зорие мекун, чу зӯрат нест, ҳин[111]!*
*Чунки кӯрӣ, сар макаш аз роҳбин,*
*Ту кам аз хирсӣ? Наменолӣ зи дард?*
*Хирс раст аз дард чун фарёд кард.*
*Ай Худо, ин санги дилро мум кун.*
*Нолаашро ту хушу марҳум кун.*

## ТАТИММАИ[112] ҲИКОЯИ ХИРС ВА ОН АБЛАҲ, КИ БАР ВАФОИ Ӯ ЭЪТИМОД КАРДА БУД.

Хирс ҳам аз аждаҳо чун вораҳид[113]
Во-н карам з-он мард мардона бидид.
Чун саги асҳоби Каҳф[114] он хирси зор
Шуд мулозим[115] дар пайи он бурдбор.

---

*[108]Лоҷарам – ночор, ноилоҷ, бинобар ин.*
*[109]Соҳиброй – некандеш, доно.*
*[110]Фохта – мӯсича, қумрӣ.*
*[111]Ҳин - вақт, ҳангом, инак, огоҳ бош*
*[112]Татимма - бақия, охир,*
*[113]Вораҳидан – наҷот додан.*
*[114]Асҳоби Каҳф – гор.*
*[115]Мулозим - ҳамроҳ.*

*Он яке бигзашту гуфташ: «Ҳол чист?*
*Ай бародар, мар туро ин хирс кист?»*
*Он мусулмон сар ниҳод аз хастагӣ,*
*Хирс ҳорис[116] гашт аз дилбастагӣ,*
*Қисса вогуфту ҳадиси[117] аждаҳо,*
*Гуфт: «Бар хирсе манеҳ дил, аблаҳо!*
*Дӯстӣ (й) аблаҳ батар аз душманист,*
*Ӯ ба ҳар ҳила, ки донӣ, ронданист»*
*Гуфт: «Валлоҳ, аз ҳасудӣ гуфт ин*
*В-арна хирсе чӣ-нгарӣ? Ин меҳр бин»*
*Гуфт: «Меҳри аблаҳон ишвадеҳ аст,*
*Ин ҳасудии ман аз меҳраш беҳ аст.*
*Ҳай, биё бо ман, бирон ин хирсро*
*Хирсро магзин, муҳил[118] ҳамҷинсро».*
*Гуфт: «Рав, рав кори худ кун, ай ҳасуд!»*
*Гуфт: «Корам ин буду ризқат набуд.*
*Ман кам аз хирсе набошам, ай шариф,*
*Тарки ӯ кун, то манат бошам ҳариф.*
*Бар ту дил меларзадам з-андешае,*
*Бо чунин хирсе марав дар бешае,*
*Ин дилам ҳаргиз наларзад аз газоф.*
*Нури Ҳақ аст, ин на даъвою на лоф».*
*«Мӯъминам, «Янзур бинуриллаҳ[119]» шуда,*
*Ҳуну ҳон, бигрез аз ин оташкада».*
*Ин ҳама гуфту ба гӯшам дарнарафт,*
*Бадгумонӣ мардро саддест зафт[120].*
*Дасти ӯ бигрифту даст аз вай кашид.*
*Гуфт: «Рафтам, чун найи ёри рашид»[121]*
*Гуфт: «Рав, бар ман туғамхора мабош,*
*Булфузуло[122] маърифат камтар тарош»*
*Боз гуфташ, «Ман адувви ту наям,*

---

***[116]Ҳорис – посбон.***

***[117]Ҳадис - нақл қисса.***

***[118]Муҳил - маккор, фиребгар.***

***[119]«Ян- зур бинуриллаҳ» - Ба нури Худо нигоҳ мекунад.***

***[120]Зафт – сохт.***

***[121]Рашид - далер, ҷасур.***

***[122]Булфузуло – пургӯй.***

*Лутф бошад, гар биёӣ дар паям»*
*Гуфт: «Хоб астам, маро бигзору рав»,*
*Гуфт: «Охир ёрро мунқад[123] шав.*
*То бихуспӣ дар паноҳи оқиле,*
*Дар ҷавори дӯсте, соҳибдиле».*
*Дар хаёл афтод мард аз ҳадди ӯ,*
*Хашмгин шуд, зуд гардонид рӯ.*
*К-ин магар қасди ман омад, хунӣ аст,*
*Ё тамаъ дорад, гадою тунӣ[124] аст.*
*Ё гарав бастаст бо ёрон бад-ин,*
*Ки битарсонад маро з-ин ҳамнишин.*
*Худ наёмад ҳеч аз хубси[125] сираш,*
*Як гумони нек андар хотираш,*
*Занни некаш ҷумлагӣ бар хирс буд,*
*Ӯ магар хирсро ҳамҷинс буд.*
*Оқилеро аз сагӣ тӯҳмат ниҳод,*
*Хирсро донист аҳли меҳру дод...*

## ТАРК КАРДАНИ ОН МАРДИ НОСЕҲ БАЪД АЗ МУБОЛИҒАИ ПАНД МАҒРУРИ ХИРСРО

*Он мусулмон тарки аблаҳ карду тафт[126].*
*Зери лаб «Ло ҳавла»[127] гӯён бозрафт.*
*Гуфт: «Чун аз ҷидду пандам в-аз ҷидол*
*Дар дили ӯ беш мезояд хаёл.*
*Пас сари панду насиҳат баста шуд,*
*Амри «аъриз анҳуму[128]» пайваста шуд».*
*Чун давоят мефизояд дард, пас*
*Қисса бар толиб бигӯ, барҳол абас.[129]*
*Чунки аъмо[130] толиби Ҳақ омадаст,*

***[123] Мунқад - фармонбардор.***
***[124] Тунӣ – дузд.***
***[125] Хубс - бадӣ, бадтинатӣ.***
***[126] Тафт - бо шитоб, шитобон.***
***[127] “Ло ҳавла” иқтибос аз оят: «Бе хости Худо аз гуноҳ дур шудан мумкин нест».***
***[128] “Аъриз анҳуму” - арза кун ба онҳо, бигӯ ба онҳо***
***[129] Абас – беҳуда.***
***[130] Аъмо - кӯр, нобино.***

*Баҳри фақри ӯ нашояд сина хаст.*
*Ту ҳарисӣ бар рашоди*[131] *меҳтарон.*
*То биёмӯзанд ом аз сарварон.*
*Аҳмадо, дидӣ, ки қавме аз мулук*
*Мустамеъ гаштанд, гаштӣ хуш ки бук.*
*Ин раисон ёри дин гарданд х(в) аш,*
*Бар араб инҳо саранду бар ҳабаш...*
*З-ин сабаб ту аз зарири*[132] *муҳтадӣ*[133]
*Рӯ бигардонидию танг омадӣ*
*К-андар ин фурсат кам афтад он муноҳ*[134]*,*
*Ту зи ёрониву вақти ту фарох.*
*Муздаҳим мегардиям дар вақти танг,*
*Ин насиҳат мекунам н-аз хашму ҷанг.*
*Аҳмадо, назди Худо ин як зарир*
*Беҳтар аз сад қайсар асту сад вазир.*
*Ёди «ан-носу маъодин»*[135] *ҳин биёр,*
*Маъдане бошад фузун аз сад ҳазор.*
*Маъдани лаълу ақиқи муктанис,*
*Беҳтар аст аз сад ҳазорон кони мис.*
*Аҳмадо, ин ҷо надорад мол суд,*
*Сина бояд пур зи ишқу дарду дуд.*
*Аъмие рӯшандил омад, дар мабанд,*
*Панд ӯро деҳ, ки ҳаққи ӯст панд.*
*Гар ду-се аблаҳ туро мункир шуданд,*
*Талх кай гардӣ? Чу ҳастӣ кони қанд,*
*Гар ду-се аблаҳ туро тӯҳмат ниҳад,*
*Ҳақ барои ту гувоҳӣ медиҳад.*
*Гуфт: «Аз иқрори олам фориғам»*
*Он ки Ҳақ бошад, гувоҳ ӯро чӣ ғам?*
*Гар хуффошеро зи хуршеде хурест,*
*Он далел омад, ки он хуршед нест,*
*Нафрати хуффошакон бошад далел,*
*Ки манам хуршеди тобони ҷалил.*

---

[131]***Рашод - пойдорӣ.***
[132]***Зарир - кӯр, нобино.***
[133]***Мӯҳтадӣ - ба роҳи рост рӯоварда.***
[134]***Муноҳ - манзил.***
[135]***“Ан-носу маъодин” - иқтибос аз ҳадис: «Инсонҳо монанди маъданҳоянд».***

*Гар гулоберо ҷуал[136] рогиб шавад.*
*Он далели ногулобӣ мекунад.*
*Гар шавад қалбе харидори миҳак[137],*
*Дар миҳаккеаш дароя‌д нақсу[138] шакк.*
*Дузд шаб хоҳад на рӯз, инро бидон,*
*Шаб наям, рӯзам, ки тобам дар ҷаҳон.*
*Форикам[139], форуқаму[140] галбервор,*
*То ки коҳ аз ман наёбад гузор.*
*Ордро пайдо кунам ман аз сабӯс,*
*То намоям, к-ин нуқуш[141] аст, он нуфус[142].*
*Ман чи мизони Худоям дар ҷаҳон,*
*Вонамоям ҳар сабукро аз гарон.*
*Говро донад Худо гӯсолае,*
*Ҳар харидориву дар хур колае.*
*Ман на говам, то ки гӯсолам харад,*
*Ман нахорам, к-уштуре аз ман чарад.*
*Ӯ гумон дорад, ки бо ман ҷавр кард?*
*Балки аз ойинаи ман рӯфт гард...*
*Ин сухан поён надорад, бозгард,*
*То чӣ кард он хирс бо он некмард.*

## ТАТИММАИ ЭЪРОФИ ОН МАҒРУР БАР ТАМАЛЛУҚИ ХИРС

*Шахс хуфту хирс мерондаш магас*
*В-аз ситез омад магас з-ӯ бозпас.*
*Чанд бораш ронд аз рӯи ҷавон.*
*Он магас з-ӯ боз меомад давон.*
*Хашмгин шуд бо магас хирсу бирафт*
*Баргирифт аз кӯҳ санге сахт зафт.*

---

***[136]Ҷуал - ганбуски сиёҳ.***
***[137]Миҳак - санги сиёҳе, ки тилло ва нуқраро бо он соида меозмоянд ва арзиши онро муайян мекунанд.***
***[138]Нақс - айб, камбудӣ.***
***[139]Фориқ - аз ҳам ҷудокунанда.***
***[140]Форуқ - фарқкунанда миёни ҳақ ва ботил.***
***[141]Нуқуш – нақшҳо.***
***[142]Нуфус - қафасҳо.***



*Санг оварду магасро дид боз,*
*Бар рухи хуфта гирифта ҷою соз.*
*Баргирифт он осиёсангу бизад*
*Бар магас, то он магас вопас хазад,*
*Санг рӯи хуфтаро хашхош кард*[143]*,*
*Ин масал бар ҷумла олам фош кард,*
*Меҳри аблаҳ, меҳри хирс омад яқин,*
*Кини ӯ меҳр асту меҳри ӯст кин.*
*Аҳди ӯ суст асту вайрону заиф,*
*Гуфти ӯ зафту вафои ӯ наҳиф*[144]*.*
*Гар хурад савганд ҳам бовар макун,*
*Бишканад савганд марди кажсухун.*
*Чун ба бесавганд гуфташ буд дурӯғ,*
*Ту маюфт аз макру савгандаш ба дӯғ.*
*Нафси ӯ мир асту ақли ӯ асир,*
*Сад ҳазорон мусҳафаш*[145] *худ хурда гир.*
*Чунки бесавганд паймон бишканад,*
*Гар хӯрад савганд ҳам, он бишканад.*
*З-он ки нафс ошуфтатар гардад аз он,*
*Ки кунӣ бандаш ба савганди гарон.*
*Чун асире банд бар ҳоким ниҳад,*

---

**[143]*Хашхаш кардан - реза-реза кардан.***
**[144]*Наҳиф - заиф, суст.***
**[145]*Мусҳаф - саҳифа, Қуръон.***

*Ҳоким онро бардарад, берун чаҳад.*
*Бар сараш кӯбад зи хашм он бандро,*
*Мезанад бар рӯйи ӯ савгандро.*
*Ту зи «урфу билуқуд»[146] - аш даст шӯ,*
*«Иҳфазу аймонакум»[147] бо ӯ магӯ.*
*В-он ки Ҳақро сохт дар паймон санад,*
*Тан кунад чун тору гирди ӯ танад.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда мазмуни қиссаро бодиққат хонед, нақл кунед.*
*2. Кадом хислати мард водор сохт, ки хирсро аз дасти аждаҳо наҷот диҳад? Фикри худро баён кунед.*
*3. Фаҳмонед, ки хислатҳои мардони шердил кадомҳоянд? Зарбулмасалҳои мувофиқ оред.*
*4. Қисса чӣ тавр анҷом меёбад? Бо ҳаёти имрӯза муқоиса кунед.*

## ҲИКОЯИ «ТАБИБ ВА БЕМОР»

*Бишнавед, ай дӯстон, ин достон,*
*Худ ҳақиқат нақди ҳоли мост он.*
*Буд шоҳе дар замоне пеш аз ин,*
*Мулки дунё будашу ҳам мулки дин.*
*Иттифоқо, шоҳ рӯзе шуд савор*
*Бо ҳавоси хеш аз баҳри шикор.*
*Як канизак дид шаҳ бар шоҳроҳ,*
*Шуд ғуломи он канизак подшоҳ.*
*Мурғи ҷонаш дар қафас чун метапид,*
*Дод молу он канизакро харид.*
*Чун харид ӯрову бархурдор шуд,*

***[146]«Урфу билуқуд» - иқтибос аз ҳадис: «Ба қасамҳои хеш вафодор бошед».***
***[147]«Иҳфазу аймонакум» - иқтибос аз ҳадис: «Ба қасамҳои хеш вафодор бошед», яъне «қасамшиканӣ накунед».***

*Он канизак аз қазо бемор шуд.*
*Шаҳ табибон ҷамъ кард аз чапу рост,*
*Гуфт: - Ҷони ҳарду дар дасти шумост.*
*Ҷумла гуфтандаш, ки: ҷонбозӣ кунем,*
*Фаҳм гирд орему анбозӣ[148] кунем.*
*«Гар Худо хоҳад» нагуфтанд, аз батар,*
*Пас Худо бинмудашон аҷзи[149] башар.*
*Ҳар чӣ карданд аз илоҷу аз даво,*
*Гашт ранҷ афзуну ҳоҷат нораво.*
*Он канизак аз мараз[150] чун мӯй шуд,*
*Чашми шаҳ аз ашки хун чун ҷӯй шуд.*

## ЗОҲИР ШУДАНИ АҶЗИ ҲАКИМОН АЗ МУОЛИҶАИ КАНИЗАК ВА РӮЙ ОВАРДАНИ ПОДШОҲ БА ДАРГОҲИ ИЛОҲ ВА ДАР ХОБ ДИДАНИ ВАЛИЕРО

*Шаҳ чу аҷзи он ҳакимонро бидид,*
*Побараҳна ҷониби масҷид давид.*
*Рафт дар масҷид сӯи меҳроб шуд,*
*Саҷдагоҳ аз ашки шаҳ пуроб шуд.*
*Дар миёни гиря хобаш даррабуд,*
*Дид дар хоб ӯ, ки пире рӯ намуд.*
*Гуфт: «Ай шаҳ, мужда, ҳоҷотат равост,*
*Гар гарибе оядат фардо, зи мост.*
*Дар илоҷаш сеҳри мутлакро бубин,*
*Дар миҷозаш қудрати Ҳақро бубин».*
*Чун расид он вағдагоҳу рӯз шуд,*
*Офтоб аз Шарқ ахтарсӯз шуд.*
*Буд андар манзара шаҳ мунтазир,*
*То бубинад он чи бинмуданд сир.*
*Дид шахсе фозиле, пурмояе,*
*Офтобе дар миёни сояе.*
*Он хаёле, ки шаҳ андар хоб дид,*

---

***[148] Анбозӣ –шарикӣ, ҳамроҳӣ, ҳамдастӣ, ҳамкорӣ.***
***[149] Аҷз– нотавонӣ, оҷизӣ, сустӣ.***
***[150] Мараз – беморӣ, ранҷурӣ, касалӣ.***

*Дар рухи меҳмон ҳаме омад падид.*
*Шаҳ ба ҷойи ҳоҷибон фопеш рафт,*
*Пеши он меҳмони ғайби хеш рафт,*

## БУРДАНИ ПОДШОҲ ОН ТАБИБРО БАР САРИ БЕМОР, ТО ҲОЛИ ЎРО БУБИНАД

*Қиссаи ранҷуру ранҷурӣ бихонд,*
*Баъд аз он дар пеши ранҷураш нишонд.*
*Ранги рўю набзу қорура[151] бидид,*
*Ҳам аломоташ, ҳам асбобаш шунид.*
*Дид ранҷу кашф шуд бар вай нуҳуфт[152],*
*Лек пинҳон карду бо султон нагуфт.*

## ХИЛВАТ ТАЛАБИДАНИ ОН ВАЛӢ АЗ ПОДШОҲ ҶИҲАТИ ДАРЁФТАНИ РАНҶИ КАНИЗАК

*Гуфт: - Ай шаҳ, хилвате кун хонаро,*
*Дур кун ҳам хешу ҳам бегонаро.*
*Кас надорад гўш дар даҳлезҳо,*
*То бипурсам з-ин канизак чизҳо.*
*Нарм - нармак гуфт: - Шаҳри ту куҷост?*
*Ки илоҷи аҳли ҳар шаҳре ҷудост.*
*В- андар он шаҳр аз қаробат[153] кистат?*
*Хешиву пайвастагӣ бо чистат?*
*Даст бар набзаш ниҳоду як ба як,*
*Боз мепурсид аз ҷаври фалак.*
*Бо ҳаким ў қиссаҳо мегуфт фош,*
*Аз мақому хоҷагону шаҳру бош.*
*Гуфт: - Чун берун шудӣ аз шаҳри хеш,*
*Дар кадомин шаҳр будастӣ ту беш?*
*Шаҳр- шаҳру хона- хона қисса кард,*
*На рагаш ҷунбиду на рух гашт зард.*
*Набзи ў бар ҳоли худ буд бегазанд,*

**[151]Қорура - зарфи шишагӣ.**
**[152]Нуҳуфт - пинҳон, пӯшида.**
**[153]Қаробат - хешию таборӣ.**

*То бипурсид аз Самарқанди чу қанд.*
*Набз ҷасту рӯй сурху зард шуд,*
*К- аз Самарқандии заргар фард шуд.*
*Чун зи ранҷур он ҳаким ин роз ёфт,*
*Асли он дарду балоро бозёфт.*
*Ҳону ҳон![154] Ин розро бо кас магӯ,*
*Гарчи аз ту шаҳ кунад бас ҷустуҷӯ.*

## ДАРЁФТАНИ ОН ВАЛӢ РАНҶРО ВА АРЗ КАРДАНИРАНҶИ Ӯ ПЕШИ ПОДШОҲ

*Баъд аз он бархост азми шоҳ кард,*
*Шоҳро з- он шаммае[155] огоҳ кард.*
*Гуфт: - Тадбир он бувад, к -он мардро*
*Ҳозир орем аз пайи ин дардро.*
*Марди заргарро бихон з-он шаҳри дур,*
*Бо зару хилъат[156] бидеҳ ӯро ғурур.*
*Чунки султон аз ҳаким онро шунид,*
*Панди ӯро аз дилу ҷон баргузид[157].*

## ФИРИСТОДАНИ ПОДШОҲ РАСУЛОН БА САМАРҚАНД БА ОВАРДАНИ ЗАРГАР

*Шаҳ фиристод он тараф як - ду расул,*
*Ҳозиқону кофиёни бас удул[158].*
*То Самарқанд омаданд он ду амир,*
*Пеши он заргар зи шоҳаншаҳ башир[159].*
*Нак, фалон шаҳ аз барои заргарӣ,*
*Ихтиёрат кард, зеро меҳтарӣ.*
*Инак ин хилъат бигиру зарру сим,*

---

[154]*Ҳону ҳон! - хабардор бош, огоҳ бош!*
[155] *Шамма - қувваи шомма,ки яке аз ҳисси панҷгонаи инсон аст, бӯёӣ.*
[156]*Хилъат- ҷома, сарулибос.*
[157]*Баргузида - мақбул, писандида, интихобшуда.*
[158]*Удул - аз ҳадди муайян гузаштан, беитоатӣ, вафот кардан*
[159]*Башир - муждарасон.*

*Чун биёӣ, хос бошию надим[160].*
*Мард молу хилъати бисёр дид,*
*Ғарра шуд[161] аз шаҳру фарзандон бурид.*
*Андар омад шодмон дар роҳ мард,*
*Бехабар, к- он шоҳ қасди ҷон-ш кард.*
*Чун расид аз роҳ он марди гариб,*
*Андар овардаш ба пеши шаҳ табиб.*
*Шаҳ бад - ӯ бахшид он маҳрӯйро,*
*Ҷуфт кард он ҳар ду сӯҳбатҷӯйро.*
*Муддати шаш моҳ меронданд ком,*
*То ба сиҳҳат омад он духтар тамом.*
*Баъд аз он аз баҳри ӯ шарбат бисохт,*
*То бихӯрду пеши духтар мегудохт.*
*Чун зи ранҷурӣ ҷамоли ӯ намонд,*
*Ҷони духтар дар вуболи ӯ намонд.*
*Чунки зишту нохушу рухзард шуд,*
*Андак - андак дар дили ӯ сард шуд.*

## БАЁНИ ОН КИ КУШТАН ВА ЗАҲР ДОДАНИ МАРДИ ЗАРГАР БА ИШОРАТИ ИЛОҲӢ БУД, НА БА ҲАВОИ НАФС ВА ТААММУЛИ[162] ФОСИД[163]

*Куштани он мард бар дасти ҳаким*
*На пайи умед буду на зи бим[164],*
*Ӯ накушташ аз барои табъи шоҳ,*
*То наёмад амру илҳоми Илоҳ[165].*
*Шоҳ он хун аз пайи шаҳват накард.*
*Ту раҳо кун бадгумониву набард[166].*

---

***[160]Надим - ҳамдам, ҳамсӯҳбат.***
***[161]Ғарра шуд - фирефта шуд.***
***[162]Таъммул -фикр, андеша.***
***[163]Фосид – вайроншуда.***
***[164]Бим – тарс, хавф, хатар.***
***[165]Илоҳ – Худо.***
***[166]Набард – ҷанг, размм.***

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

М

*1. Шеърро ифоданок хонед ва азёд кунед. Гӯед, ки мақсади шоир аз овардани байтҳои зер чист?*

*Ай забон, ту бас зиёнӣ мар маро,*
*Чун туӣ гӯё, чӣ гӯям мар туро?*
*Ай забон, ҳам оташу ҳам хирманӣ,*
*Чанд ин оташ дар ин хирман занӣ?*
*Ай забон, ҳам ганҷи бепоён туӣ,*
*Ай забон, ҳам ранҷи бедармон туӣ.*

Г

*2. Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда қиссаи ошиқ шудани подшоҳ бо канизакро хонед ва мазмунашро нақл кунед.*
*3. Подшоҳ барои табобат кардани канизак чӣ чораҳо андешид?*
*4. Қисса бо кадом ҳодиса ба охир мерасад?*
*5. Бигӯед, ки Мавлавӣ дар «Маснавии маънавӣ» бештар ба кадом масъалаҳои пандуахлоқӣ диққат додааст?*
*6. Дар бораи панду ҳикматҳои Ҷалолуддини Балхӣ фикри худро баён кунед.*

## ИСТИОРА

Истиора калимаи арабист, маънои аслиаш ба орият[167], амонат ва гаравгон[168] гирифтан аст, аммо дар илми бадеъ[169] аз ҷумлаи санъатҳои маънавист, ки ба ҷои як калима калимаи дигарро истифода мебаранд. Истиора ҳам ба маҷоз ва ҳам ба ташбеҳ наздик аст. Донишмандони илми бадеъ истиорaро як навъи маҷоз медонанд ба ин маънӣ, ки дар истиора калима аз маънои аслии худ хеле дур меравад. Истиорaро ташбеҳи пӯшида низ меноманд ва истиора дар асоси инкишофи минбаъдаи ташбеҳи пӯшида ба вуҷуд меояд. Фарқи истиора аз ташбеҳ он аст, ки дар истиора ташбеҳшаванда зикр наёфта, фақат ташбеҳкунанда ном бурда мешавад.

***[167]Орият – чизеро аз касе барои истифодаи муваққат гирифтан.***
***[168]Гаравгон – он ки бо мақсади аз тарафи одамони манфиатдори ӯ иҷро гардидани талаботи гаравгирифтагон ғайриқонунӣ дастгир шудааст.***
***[169]Илми бадеъ – илме, ки дар он аз санъатҳои калом ва тарзи истифодаи зебо ва нафис сухан меравад.***

Масалан, дар байти:

*Гули ман, иди наврӯзат муборак,*
*Чунин ҷашни дилафрӯзат муборак.*

калимаи «гул» ба маънои ёр омадаст ва истиора аст.

Агар бигӯем, ки «ёри ман мисли гул аст», мо ёрро ба ниҳоли гул монанд кардем, ки ин ташбеҳ аст. Аммо агар бигӯем, ки «гули ман омад», дар ин ифода «гул» истиора мешавад, зеро ба ҷои калимаи «ёр» истифода шудааст.

Мақсад аз истифодаи истиора, пеш аз ҳама, ҳаққиқатро барҷастатар ва бофасоҳат баён кардан аст. Аз мисоли боло маълум шуд, ки рӯи ёр мисли гул аст, аммо нагуфтем , ки «ёри ман, ки ӯ мисли гул аст, омад», баръакс кӯтоҳакак «гули ман омад» гуфтем ва дар ин ҷо «гул» киноя аз ёр мебошад. Ҳамин тариқ, «гул», ки дар ифодаи аввал ташбеҳкунанда буд, дар ифодаи сонӣ ҷои худи ташбеҳшавандаро гирифт ва ба истиора табдил ёфт.

Дар байти:

*Меравию гиря меояд маро,*
*Соате биншин, ки борон бигзарад.*

гузаштани борон истиора аст. Ба маънои оби чашм, яъне шоир гуфтан мехоҳад, ки аз рафтани ту чунон ғамгин мешавам, ки оби дидагонам мисли борон мерезад. Дар ин ифода борон ҷои ташбеҳшавандаро гирифт ва истиора шуд.

Чанд мисол:

*Маро аз гиряи шабҳо нашуд ҷуз дарди сар ҳосил,*
*Ба хуни дал абас[170] парвардаам ин тифли бадхӯро.*

***(Мулҳами Бухороӣ)***

*Ай ки бар кори шикасти дили мо мекӯшӣ,*
*Бохабар бош, ки ин шиша садое дорад.*

***(Ҳофиз)***

Дар байти аввал ибораи «тифли бадхӯ» (ба ҷои оби дида омадаст) ва дар байти дуюм «шиша» (ба ҷои дил омадааст) истиора мебошанд.

Истиора ду хел мешавад:

1. **Истиораи равшан.** Дар ин навъи истиора ташбеҳшаванда, яъне соҳибистиора зикр нашуда, истиорашаванда оварда мешавад.

---

***[170]Дал абас – бенатиҷа, беҳуда.***

Мисол:

*Барафрӯхт он моҳ чун офтоб,*
*Фурӯ рехт бар гул зи наргис гулоб.*

**(Низомӣ)**

Калимаҳои «моҳ», «гул», «наргис» ва «гулоб»- и байт истиораи равшананд, зеро онҳо ба маънои аслии худ наомада ба ҷои соҳибистиора - ёр, рӯй, чашм ва ашк омадаанд.

2. **Истиораи пӯшида** (истиораи изофӣ). Ин навъи истиора чунон аст, ки шоир истиорашавандаро умуман зикр накарда, ягон сифат, аломат, хислат ва узви онро ба таври изофат соҳибистиора месозад. Мисол:

*Мисраи барҷастаи оҳам нончунин истодааст,*
*Об гардад шамъ, гар дар анҷуман бинад маро.*

Дар ин байт соҳибистиора оҳу нола аст, ба маънои шеър омадааст ва «мисраи барҷаста» чун истиорашаванда бо соҳибистиора дар шакли изофӣ пайвастааст.

Г

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Истиора чанд хел мешавад?*
*2. Маънои луғавӣ ва истилоҳии истиораро фаҳмонед.*
*3. Тафовути ташбеҳу истиора дар чист? Ба онҳо мисол биёред.*

# КАМОЛИ ХУҶАНДӢ



*Гар бичӯянд ба сад қарн наёбанд,*
*Камол,*
*Булбуле чун ту хушилҳон ба чаманҳои*
*Хуҷанд.*

Камоли Хуҷандӣ соли 1318 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Айёми кӯдакӣ ва таҳсили ибтидоии ӯ дар зодгоҳаш гузашта аст. Баъд таҳсилро дар мадрасаҳои Самарқанд, Тошканд ва Хоразм давом дода, қариб ҳамаи илмҳои замонашро аз худ намудааст. Ӯ бештар ба адабиёт шавқу ҳавас дошт, шеъру нақл, ривояту афсонаҳои фаровонеро аз ёд карда буд.

Баъди хатми таҳсил муддате дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканд ва Хоразм саёҳат кардааст. Дар синни 40 - 45-солагӣ бо роҳи Ҳиҷоз ба ҳаҷ сафар карда, баъди баргаштан дар шаҳри Табрез мемонад. Вақте Тӯхтамиш ба Табрез ҳуҷум мекунад, Камолро бо худ гирифта ба Олтинурда мебарад. Камол он ҷо дар шаҳри Сарой (наздикии Астрахан) ҳаёти осуда ва бофароғат гузаронидааст. Темурланг соли 1395 Саройро истило намуд. Камол баъди 10-11 соли ҳиҷрон ба Табрез бармегардад, зеро аҳли оилааш дар он ҷо буд. Минбаъд Камол зиндагии фақиронае[171] дошт. Камол умри дароз дидааст. Вале ин умри азизи ӯ дар ғарибӣ зери азоби бекасӣ ва маҳрумӣ гузашта аст. Вай аз он бекасӣ ва оворагардӣ аз синаи пурдард нолаҳои дилхарош[172] мебарорад:

*Дилам ба зулфи ту чун аст, аз ин ғариб мапурс,*
*Ки шом чун гузарад бар ғариб, ман донам.*

Камол, ки шоири ватандӯст буд, ҳеҷ гоҳ зодгоҳи азизи худ - Хуҷандро аз ёд набароварда, ҳамеша аз он ёд карда, аз хуҷандӣ будани худ фахр мекард:

*Бо лутфи табъ мардуми Шероз аз Камол*
*Бовар намекунанд, ки гӯям: хуҷандиям.*

---

[171]***Фақирона – камбағалона, нодорӣ***
[172]***Дилхарош – ҷонкоҳ, пурсӯзу гудоз.***

Камол соли 1401 дар Табрез вафот кард. Ӯро дар боғи худаш, ки Биҳишт ном дошт, ба хок супурданд. Мақбараи ӯ то имрӯз боқист ва зиёратгоҳи аҳли хирад аст.

Аз Камоли Хуҷандӣ девоне боқӣ мондааст, ки аз 7335 байт иборат аст.



**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Стартегияи "Кластер"–ро истифода баред ва тарҷумаи ҳоли Камоли Хуҷандиро нақл кунед.*

*2. Дар бораи К.Хуҷандӣаз Интернет маълумоти иловагӣ ёбед ва ҳикоя кунед.*

*3. Ба Камоли Хуҷандӣ мактуб нависед.*

## ҒАРИБӢ[173]

*Дил муқими кӯи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,*
*Чун кунад бечораи мискинтани[174] танҳо ғариб.*
*Орзӯманди диёри хешаму ёрони хеш,*
*Дар ҷаҳон то чанд гардам бе сару бе по ғариб?!*
*Чун ту дар ғурбат наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли мо,*
*Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас, илло, ғариб.*
*Ҳаргиз аз роҳи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист,*
*Ҳоли зори мустамандӣ монда дур аз мо ғариб.*
*Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли мо,*
*Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ кӣ афтад бо ғариб?*
*Дарғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,*
*Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб.*

### САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г
*1. Ғазалро ифоданок қироат кунед.*
*2. Мазмуни ғазалро нақл кунед.*
Ч
*3. Таҳлил кунед, ки чаро шоир аз ҳоли дар ғарибӣ доштааш шикоят кардааст?*
М
*4. Мисраи «Дар ҷаҳон то чанд гардам бе сару бе по ғариб»?! чӣ маъно дорад?*
*5. Дар мавзӯи "Ватани ман" эссе нависед.*

## ДӮСТ МЕДОРАД ДИЛАМ ҶАБРУ ҶАФОИ ДӮСТРО

*Дӯст медорад дилам ҷабру ҷафои дӯстро,*
*Дӯсттар аз ҷону сар дарду балои дӯстро.*
*Заҳмати худ бо табиби муддаӣ[175] хоҳам намуд,*
*То бисозад чораи дарду давои дӯстро.*
*Чун муроди дӯст ҷон афшондан аст аз дӯстон,*
*Зудтар дарёб, ҷони ман, ризои дӯстро.*
*Дар ҳавои ӯ тавонад дод ошиқ сар ба бод,*

---

[173]***Ғарибӣ* – зиндагии дур аз ватан, дурӣ аз ватан, мусофирӣ, бекасӣ, ғурбат, танҳоӣ.**
[174]***Мискин* – фақир, бенаво, бечиз, оҷиз, бечора.**
[175]***Муддаӣ* – даъвогар, додхоҳ, рақиб.**

*Лек натвонад ниҳод аз сар ҳавои дӯстро.*
*Гар бадал кардӣ ба сад Фирдавс гарди кӯи дӯст,*
*Ройгон[176] аз даст додӣ хоки пои дӯстро.*
*Дастбӯси дӯст мехоҳӣ, бишӯ даст аз ду кавн[177],*
*Дастолуда нашояд марҳабои[178] дӯстро.*
*Дӯстиҳои ҳама олам бирӯб аз дил, Камол,*
*Пок бояд доштан хилватсарои[179] дӯстро.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

1. *Шарҳи калимаҳои мушкилро аз луғат ёбед ва дар хотир нигоҳ доред.*
2. *Ғазалро бурро ва ифоданок қироат намоед.*
3. *Мазмуни ғазалро ҳикоя кунед.*
4. *Дар ин ғазал дӯст дар маркази диққат аст?*
5. *Бигӯед, ки шоир дар зери мафҳуми дӯст киро дар назар дорад?*

Ч

6. *Ғазалро ба наср гардонед.*

## КИНОЯ

Киноя калимаи арабӣ буда, маънои луғавиаш сухани пӯшида, пӯшида сухан гуфтан; рамз ва ишора аст. Дар илми бадеъ номи яке аз санъатҳои маънавист. Киноя чунон аст, ки шоир ё нависанда калима ё ибораеро истифода менамояд, ки ба маънои аслии худ не, балки ба маънои акс омадааст. Дар ин маврид шарти асосӣ ин аст, ки маънои аслӣ ва маънои иловагӣ аз ҷиҳати мантиқӣ ва шабоҳат бояд ба ҳам наздик бошанд. Масалан, «Думи сагат каҷ», «Оби дари хона қадр надорад» киноя аз айбҷӯӣ ва беқадрии наздикон мебошад. Киноя аз воситаҳои баён буда, дар он ифодаи маънои ҳақиқӣ низ имкон дорад. Масалан, агар гӯем, ки «Дарро задам, девор кафид» ба маънои одаме, ки ҳақиқати гапро нафаҳмида, ғавғо мебардорад, аммо задани дару кафидани девор ба маънои аслӣ низ наздик аст.

Киноя яке аз санъатҳои серистеъмоли адабиёти шифоҳӣ низ ба

---

[176]***Ройгон*** *- муфт, бепул.*
[177]***Кавн*** *- дунё, олам.*
[178]***Марҳабо*** *- хуш омадӣ.*
[179]***Хилватсарой*** *– ҷои хилват, ҷои танҳо ва холӣ аз бегонагон, ҷои осоиш.*

шумор меравад. Дар афсона, латифа ва мақолу зарбулмасалҳои халқӣ хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Чанд мисол: «Дами табарро пахта гирифтааст», «Ҳамаро мон, аммаро меҳмон кун».

Дар ин байти Мирзо Турсунзода «меҳмон» киноя аст:

*Фурсати он аст, ки ин «меҳмон»*
*Тарк кунад кишвари Ҳиндустон.*

Дар абёти поёнӣ таъбирҳои «Нафасе то ба охират бирасид», «Худош бардорад» ва «Мусулмонӣ ҳамин аст» - у «бедард» ба вазифаи киноя омадаанд:

*Шоҳ аспе ба шоире бахшид,*
*Ки зи тундеш чашми чарх надид.*
*Буд тунд ин қадар, ки аз дунё*
*Нафасе то ба охират бирасид.*

***(Бисотӣ)***

*Рақиб гуфт, ки афтодаам, маро бардор,*
*Дуош кардаму гуфтам: «Худош бардорад»*

***(Возеҳ)***

*Гар мусулмонӣ ҳамин аст, ки Ҳофиз дорад,*
*Вой агар аз паси имрӯз бувад фардое.*

***(Ҳофиз)***

*На ҳар к-ӯ зан бувад, номард бошад,*
*Зан он мард аст, к-ӯ бедард бошад.*

***(Низомӣ)***

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Киноя дар луғатҳо ба кадом маъниҳо меояд?*
*2. Чаро кинояро воситаи баён меноманд?*
*3. Ҷумлае тартиб диҳед ё байте гӯед, ки дар он киноя истифода шуда бошад.*

# АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ



*Қавофисанҷ мургон, гӯ хамӯш*
*бошед дар бӯстон,*
*Ки Ҷомӣ омадаст аз ҷумла дар*
*лутфи сухан бар сар.*

Абдурраҳмони Ҷомӣ 7 ноябри соли 1414 дар деҳаи Харҷурди вилояти Ҷом ба дунё омадааст. Ҳангоме ки Ҷомӣ 11-сола мешавад, оилаи онҳо аз вилояти Ҷом ба Ҳирот меоянд. То ин дам Абдурраҳмони Ҷомӣ дар назди падараш - Низомуддин Аҳмад саводи пурра баровардa, инчунин забони арабиро то андозае аз худ карда буд. Баъд аз ин Абдурраҳмон дар Ҳирот, дар мадрасаи Низомия таҳсили илмро давом медиҳад. Ҷомӣ аз кӯдакӣ зеҳни бурро, ақли расо ва одати аҷибе дошт. Ба ҳар як чиз, ба ҳар як ҳодиса аз нуқтаи назари кунҷковӣ нигоҳ мекард. Фаъолияти эҷодии Ҷомӣ барвақт сар шуда буд. Ҳанӯз аз овони ҷавонӣ овоза ва ҳурмат пайдо кардани ӯ на танҳо дар ватани худаш, балки дар бисёр мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна ҳам бо далелҳо исбот шудааст. Ҷомӣ 9-уми ноябри соли 1492 дар Ҳирот фавтидааст. Аз Абдурраҳмони Ҷомӣ асарҳои бисёри манзуму мансур мерос мондаанд. Таърихнависони Шарқ ва Осиёи Миёна асарҳои Ҷомиро аз 34 то 99 номгӯй шумурдаанд. Калонтарин асарҳои ӯ «Баҳористон», китоби «Ҳафт авранг», ки аз ҳафт достони манзум иборат аст ва «Девони Ҷомӣ» - маҷмӯаи ғазалиёт мебошанд.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г — *1. Стратегияи “Кластер”-ро истифода намоед ва тарҷумаи ҳоли Абдурраҳмони Ҷомиро нақл кунед.*

Ҷ — *2. Аз калимаҳои додашуда байти Ҷомиро ёбед:*
*Сари, ҷумла, тоҷи, илм, ҳунарҳост,*
*Илм, қулфкушои, дарҳост, ҳама.*

*3. Дар бораи зиндагиномаи А. Ҷомӣ видеолавҳа тамошо кунед.*

*4. Аз Интернет дар бораи Абдурраҳмони Ҷомӣ маълумот ҷамъ кунед ва ҳикоя кунед.*

# ҲИКОЯҲО АЗ «БАҲОРИСТОН»

Абдурраҳмони Ҷомӣ бо шеъру сухани худ дар байни мардуми мо шӯҳрат ёфтааст. Машҳуртарин китоби насрии ӯ «Баҳористон» аст. Ин китоб дар пайравии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ навишта шудааст ва аз ҳашт боб иборат буда, ҳар боби он аз ҳикоятҳои пандомез, оқилона, ҳикматҳои зиндагӣ, рӯзгори ибратбахши шахсони бузург ва шоирон ба ҳам омадааст. Як боби китоб аз масалҳои ширини амали парандагон ҳикоят мекунад. Ҷомӣ марди ҳикматшинос ва файласуф ҳам буд ва бо панду ҳикматҳо моро насиҳат мекунад ва панду андарз меомӯзад.

## ҲИКОЯТ

Искандари Румӣ дар овони ҷаҳонгирӣ бо ҳилаи тамом ҳисореро[180] бикушод ва ба вайрон кардани он фармон дод. Гуфтанд: «Дар он ҷо ҳакимест доно ва бар ҳалли мушкилоти ҳикмат тавоно». Вайро талаб дошт. Чун биёмад, шакле дид аз қабули табъ дур ва табъи аҳли қабул аз вай нуфур[181]. Гуфт: «Ин чӣ сурати ғариб ва чӣ шакли муҳиб (бадҳайбат) аст?» Ҳаким аз он сухан барошуфт ва хандон-хандон дар он ошуфтагӣ гуфт:



*[180]Ҳисор – девор, девори даври қалъа, қалъа.*
*[181]Нуфур – нафрат.*

## ҚИТЪА

*Таъна бар ман мазан ба сурати зишт[182],*
*Ай тиҳӣ аз фазилату инсоф!*
*Тан бувад чун ғилофу ҷон шамшер,*
*Кор шамшер мекунад, на ғилоф!*

Дигар гуфт: «Ҳар киро хулқ бо халқ на некӯст, пӯст бар бадан зиндони ӯст, чунон аз вуҷуди худ дар тангноест афтода, ки зиндон дар ҷанби (тараф) он азмгоҳест кушода».

## ҚИТЪА

*Касе, ки бо ҳама кас хӯи бад ба кор барад,*
*Ҳамеша дар кафи сад ғусса мумтаҳан[183] донаш.*
*Машав ба шаҳна[184], ки зиндон мақоми ӯ гардон,*
*Ки пӯст бар тани бадхӯ бас аст зиндонаш.*

Ва дигар гуфт: «Ҳасуд ҳамеша дар ранҷ аст бо парвардигори хеш ситезасанҷ, ҳар чӣ дигаронро диҳад, вай написандад ва ҳар чӣ на насиби вай, дил дар он бандад».

## ҚИТЪА

*Эътироз аст бар аҳкоми ҷаҳондори ҳаким*
*Одати марди ҳасадпеша, ки хокаш ба даҳан.*
*Ҳар чӣ бинад ба кафи ғайр, фиғон бардорад,*
*Ки чаро дод ба вай бесабаб онро, на ба ман.*

Дигар гуфт: «Хирадмандони карим мол бар дӯстон шуморанд ва бехирадони лаим[185] аз барои душманон бигузоранд».

## ҚИТЪА

*Ҳар чӣ омад ба дасти марди карим,*
*Ҳама дар пои дӯстон афшонд.*

---

***[182]Зишт – бадномо, бадафт.***
***[183]Мумтаҳан - имтиҳоншаванда, дучори азобу сахтӣ.***
***[184]Шаҳна - посбони шаҳр, ҳокими шаҳр.***
***[185]Лаим - паст, хасис***

*В-он чӣ андӯхт сифлатабъи[186] лаим,*
*Баъди марг аз барои душман монд.*

Дигар гуфт: «Бо хурдон дар ҳазлу фисус овехтан обрӯи бузургӣ рехтан аст ва ғубори зиллату[187] хорӣ ангехтан».

## ҚИТЪА

*Ай, ки бар сифла медарӣ ҷома,*
*Ном, тарсам, ба гургият биравад.*
*Машав афсӯспеша бо хурдон*
*В-арна фарри бузургият биравад.*

Дигар гуфт: «Ҳар кӣ бо зердастон шеваи муштзанӣ бар даст гирад, дар лагадкӯби забардастон бимирад».

## ҚИТЪА

*Дило, гӯш кун аз ман, ки ин нуктаи[188] хуш,*
*Ки мондаст дар гӯшам аз нуктадонон.*
*Ки ҳар кас кашад теғи номеҳрубонӣ,*
*Шавад куштаи теғи номеҳрубонон.*

## ҲИКОЯТ

Дар маҷлиси Кисро се тан аз ҳукамо ҷамъ омаданд: файласуфи Рум, ҳакими Ҳинд ва Бузургмеҳр. Сухан ба он ҷо расид, ки сахттарини чизҳо чист? Румӣ гуфт: «Пирию сустӣ ба нодорию тангдастӣ». Ҳиндӣ гуфт: «Тани бемор бо андӯҳи бисёр». Бузургмеҳр гуфт: «Наздики аҷал бо дурӣ аз ҳусни амал». Ҳама ба қавли Бузургмеҳр бозомаданд.

## ҲИКМАТ

Се кор аз се гурӯҳ зишт ояд: тундӣ аз подшоҳон ва ҳирс бар мол аз доноён ва бухл аз тавонгарон.

---

[186] ***Сифлатабъ** – хасис.*

[187] ***Зиллат** – хорӣ, забунӣ.*

[188] ***Нукта** – масъалаи нозук, сухани пӯшида.*



## ҚИТЪА

*Ин се кор аст, ки-ш нигорад зишт*
*Аз се кас хомаи нигоранда:*
*Тундхӯии[189] подшоҳи қавӣ,*
*Ҳирси донову бухли доранда.*

## АЗ ТАМСИЛОТИ «БАҲОРИСТОН»
## ҲИКОЯТ

Рӯбоҳбачае бо модари худ гуфт:

- Маро ҳилае биёмӯз, ки чун бар кашокаши саг дармонам, худро бираҳонам.



***[189]Тундхӯ(й) – бадхулқ, оташмизоҷ, тезхашм.***

Гуфт:

- Он ҳила фаровон аст, аммо беҳтарини ҳама он аст, ки дар хонаи худ бинишинӣ, на ӯ туро бинад ва на ту ӯро бинӣ.

## ҚИТЪА

*Чу бо ту хасм шавад сифлае, на аз хирад аст,*
*Ки дар хусумати ӯ макру ҳила соз кунӣ.*
*Ҳазор ҳила тавон сохт в-аз ҳама он беҳ,*
*Ки ҳам зи сулҳу ҳам аз ҷангаш эҳтироз[190] кунӣ.*

## ҲИКОЯТ

Сурхзанбӯре бар магаси асал зӯр овард, то вайро тӯъмаи худ созад. Ба зорӣ даромад, ки:

- Бо вуҷуди ин ҳама шаҳду асал маро чӣ қадру маҳал, ки онро бигузорӣ ва ба ман рағбат орӣ?

Занбӯр гуфт:

- Агар он шаҳд аст, ту шаҳдро конӣ ва гар он асал, ту сарчашмаи онӣ.



[190]*Эҳтироз – парҳез ва худдорӣ кардан аз коре ё аз чизе.*

## ҚИТЪА

*Э хуш он марди ҳақиқат, ки зи пайғому[191] салом*
*Рӯ битобад, ба сӯи моидаи васл равад.*
*Асл чун рӯй намояд зи паси пардаи фаръ[192],*
*Фаръро боз гузорад, ба сари асл равад.*

## ҲИКОЯТ

Мӯреро диданд ба зӯрмандӣ камар баста ва малахеро даҳ баробари худ бардошта. Ба тааҷҷуб гуфтанд:

- Ин мӯрро бинед, ки бо ин нотавонӣ бореро ба ин гаронӣ[193] чун мекашад?

Мӯр чун ин сухан бишунид, бихандиду гуфт:

- Мардон борро бо нирӯи[194] ҳиммату бозуи ҳамийят[195] кашанд, на ба қуввати тану захомати[196] бадан.



## ҚИТЪА

*Боре, ки осмону замин сар кашид аз он,*
*Мушкил тавон ба ёварии ҷисму ҷон кашид.*
*Ҳиммат қавӣ[197] чу аз мадади раҳравони ишқ,*
*К-он борро ба қуввати ҳиммат тавон кашид.*

---

*[191] **Пайғом** – хабари хуш, мужда, башорат.*
*[192] **Фаръ** – он чӣ аз асл ҷудо шудааст, шохаи дарахт.*
*[193] **Гаронӣ** – вазнинӣ, душворӣ, мушкилӣ, сахтӣ.*
*[194] **Нирӯ** – қувва, зӯр, қудрат.*
*[195] **Ҳамийят** – ғайрат, орият, нангу ор.*
*[196] **Захомат** – ғафсӣ, кулуфтӣ, ситабрӣ.*
*[197] **Қавӣ** – зӯр, бақувват; мустаҳкам, устувор; калон, бузург, тануманд.*

## САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г

*1. Дар ҳикояи «Искандар ва ҳаким» Ҷомӣ киҳоро мазаммат кардааст?*

*2. Байти зеринро маънидод кунед:*

*«Тан бувад чун гилофу ҷон шамшер.*
*Кор шамшер мекунад, на гилоф!»*

Ч

*3. Ҳикояҳои «Хулқи бад», «Ҳасуди ситезасанҷ», «Хирадмандони карим», «Ҳазл бо хурдон», «Муштзанӣ бо зердастон», «Се кор аз се гурӯҳ зишт ояд», «Ҳилаи аз ҳама беҳ», «Сурхзанбӯр ва магаси асал», «Мӯри боҳиммат»-ро шарҳ диҳед. Бигӯед, ки дар онҳо чӣ чиз тарғиб ёфтааст ва чӣ чиз мазаммат шудаast?*

*4. Се-чор ҳикояи «Баҳористон»-ро интихобан аз ёд кунед ва лавҳа тайёр кунед.*

М

*5. Ба қаҳрамони ҳикояи дилхоҳи Абдурраҳмони Ҷомӣ мактуб нависед.*

## *ҲИКОЯҲО АЗ «СИЛСИЛАТ-УЗ -ЗАҲАБ»*

## ҚИССАИ РУСТОӢ[198], КИ ДАРОЗГӮШИ[199] ПИРИ ЛАНГИ ПУШТРЕЗ[200] БА БОЗОРИ ХАРФУРӮШОН БУРД

Содамарде зи ақл дуртарак,
Дошт дар деҳ яке заиф харак.
Хараке пиру сусту лоғару ланг[201],
Ки нарафтӣ ду рӯз як фарсанг[202]...
Ҳаргиз аз зарби газ напаймудӣ,
Роҳро ҷуз ба газ напаймудӣ.
Буд доим зи захми марди салим[203],
Сурх кемухти[204] ӯ ба ранги адим[205].

---

[198]*Рустоӣ – деҳотӣ, қишлоқӣ, он ки дар деҳ зиндагӣ мекунад.*

[199]*Дурозгӯш – хар, маркаб.*

[200]*Пуштрез – захми пушт дошта; он ки пушташ маҷруҳ шудааст.*

[201]*Ланг – дурустроҳ рафта наметавонад, чӯлоқ, хари як пояш маъюб, сустрафтор, танбал.*

[202]*Як фарсанг - воҳиди масоҳат,ки наздик ба шаш километр аст.*

[203]*Салим - солим,саломат,сиҳат.*

[204]*Кемухт - пӯсти пушт.*

[205]*Адим – сурх.*



*Гар расидӣ ба ҷўяке борик,*
*Ҳама олам бар ў шудӣ торик...*
*Рўзе он содарўй шаҳраш бурд,*
*Ба ҳарифони харфурўш супурд.*
*Яке аз ҷамъ харфурўшона*
*Баҳри ин кор риш зад шона.*
*Бонг мезад, ки кист дар бозор,*
*Ки харад баҳри худ хари раҳвор?*
*Хар магў, астари[206] ҷавону равон,*
*Сахт дар роҳу тунд дар майдон.*
*Ҷаҳад аз ҷой, агар расад ба масал,*
*Сояи тозиёнааш ба кафал[207].*
*Балки дар сояаш гар ояд пеш,*
*Гомҳо[208] бугзарад зи сояи хеш,*
*Меҷаҳад ҳамчу бод ҷой ба ҷой,*
*Меравад ҳамчу об дар гилу лой.*
*Ҳаст ўйи бузургу наҳри азим,*
*Пеши ў кам зи ҷадвали тақвим.*

[206]**Астар – хичир.**
[207]**Кафал – рон.**
[208]**Гом - қадам.**

*Халқ аз он гуфтугӯй механдид,*
*Лекин он содамард чун бишнид,*
*Сар фарогӯши харфурӯш овард:*
*- К-ай ба бозори харфурӯшон фард[209].*
*Агар ин қисса рост мегӯӣ,*
*Роҳи ин арса[210] рост мепӯӣ,*
*Сухане гӯямат, ба ман кун гӯш,*
*Ба манаш боз деҳ, ба кас мафрӯш.*
*Дер шуд, к-инчунин сутуда[211] улоғ[212],*
*Ки ту гуфтӣ, кунам ба шаҳр суроғ,*
*Ай аҷаб, к-он худ они ман будааст,*
*Рӯзу шаб зери рони ман будааст.*
*Ёр дар хонаю ба гирди ҷаҳон,*
*Ман талабгораш ошкору ниҳон.*
*Посухаш дод, к-ай салимулқалб[213],*
*Карда даҳр аз ту фаҳму дониш салб[214].*
*Балки ҳаргиз туро набудаст он,*
*К-аз ту, гӯям касе рабудаст он.*
*Солҳо шуд, ки рокиби[215] ӯӣ,*
*Қиссаи ӯ зи ман чӣ меҷӯӣ?*
*Ба газофе[216], ки дар забон ду-се бор,*
*Рондам аз баҳри гармии бозор.*
*Дар сифатҳои ин матоъи сақат[217]*
*Аз ҷаҳолат чӣ уфтӣ ба ғалат?!*

---

***[209]Фард - якка, танҳо, ягона.***
***[210]Арса - майдон, саҳро.***
***[211]Сутуда - таъриф кардашуда.***
***[212]Улоғ - улав, маркаб, суту.***
***[213]Салимулқалб – соддадил.***
***[214]Салб - омӯхтан, ёд гирифтан,***
***[215]Рокиб - савор.***
***[216]Газоф – дурӯғ.***
***[217]Сақат - паст, ноқис, мурда.***

# ҚИССАИ ОН ХИРС, КИ ОБАШ МЕБУРД

*Хирсе аз ҳирси тўъма[218] бар лаби рўд,*
*Баҳри моҳӣ гирифтан омада буд.*
*Ногаҳ аз об моҳие барҷаст,*
*Бурд ҳоле ба сайди моҳӣ даст.*
*Пояш аз ҷой шуд, дар об афтод,*
*Пўстин з-ин хато дар об ниҳод...*



*Об бас тез буду паҳновар,*
*Хирси мискин дар об шуд музтар[219].*
*Дасту по зад басеву суд надошт,*
*Оқибат хешро ба об гузошт.*
*Аз бало чун ба ҳила натвон раст,*
*Бояд он ҷо зи ҳила шустан даст.*
*Ҳамчу хике[220], ки пашм ноканда,*
*Бошад аз рахту[221] бахт оганда[222].*
*Бар сари об чархзан мерафт,*
*Даст шуста зи ҷону тан мерафт.*

---

[218]**Тўъма – луқма, хўрок, таом**
[219]**Музтар – зарарраcида, бечора, ноилоҷ.**
[220]**Хик – зарфи чармини калоне, ки дар он об, равған ва моеоти дигар нигоҳ медоранд.**
[221]**Рахту – либос, пўшокӣ, асбобу анҷом**
[222]**Оганда - пур, пур кардан.**



*Ду шиновар зи дур бар лаби об,*
*Баҳри коре ҳаме шуданд шитоб.*
*Чашмашон ногаҳон фитод бар он,*
*Аз таҳайюр[223] шуданд хира дар он.*
*К-он чӣ чиз аст, мурда ё зиндаст,*
*Пӯсте аз гумош[224] огандаст?*
*Он яке бар канора манзил сохт,*
*В-он дигар хешро дар об андохт.*
*Ӯ шино кард, то бар он бирасид,*
*Хирс худ махласе[225] ҳаме талабид.*
*Дар шиновар ду даст зад маҳкам,*
*Боз монд аз шино шиновар ҳам.*
*Андар он мавҷ гашта аз ҷон сер,*
*Гоҳ боло ҳамешуду гаҳ зер.*
*Ёр чун дид ҳоли ӯ зи канор,*
*Бонг[226] бардошт, к- «Ай киромӣ ёр!*
*Гар гарон аст пӯст, бигзораш,*
*Ҳам бад-он мавҷи об биспораш».*
*Гуфт: - «Ман пӯстро гузоштаам,*
*Даст аз пӯст боздоштаам.*

---

[223]***Таҳайюр* – ҳайронӣ, тааҷҷуби сахт, ҳайрат.**
[224]***Гумоштан* – щавола кардан; равона кардан чизеро ба чизе.**
[225]***Махлас* - халосӣ, раҳоӣ.**
[226]***Бонг* – овози баланд, фарёд.**

*Пӯст аз ман даме надорад даст,*
*Балки пуштам ба зӯри панҷа шикаст»!*
*Ҷаҳд[227] кун, ҷаҳд, ай бародари пук,*
*Пӯст донӣ зи хирсу хик зи хук.*

## ТАМСИЛ

*Гуфт рӯбоҳбачча бо рӯбоҳ,*
*К- «Ай зи макри сагони деҳ огоҳ.*
*Бозие кун кунун маро таълим,*
*Ки бад-он аз сагам набошад бим».*
*Гуфт: «Аз он бозие набинам беҳ,*
*Ки ту дар дашт бошӣ, ӯ дар деҳ.*
*Чашми вай бар ту, чашми ту бар вай*
*Нафитад варна афтадат дар пай».*

## ҲИКОЯТИ ПИРЗОЛЕ[228], КИ РОҲ БАР САНҶАР ГИРИФТА

*Буд дар Марви Шоҳи ҷон[229] золе,*
*Ҳамчу золи ҷаҳон кӯҳансоле.*
*Рӯзе омад зи ханҷари ситаме,*
*Бар вай аз як-ду лашкарӣ аламе.*
*Аз тазаллум[230] забон чу ханҷар кард,*
*Рӯй дар раҳгузори Санҷар кард.*
*Дид, к-аз роҳ мерасад Санҷар,*
*Бурда аз саркашӣ ба кайвон[231] сар.*

---

***[227]Ҷаҳд – саъй, кӯшиш, ғайрат***
***[228]Пирзол – пиразан, кампир.***
***[229]Шоҳи ҷон - шакли кӯтоҳи Шоҳи ҷаҳон, номи қадимии шаҳри Марв дар Туркманистони имрӯза.***
***[230]Тазаллум – шикоят аз беадолатии касе.***
***[231]Кайвон – зуҳал, яке аз сайёраҳои калони низоми офтоб, ки онро ба форсӣ кайвон мегӯянд.***



*Бонг бардошт, к-ай парешон кор,*
*Гӯши худ сӯи синарешон дор!*
*Гӯши Санҷар чу он нафир[232] шунид,*
*Борагӣ[233] сӯи гандапир кашид.*
*Гуфт, к-ай пиразан, чӣ афтодат,*
*Ки зи гардун гузашт фарёдат?*
*Гуфт: «Ман ранҷкаш яке золам[234],*
*Камтар аз сад ба андаке солам.*
*Хуфта дар хонаам се-чор ятим,*
*Дилашон бахри ним нон ба ду ним.*
*Ғайри нони ҷавон нахӯрда таом,*
*Карда ширин даҳон зи мева ба ном.*
*Бо ман имсол гуфтугӯ карданд,*
*В-аз ман ангур орзу карданд.*
*Сӯи деҳ ҷустам аз ватан дурӣ,*
*Тан ниҳодам ба ранҷи муздурӣ.*
*Дастам инак чу панҷаи муздур[235],*

---

[232]***Нафир – фарёд, бонг, нолаву зорӣ.***
[233]***Борагӣ - асп.***
[234]***Зол – пир, мӯйсафед***
[235]***Муздур – он кӣ кор карда музд мегирад, мардикор.***

*З- обила[236] пур чу хўшаи ангур.*
*Чун зи деҳ дастмузди худ ситадам[237],*
*Пур шуд аз орзўшон ҳам сабадам.*
*Бо дили хурраму лаби хандон*
*Рў ниҳодам ба сўи фарзандон.*



*Як- ду бедодгар зи лашкари ту*
*Дар ради адлу зулм ёвари ту.*
*Бар мани хаста ғорат овараднд,*
*Сабадам з-орзў тиҳӣ[238] карданд...*
*Ту чунин фориға[239], ҷигархорон*
*Аз ҷафои ту хуни дил борон.*
*Ин чӣ шоҳиву мамлакатдорист,*
*Дар дили халқ тухми ғамкорист?*
*Даст аз адлу дод доштаӣ,*
*Золимон бар ҷаҳон гумоштаӣ[240].*

---

[236]***Обила – варами обгирифта.***
[237]***Ситад – доду гирифт.***
[238]***Тиҳӣ – холӣ***
[239]***Фориғ – халосшуда, бепарво, хотирҷамъ.***
[240]***Гумошта – фиристода.***

*Гарчи имрўз нест ҳадди касе,*
*Ки барорад зи зулми ту нафасе,*
*Чун ҳувайдо[241] шавад садои нуҳуфт.*
*Чӣ ҷавоби Худой хоҳӣ гуфт?!..*
*Пеш аз он к-ат аҷал даҳон бандад,*
*Хасмат[242] аз ашки дўстон хандад,*
*Чашм букшо, чу оқибатбинон,*
*Бинигар ҳоли зори мискинон».*
*Шоҳ Санҷар чу ҳоли ў донист,*
*Сабр бар ҳоли хеш натвонист.*
*Даст бар рў ниҳоду зор гирист,*
*Гуфт бар худ, ки ин чӣ коргарист?*
*Туф бар ин Хусравиву шоҳии мо,*
*Туф бар ин зиштию табоҳии[243] мо...*
*Баъд аз он гуфт, к-он ду золимро*
*В-он ду сардафтари мазолимро,*
*Дафтари умр пора-пора кунанд,*
*То ҳама золимон назора кунанд.*

## ҲИКОЯТИ ҲОТАМ[244]

*Ҳотам он баҳри ҷуду[245] кому[246] ато[247]*
*Рўзе аз қавми хеш монд ҷудо.*
*Уфтодаш гузар ба қофилае[248],*
*Дид асире, ба пой силсилае[249].*

---

[241]**Ҳувайдо** – равшан, зоҳир, ошкор.
[242]**Хасм** – душман.
[243]**Табоҳӣ** – харобӣ, фақирию нодорӣ.
[244]**Ҳотам** – дар адабиёти классикӣ номи шахсе аз қабилаи тайи араб, ки дар саховату бахшиш машҳур шудааст.
[245]**Ҷуд** – ҷавонмардӣ, саховат, бахшиш, эҳсон.
[246]**Ком** – мурод, мақсад.
[247]**Ато** – бахшиш, инъом.
[248]**Қофила** – корвон.
[249]**Силсила** – ҳар чизи монанди занҷир пайи ҳам бо ҳам пайваста.

*Пешаш омад ба баҳри дасти кушод,*
*Хост з-ӯ фидя[250], то шавад озод.*
*Ҳотам он ҷо надошт ҳеҷ ба даст*
*Бар вай аз бори он расид шикаст.*
*Холӣ аз лутф пой пеш ниҳод,*
*Банди ӯро ба пои хеш ниҳод.*
*Сохт з-он банди сахт озодаш,*
*Изни[251] рафтан ба ҷои худ додаш.*
*Қавми[252] Ҳотам зи пай расидандаш,*
*Чун асирон ба банд дидандаш.*
*Фидяи ӯ зи моли ӯ доданд.*
*Пои ӯ ҳам зи банд букшоданд.*

## САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г 1. Дар қиссаи «Рустоии харфурӯш» кадом хислатҳои деҳотиён ошкор шудааст?

Ч 2. Тамсили «Хирс, ки обаш мебурд» ба ин қисса чӣ муносибат дорад?

3. Дар «Ҳикояти пирзоле, ки роҳ ба Санҷар гирифта»Ҷомӣ ба кадом бозёфти азим муваффақ ва комёб гаштааст?

М 4. Ба қаҳрамонони «Ҳикояти пирзоле, ки роҳ ба Санҷар гирифта» мактуб нависед.

5. Дар «Ҳикояти Ҳотам» кадом хислати наҷибу ҳамидаи инсонӣ ситоиш ёфтааст, дар эссе фикри худро нависед.

---

[250]**Фидя** - хунбаҳо, сарбаҳо.
[251]**Изн** – иҷозат, рухсат
[252]**Қавм** – гурӯҳи мардум, тоифа, қабила, халқ, мардум.

# ҚИССАИ КУЛАНГЕ[253], КИ ҲАВАСИ ШИКОРИ КАБӮТАР КАРДУ ХУД ШИКОРИ ДИГАРЕ ШУД

*Козуре[254] дар навоҳии Бағдод*
*Буд дар кори козурӣ[255] устод.*
*Бар лаби даҷла[256] козурӣ кардӣ,*
*Рӯзии худ зи козурӣ х(в)ардӣ.*
*Бар лаби об доимо медид,*
*Ки куланге бузург мегардид.*



*Кирмаке чун зи об бинмудӣ,*
*Нӯл кардӣ дарозу бирбудӣ.*
*Ба ҳамон аз ҷаҳон қаноат дошт,*
*Ғайри он ҷумла бод мепиндошт.*
*Дошт бо «изза манқанаъ» пайванд,[257]*
*Буд парвозгоҳаш авҷи баланд.*
*Хор нокарда «залли мин тамаъ»-аш*
*Буд бе заллати тамаъ шабаъаш[258]*

---

[253]*Куланг – турна.*
[254]*Козур - ҷомашӯй, либосшӯй.*
[255]*Козурӣ – либосшӯӣ.*
[256]*Даҷла – дарёи равону сероб.*
[257]*Изза манқанаъ - шахси қонеъ азиз аст. Аз мақоми машҳури арабӣ, ки маъниаш: қонеъ азиз мешавад ва тамаъкорхор.*
[258]*Шабаъ – серӣ.*

*Ногаҳон рўзе аз ҳаво бозе*
*Тезгарде баландпарвозе,*
*Кард сўи кабўтар оҳанг,*
*Нои[259] ўро гирифт сахт ба чанг.*
*Аз сари ҳаммати баланд, ки дошт,*
*Андаке хўрду бештар бигзошт.*
*Аз карам нест мудхилӣ[260] кардан*
*Хон[261] ниҳодан, тамом худ хурдан*
*Беҳ аз он суфра чуфраи оташ,*
*Ки аз он шуд гуруснае дилх(в)аш.*
*Чун бидид он куланге соданиҳод,*
*Оташе дар ниҳоди ў афтод.*
*Гуфт: «Ман худ ба ҷусса з-ў бешам,*
*Шеваи ў чаро наяндешам?*
*Бод аз ин кору бори хешам шарм,*
*Ки ба кирме шавам чунин дилгарм.*
*Ҳама олам пур аз вуҳушу туюр,[262]*
*Чанд бошам ба кирмаке магрур?!*
*Баъд аз ин ҳиммате кор кунам.*
*Лоиқи хештан шикор кунам.*
*Ба ҷаҳон дардиҳам салои карам[263],*
*Худ хурам тўъмаву хуронам ҳам».*
*Ин бигуфту кушод бол чу боз,*
*Аз замин кард бар ҳаво парвоз.*
*Аз қазо[264] дид, к-аз миёни ҳаво*
*Шуд мутаввақ[265] ҳамомае[266] пайдо,*

---

***[259]Ной – гулў.***
***[260]Мудхилӣ – бахилӣ.***
***[261]Хон - дастурхон.***
***[262]Вуҳушу туюр - ҳайвоноту парандаҳо***
***[263]Салои карам – нидо ва даъвати меҳрубонона.***
***[264]Аз қазо – тасодуфан.***
***[265]Мутаввақ – бахилӣ.***
***[266]Ҳаммома – бахилӣ.***

*Кард бар вай ба сони боз камин*[267]*,*
*То фурӯ гирадаш ба ҷангали кин.*
*Сарнагун шуд зи бахти бадфармой,*
*Дар гадире*[268] *фитод пургилу лой.*



*Монд дар лою гил пару болаш,*
*Шуд ба идбор*[269] *мубдао иқболаш...*
*Дид козур шикорие бе фах*[270]*,*
*Гуфт: «Баҳ, баҳ, ки нек шуд матбах*[271]*»,*
*Баргирифташ равону бо дили шод*
*Рӯ ба хилватсарои хеш ниҳод.*
*Кард шахсе савол аз ӯ ба шигифт,*
*К-ин чӣ мург аст? Дар ҷавобаш гуфт:*
*«Ин кулангест карда шаҳбозӣ,*
*Хурда з-ин санъати табаҳ бозӣ,*
*Сохта аз паи шикор фане,*
*Карда худро шикор ҳамчу мане».*

---

[267]***Камин – пинҳонгоҳе, ки дар он ба қасди ҳуҷум ё дастгир кардани душман паноҳ шуда мешинанд.***
[268]***Ғадир - кӯл, оби ҷамъшуда.***
[269]***Идбор – бадбахтӣ.***
[270]***Фах - дом.***
[271]***Матбах – ҷои ошпазӣ, ошпазхона.***

*Ҳар ки афзун кашад қадам зи гилем,*
*Афканад хешро ба вартаи[272] бим!*
*Бозро дар шикор бурдан беҳ,*
*Ҷугдро[273] ҷугдвор бурдан беҳ.*
*Фаррух он кас ки вори худ бисохт,*
*Кори худро ба вори[274] худ пардохт.*
*Шуд ба ҳикмат баландовоза,*
*Гом[275] берун назад зи андоза.*
*Мутақориб[276] ниҳод дар раҳи ком[277],*
*Мутаҷониб зи тафраи[278] наззом[279]*
*Ҳарки зад тафра аз сари туфра.*
*То ба мақсад расад ба як турфа.*
*Нарасидаш ба пои мақсуд даст,*
*Гардану пушт ҳар ду хурд шикаст.*
*Мурғи наврас нагашта нируманд,*
*Мепарад з-авҷи ошёни баланд.*
*Мезанад парру шарру[280] боли вабол[281],*
*Мекунад чарб гурбаро чангол.*
*В-ар ту гӯӣ, ки ҳиммати олӣ,*
*К-аз ҳавову ҳавас бувад холӣ.*
*Талаби мақсади баланд кунад,*
*Майли мақсуди арҷманд кунад.*
*Аз умури данӣ[282] ба беҳуда*
*Накунад домани худ олуда,*
*Хуш набошад, ки бози шаҳпарвар,*
*Ба ҳавои магас кушояд пар.*

---

[272]***Варта** – ҷои пурхатар, гирдоб.*
[273]***Ҷугд** – чугз, бум, паранда.*
[274]***Вор** – лаёқат.*
[275]***Гом** – қадам.*
[276]***Мутақариб** – наздик.*
[277]***Ком** – мақсад.*
[278]***Тафра** - хез задан, барҷастан.*
[279]***Наззом** - назмдиҳанда, ба тартиб оварда.*
[280]***Шарр** – бадӣ*
[281]***Вабол** - зарар, зиён.*
[282]***Данӣ** - нокас, паст.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Қисса ва ҳикоётро бодиққат хонда, мазмуни онҳоро нақл кунед.*

*2. Дар «Қиссаи куланг» кадом хислатҳои нописандидаи одамӣ маззамат карда шудааст?*

М

*3. Бигӯед, ки чаро куланг ҳаваси шикори кабӯтар карду худ гирифтори шикори дигаре шуд?*

Ч

*4. Дар ин байти Ҷомӣ кадом ҳикмати халқ ҷой дода шудааст?*

*«Ҳар кӣ афзун кашад қадам аз гилем,*
*Афканад хешро ба вартаи бим».*

# ҲИКОЯҲО АЗ «НАФАҲОТ-УЛ-УНС»

«Нафаҳот-ул-унс» аз ҷумлаи асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ буда, дар байни солҳои 1475-1477 дар пайравии «Табақот-ус-сӯфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ (1006-1088) навишта шудааст. Номи пурраи ин асар «Нафаҳот-ул-унс мин қударо-тул-қудус» буда, Ҷомӣ дар он роҷеъ ба шарҳи ҳол ва тавсифи осори 616 нафар сӯфиён[283] (582 нафар мард ва 34 нафар зан) маълумот додааст. Сабаби таълифи «Нафаҳот- ул-унс» хоҳиш ва дастгирии Алишери Навоӣ будааст. Ин асар дар баробари аҳамияти ирфонию тасаввуфӣ[284] доштан, барои омӯхтани шарҳи ҳол ва эҷодиёти як қатор адибони форс-тоҷик сарчашмаи нодир маҳсуб мешавад. Дар «Нафаҳот-ул-унс» доир ба ҳолоту мақомоти Мансури Ҳаллоҷ, Абӯсаиди Абулхайр, Алии Ҳамадонӣ барин машоихи[285] бузург ва Низомии Ганҷавӣ, Фаридуддини Аттор, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ барин шоирону мутафаккирони барҷаста маълумоти зиёд пайдо кардан мумкин аст.

«Нафаҳот-ул-унс» соли 1495 бо номи «Насоим-ул-хулд» аз ҷониби Алишери Навоӣ ба забони туркии чағатоӣ тарҷума шудааст. Тарҷумаҳои

---

*[283] **Сӯфиён** –пайрави тариқати тасаввуф.*

*[284] **Тасаввуф** – ҷараёне, ки пайравони он барои пок шудан аз хоҳишҳои нафсонӣ кӯшида, ашёи олам ва табиатро мазҳари Худо медонистанд, либоси пашмина пӯшида, ба зуҳду тақво машғул мешуданд.*

*[285] **Машоих** – шакли ҷамъи шайх, донишманд, пешвои рӯҳонӣ.*

англисӣ ва олмонии он низ мавҷуд аст. «Нафаҳот-ул-унс» ҳамчун намунаи насри асри XV форс-тоҷик низ ҷолиби диққат мебошад. Ҳоло барои намуна чанд ҳикояи «Нафаҳот-ул-унс»-ро барои хонандагон пешкаш менамоем:

## РОҶЕЪ БА ФАРИДУДДИНИ АТТОР

Вай муриди[286] ҳазрати Маҷдуддини Бағдодист. Дар дебочаи[287] китоби «Тазкират-ул-авлиё», ки ба вай мансуб аст, мегӯяд, ки як рӯз пеши Имом Маҷдуддини Бағдодӣ даромадам. Вайро дидам, ки мегирист.

Гуфтам:

- Хайр аст?

Гуфт:

- Зиҳӣ[288], сипаҳсолороне, ки дар ин уммат[289] будааст ва ба масобаи[290] анбиё[291] алайҳимуссалом, ки уламоа умматӣ каанбиё банӣ Исроил (яъне, олимони пайрави ман баробари пайғамбарони банни Исроиланд). Пас гуфт:

- Аз он мегирям, ки дӯш гуфта будам: Худовандо, кори ту ба иллат[292] нест, маро аз ин қавм гардон ё аз наззоратчиёни ин қавм гардон, ин қисм дигарро тоқат надорам. Мегирям, бувад, ки мустаҷоб шавад. Ва баъзе гуфтаанд, ки вай Увайсӣ будааст. Ва дар сухани Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ мазкур аст, ки нури Мансур баъд аз саду панҷоҳ сол бар рӯҳи Фаридуддини Аттор таҷаллӣ[293] кард ва мураббии ӯ шуд. Гӯянд, сабаби тавбаи вай он буд, ки рӯзе дар дӯкони атторӣ машғул ва машғуфи[294] муъомила буд, дарвеше ба он ҷо расид ва чанд бор шайъа лиллоҳ гуфт, вай ба дарвеш напардохт.

---

*[286] Мурид– пайравикунанда; хоҳон, толиб.*
*[287] Дебоча – сарсухан, муқаддима, пешгуфтор.*
*[288] Зиҳӣ – нидо офарин!, чӣ хуш!.*
*[289] Уммат – пайрави ислом ва мусулмонон*
*[290] Масоба – дараҷа андоза.*
*[291] Анбиё – пайғамбарон, ҷамъи набӣ*
*[292] Иллат – сабаб, айб, дард.*
*[293] Таҷаллӣ – ҷилва кардан, ошкору падидор шудан.*
*[294] Машғуф–дилбандшуда, саргарми чизе гардида.*

Дарвеш гуфт:
- Эй хоҷа, ту чӣ гуна хоҳӣ мурд?
Аттор гуфт:
- Чунон ки ту хоҳӣ мурд.
Дарвеш гуфт:
- Ту ҳамчу ман метавонӣ мурд?
Аттор гуфт:
- Бале.

Дарвеш косаи чӯбин дошт, зери сар ниҳод ва гуфт:

- Аллоҳ! Ва ҷон бидод. Атторро ҳол мутағайир[295] шуд, дӯкон барҳам зад ва бо ин тариқ даромад.

Ва гуфтаанд, ки Мавлоно Ҷалолуддин дар вақти рафтан аз Балх ва расидан ба Нишопур ба сӯҳбати вай дар сиғари синн[296] рисидааст ва китоби «Асрорнома» ба вай дода ва вай доимо онро бо худ медошт ва дар ҳақоиқу[297] маъориф иқтидо[298] ба вай дорад, чунон ки гуфтаанд:

*Гирди Аттор гашт Мавлоно,*
*Шарбат аз дасти Шамс будаш нӯш.*

Ва дар мавзеи дигар гуфтааст:

*Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,*
*Мо аз паи Саноиву Аттор омадем.*

Ва он қадар асрору тавҳид[299] ва ҳақоиқи азвоқ[300] ва мавоҳид, ки дар маснавиёт вағазалиёти вай андароҷ ёфта, дар суханони ҳеҷ кас аз ин тоифа[301]ёфт намешавад. Ва ҷазокаллоҳу анилтолибин-ал-муштоқина хайрал ҷазои мин анфосиҳи-ш-шарифа. (Худованди бузург аз нафаси шарифи ӯ ба толибони муштоқ беҳтарин мукофоти мукофотҳоро ато фармояд).

---

***[295]Мутағайир – тағйирёбанда.***
***[296]Сиғари синн – хурдсолӣ, муддати умр.***
***[297]Ҳақоиқ – ҷамъи ҳақиқат.***
***[298]Иқтидо – пайравӣ, тақлид.***
***[299]Тавҳид – эътиқод ба ягонагии Худо, ягонагӣ.***
***[300]Азвоқ – ҷамъи завқ.***
***[301]Тоифа–гурӯҳе аз мардум; қабила.***

*Ай рўй даркашида ба бозор омада,*
*Халқе ба ин тилисм гирифтор омада.*

Ва ин қасида бист байт зиёдат аст ва баъзе аз аҳолӣ онро шарҳи некӯ навиштаанд ва дар шарҳи ин байт чунин фармудаанд, ки яъне эй он ки рўйи худро, нури зоҳирӣ вуҷуд аст ба рўйпўши таъинот ва сувар[302] даркашида ва пўшида ба бозор омада! Халқе бад-ин тилисми сувар, ки бар рўи ин ганҷи махфӣ кашида, ба воситаи касрати таъиноти мухталифа[303] ва осори мутабоина[304] гирифтор. Бўъду[305] ҳиҷрон ва иффату[306] пиндор ғайрат гашта, бо худ ба воситаи сирояти партави[307] ҷамоли он рўй дар рўйпўши мазоҳири[308] сувари ҷамила[309] сурати гирифтори балои сувари ишқ ва муҳаббат гашта, баъзе ошиқи маънӣ ва баъзе ошиқи сурат:

*Туӣ маънию беруни ту исм аст,*
*Туӣ ганҷу ҳама олам тилисм аст.*

Ва ушшоқи[310] сурат ба ваҳми худ аз маъшуқ дур афтодаанд ва намедонанд, ки ошиқи кистанд ва дилрабои эшон чист?

*Майли халқи ҷумла олам то абад*
*Гар шиносандат ва-гар на, сўи туст.*

---

[302]***Сувар** – ҷамъи сура, ҷамъи сурат.*
[303]***Мухталиф** – гуногун.*
[304]***Мутабоин** – тафовутдор, аз ҳамдигар ҷудошаванда.*
[305]***Бўъд** – дурӣ, дур будан, фосила.*
[306]***Иффат** – парҳезгорӣ, покдоманӣ, порсоӣ.*
[307]***Партав** – шуоъ, нур, шўъла, фурўғ.*
[308]***Мазоҳир** – ҷамъи мазҳар, ҷойи намоён шудани чизе.*
[309]***Ҷамила** – зан ё духтари хушрўй.*
[310]***Ушшоқ** – ҷамъи ошиқ.*

# РОҶЕЪ БА ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Вай бисёр бузург будааст. Ва иштиғоли[311] вай ба шеър ва такаллуф[312]дар он сатру талбисро[313] буда бошад. Балки мешояд барои он буда бошад, ки зоҳир мағлуби ботин нашавад ва аз риъояти[314] сурат (и) убудият[315] боз намонад, чунон ки худ мегӯяд:

*Ин такаллуфҳои[316] ман дар шеъри ман,*
*Куллаюмнӣ[317] ё ҳумайрои[318] ман аст.*

Илладавом[319] ба риёзат ва муҷоҳидат машғул мебуда. Хидмати Хоҷа Убайдуллоҳ Бақоӣ мефармуданд, ки вай чанд гоҳ дар Шош мебудааст.

Волиди ман мегуфт, ки вай дар он муддат, ки он ҷо буда, ҳайвонӣ намехӯрад. Як бор аз вай илтимос кардем, ки чӣ шавад, ки таъоме, ки дар он гӯшт бошад, хӯрда шавад? Маро гове бувад хуб ва фарбеҳ. Хидмати Шайх бар ваҷҳи тайибат[320] фармуд, ки ту гови худро бикушӣ, то гӯшт бихӯрем. Ман бе он ки вайро вуқуф бошад, говро бикуштам ва аз он таъоме муҳайё сохтам. Ба ҷиҳати хотири ман аз он гӯшт бихӯрд. Ва дар зовияе[321], ки дар Табриз дошта, хилвате будааст, дар он ҷо умр ба сар мебурдааст ва касе дигар он ҷо кам мерасида. Чун баъд аз вафоти вай онро дидаанд, ғайр аз бӯрёе[322], ки бар он ҷо менишаста ё мехуфта ва санге, ки зери сар мениҳода чизе дигар наёфтанд. Дар хидмати Шайх Зайнуддини Хавофӣ мегуфтааст, ки дар вақти таҳсили улум[323] дар Табриз ба сӯҳбати вай расида мешуд, маро ба ин тариқ далолат мекард ва мегуфт, ки ба нисбати иродаи мо дароӣ. Ман гуфтам, ки маро нисбат ба шумо дағдағаҳо ба хотир мегузарад. Гуфт:

---

***[311]Иштиғол – машғул будан.***

***[312]Такаллуф – ба зимма гирифтани ранҷи зиёдатӣ; худнамоӣ.***

***[313]Талбис – маккорӣ, ҳилагарӣ; пӯшидан, либос пӯшидан.***

***[314]Риъоят – нигоҳдорӣ, посдорӣ.***

***[315]Убудият – бандагӣ; тоату ибодат***

***[316]Такаллуф – ба зимма гирифтани ранҷи зиёдатӣ; худнамоӣ.***

***[317]Куллаюмнӣ – ҷамъи бахт***

***[318]Ҳумайро – ҳамроҳ***

***[319]Илладавом – аз ҳамин сабаб***

***[320]Ваҷҳи тайибат – сабаби покиза***

***[321]Зовия – ҳанд, кунҷ, гӯша, кулба.***

***[322]Бӯрё –бофтаи наӣ, ки дар хонаҳо аз таҳи палос паҳн мекунанд ва барои нагузаронидани нам ба кор меравад.***

***[323]Улум– ҷамъи илм.***

- Бигӯй, то аз он ҷавоб гӯям. Ман ҳеҷ нагуфтам, аммо дар авохир, ки ба ин тариқ даромадам ва маро дар он кушоде шуд, донистам, ки вайро мартабаи иршод[324] аст, ки пеши вай кор тавон кард.

Гӯянд: дар он вақт, ки дар сарои ман мебудааст, мавзеъе будааст, ки дар он вақт, ки об туғён[325] мекард, дар он мавзеъ харобӣ бисёр мекарда. Чун вақти туғёни об наздик расида, он қиссаро ба вай гуфтаанд. Фармудааст, ки хаймаи маро дар он мавзеъ бизанед. Хаймаи вайро он ҷо бурдаанд, дар он ҷо мебудааст, чунон ки вақти туғёни об гузашта аст ва дар он мавзеъ ҳеҷ харобӣ воқеъ нашуда. Вафоти вай дар санаи силса[326]ва самонамоия (703) будааст ва қабри вай дар Табриз аст. Ва бар лавҳи қабри вай ин байт навиштаанд:

*Камол, аз Каъба рафтӣ бар дари ёр,*
*Ҳазорат офарин, мардона рафтӣ.*

## РОҶЕЪ БА ХОҶА ШАМСУДДИН МУҲАММАД ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Вай лисонулғайб[327] ва тарҷумонуласрор аст. Басо асрори ғайбия ва маъонии ҳақиқа, ки дар кисвати[328] сурат ва либоси маҷоз намуда, ҳарчанд маълум нест, ки вай дасти иродати пире гирифт ва дар тасаввуф ба яке аз ин тоифа нисбат дуруст карда, аммо суханони вай бар машраби[329] ин тоифа воқеъ шудааст, ки ҳеҷ касро ин иттифоқ наяфтода. Яке аз азизони силсилаи хоҷагон фармудааст, ки ҳеҷ девон беҳ аз девони Ҳофиз нест, агар марди сӯфӣ бошад ва чун ашъори вай аз он машҳуртар аст, ки ба эрод[330] эҳтиёҷ дошта бошад, лоҷарам инони[331] ҳилм[332] аз он масруф[333] мегардад. Ва вафоти вай дар санаи иснин ва тасъина ва сабъамоия (792) будааст.

---

***[324]Иршод – нишон додани роҳи рост.***

***[325]Туғён – аз ҳад зиёд боло омадани оби дарё, обхез***

***[326]Силса – шакли кӯтоҳшудаи силсила***

***[327]Лисонулғайб – забони ғайб, забони асрор; лақаби шоири машҳури форсу тоҷик Ҳофизи Шерозӣ.***

***[328]Кисват – либос, пӯшок.***

***[329]Машраб – маслак, тариқат (дар тасаввуф).***

***[330]Эрод – гуфтор, баён, сухан рондан, эътироз.***

***[331]Инон –лаҷом, ҷилав.***

***[332]Ҳилм – нармӣ, мулоимат.***

***[333]Масруф – сарфшуда, харҷшуда.***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г

*1. Дар «Нафаҳот-ул-унс» доир ба кадом адибони форс-тоҷик маълумот дода шудааст?*

*2. Гӯед, ки «Нафаҳот-ул-унс»и А. Ҷомӣ чӣ аҳамият доштааст?*

*3. «Нафаҳот-ул-унс»-и А. Ҷомӣ ба кадом забонҳо тарҷума шудааст?*

*4. Бигӯед, ки чаро Аттори Нишопурӣ аз атторӣ даст кашид?*

*5. Ҳикояи Шайх Камоли Хуҷандиро хонда, мазмунашро нақл кунед.*

М

*6. Дар бораи аҳамияти маърифатии ҳикояи «Нафаҳот-ул-унс»-и А.Ҷомӣ эссе нависед.*

# ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

*Аз мо мапурс, к-оташи дил то чӣ ғоят[334] аст,*
*Аз оби дида[335] пурс, ки у тарҷумони мост.*



Камолуддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ тахминан дар солҳои 20-уми асри XV дар деҳаи Байҳақи ноҳияи Сабзвори Эрон ба дунё омадааст. Ӯ илмҳои забону адабиёт, фалсафа, нуҷум[336], ахлоқ, риёзиёт, фиқҳ[337] ва воизиро[338] аз худ намуда, доир ба ин илмҳо асарҳои алоҳида эҷод кардааст.

Кошифӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои XV- XVI ҳамчун воизи беҳамто ва нотакрор шӯҳрат ёфта буд. Аз ин хотир, муддате дар Нишопур ва Машҳад зиндагӣ карда, ба воизӣ машғул будааст. Соли 1455 Кошифӣ ба Ҳирот меояд ва ба духтари олими тасаввуф - Саъидуддини Қошғарӣ хонадор мешавад. Ҳусайн Воизи Кошифӣ баъдтар ба намояндагони мактаби адабии Ҷомӣ ва шахсан бо худи ӯ шинос мешавад. Ниҳоят, соли 1505 дар Ҳирот Кошифӣ аз олам мегузарад.

Аз Кошифӣ мероси бузурги илмию адабӣ боқӣ мондааст. Миқдори асарҳои ӯро беш аз 40 адад медонанд, ки онҳо доир ба панду ахлоқ, ҳадис, нуҷум[339], риёзиёт, таърих, санъати иншонависӣ, санъати воизӣ, адабиётшиносӣ ва ғайра таълиф ёфтаанд. Кошифӣ дар «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноъ- ул-ашъор» дар бораи 300 навъи санъатҳои бадеӣ, аз қабили ташбеҳ, талмеҳ, истиора, таҷнис, тазод, тавсиф ва ғайра маълумоти муфассали назариявӣ дода, фикрашро бо ашъори адибони гузашта ва муосири худ тақвият додааст.

«Кашф-ул-асрор» (доир ба тасаввуф), «Махзан -ул - иншо» (доир ба санъати иншонависӣ), рисолаи «Ҳотамия» (наклу ривоятҳо доир ба

***
*[334]Ғоят – андоза, ниҳоят, охир.*
*[335]Оби дида – ашк, қатраи оби чашм.*
*[336]Нуҷум – ситорашиносӣ.*
*[337]Фиқҳ – қонуни шариат.*
*[338]Воиз – панду насиҳаткунанда дар масоили динӣ.*
*[339]Нуҷум – илми ситорашиносӣ, астрономия.*

Ҳотами Той), «Анвори[340] Суҳайлӣ[341]» («Калила ва Димна») ва «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» (доир ба ахлоқ) аз ҷумлаи асарҳои пурарзиши Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба шумор меравconfigуранд.

## ҲИКОЯҲО АЗ «АНВОРИ СУҲАЙЛӢ» («КАЛИЛА ВА ДИМНА»)

Ин ҳикоя тахминан дар асри IV ё соли 300 (яъне тақрибан 1700 сол пеш аз ин) аз тарафи муаллифи номаълуме дар Ҳиндустон таълиф гардидааст.

Аммо матни аслии он то замони мо омада нарасидааст. Он китобе, ки аз рӯи он таҳрирҳою тарҷумаҳои баъдина ба вуҷуд омадаанд, соли 1199 таҳрир ёфтааст. «Калила ва Димна» дар Ҳиндустон бо номи «Панчатанра» (яъне «Панҷ китоб») машҳур аст.

Ҳукмрони сулолаи Сосониён Хусрави Анӯшервон (531- 579) шунидааст, ки дар кӯҳҳои Ҳинд гиёҳе мерӯидааст, агар онро ба мурда диҳанд, зинда мешудааст. Анӯшервон Барзуя ном ҳакими худро ба Ҳиндустон мефиристад, ки он гиёҳро дастрас намояд. Барзуя дар кӯҳсори Ҳиндустон ин гиёҳро бисёр ҷустуҷӯ мекунад, вале онро пайдо карда наметавонад Аз донишманди кӯҳансоли Ҳинд сирри ин гиёҳи «ҷонбахш»-ро мефаҳмад: гиёҳи ҷонбахш китоби «Калила ва Димна» будааст, ки суханони пандомӯзи он одамони нодони ба мурда баробарро донову бино мекардааст. Барзуя он китобро пайдо карда, аз он нусха мебардорад ва ба Эрон назди Анӯшервон меорад. Тахмин мекунанд, ки Барзӯя «Калила ва Димна»-ро ба забони паҳлавӣ тарҷума кардааст.

Дар натиҷаи ҳамлаи арабҳо бисёр осори тамаддун[342] ва адабиёти халқҳои Эрону Осиёи Миёна аз байн рафт. «Калила ва Димна» дар қатори китобҳои нобуднашуда, хушбахтона, боқӣ монд ва дар асри VIII аз забони паҳлавӣ ба арабӣ бо қаламӣ шоир ва мутарҷими машҳур Абдулло ибни Муқаффаъ тарҷума шуд.

«Калила ва Димна» баъдтар тадриҷан ба забонҳои юнонӣ, славянӣ, яҳудӣ, лотинӣ, ҳамагӣ ба шаст забон тарҷума шуда, дусад маротиба таҳрир ёфт.

---

[340]*Анвор – ҷамъи нур; нурпошӣ.*

[341]*Суҳайл – номи ситорае, ки дар шабҳои охири тобистон дида мешавад.*

[342]*Тамаддун – маданияти бузург.*

Дар асри XII Абулмаолии Насруллоҳ «Калила ва Димна»-ро аз забони арабӣ аз нав ба забони форсӣ тарҷума намуд. То асри XV тарҷумаи форсии Абулмаолии Насруллоҳ шӯҳрати калоне дошт. Бо мурури замон, баробари тағйироти сиёсию иқтисодӣ, ақидаву афкори иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, завқу писанди бадеӣ низ тағйир ёфт. Акнун зарурати аз нав таҳрир намудани «Калила ва Димна» ба вуҷуд омад. Нависандаи барҷаста, олими намоён ва воизи беҳамтои асри XV Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба тарҷумаи Абулмаолии Насруллоҳ либоси нав пӯшонида, «Калила ва Димна»-ро аз нав таҳрир намуд. Ӯ ба шарафи Шайх Аҳмади Суҳайлӣ, ки аз хосони Султон Ҳусайни Бойқаро (1468- 1506) буд, ба ин китоб «Анвори Суҳайлӣ» ном гузошт.

Ҳикояти «Калила ва Димна» таърихи дуҳазорсола дорад ва дар муддати бист аср, бешубҳа, аз ҷиҳати мазмун, сабк ва услуб борҳо тағйир ёфтааст.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба китоби «Калила ва Димна» ҳикояти подшоҳи Чин ва ба воситаи он ҳикояти Рой Добшилим ва Бараҳман Бидпойро дохил намуд.

Дар мамлакати Чин подшоҳи адолатпарваре буд, ки ӯро Ҳумоюнфол мегуфтанд. Ӯ Ҳуҷистарой ном вазири донишманд ва соҳибтадбире дошт. Рӯзе шоҳу вазир бо лашкари зиёд ба шикор бароmаданд. Рӯзи дароз онҳо дар дашту кӯҳсор ҷонварону ҳайвонотро сайд намуданд. Баъди шикор шоҳ лашкари худро ҷавоб дода, ҳамроҳи вазир ва чанд тан аз сипоҳиён ба тарафи шаҳр равона шуд.

Ҳумоюнфол ба Ҳуҷистарой таклиф намуд, ки дар ягон ҷои сояву салқин каме истироҳат намуда, пас ба роҳ дароянд. Ҳуҷистарой ӯро ба доманаи кӯҳе, ки марғзори сабзу хуррам ва чашмасорҳои бешумор дошт, овард. Онҳо дар лаби ин чашмаҳо ва сояи дарахтҳо нишаста истироҳат мекарданд. Дар марғзор дарахти кӯҳнаи себ буд, ки аз нашъунамо монда, танаи он аз захми кирмон холӣ шуда буд.

Дар ковокии ин дарахт занбӯрҳои асал хона сохта буданд ва бо навбату тартиб даробаро мекарданд. Ҳумоюнфол, ки ин ҳолро пеш аз ин надида буд, чӣ будани ин занбӯрҳо ва сабаби таку дави онҳоро аз вазири худ пурсид. Ҳуҷистарой ҷавоб дод:

- Ин занбӯрҳо гурӯҳеанд, ки манфиати бисёру зарари андаке доранд. Онҳо подшоҳе доранд, ки ба ҷусса аз онҳо бузургтар аст ва ҳамаи онҳо ба ӯ сари итоат хам кардаанд: барои идора намудани онҳо вазир, ҳоҷиб, дарбон, посбон ва нақиби[343] лашкар таъин намудааст. Ҳар як аз ин занбӯрҳо барои худ аз мум хонаи шашкунҷае сохтааст ва ба ҳукми султонашон аз хонаҳояшон берун меоянд. Амирашон мефармояд, ки онҳо тани

худро ба ҳар чизи нопок олуда насозанд. Аз ин сабаб, онҳо фақат болои гулу шукуфаҳои тоза нишаста, гардҳои онро мехӯранд.

Аз гарди ин гулу шукуфаҳо дар дохили онҳо шарбате ҳосил мешавад. Вақте ки ба хонаҳои худ меоянд, дарбонон онҳоро тафтиш мекунанд, агар мабодо аз онҳо бӯи баде ояд, ҳамон замон онҳоро ду пора карда мекушанд. Агар дарбонон тағофул[344] кунанд ва дар ҳамин ҳол онҳоро ба хона роҳ диҳанд, подшоҳ аз ин бӯи бад хабардор шуда, ҳам он занбӯр ва ҳам он дарбонро мекушад. Агар фарзанди занбӯре аз занбӯрхонаи дигар ба хонаи онҳо даромаданӣ шавад, онро манъ мекунанд, агар гӯш накунад, ӯро низ ба қатл мерасонанд. Ривоят мекунанд, ки Ҷамшед тарзи давлатдориро бо усули ҳамин занбӯрҳо сохта будааст.

Ҳумоюнфол аз ин суханони Ҳуҷистарой дар ҳайрат монда гуфт:

«Аҷаб дар он аст, ки бо вуҷуди сирати ҳайвонӣ доштанашон якдигарро озор намедиҳанд ва ҳарчанд неш дошта бошанд ҳам, ҳосили он фақат шарбати нӯш аст. Мо дар байни одамон хилофи ин одатро мебинем, ки ҷамъе аз онҳо ба гурӯҳи дигаре зарар мерасонанд ва мехоҳанд, ки бунёде ҳамчун худро барандозанд».

Пас шоҳу вазир аз ахлоқи инсонӣ ва муносибати одамон бо ҳамдигар хеле сӯҳбатҳо карданд. Дар зимни ин сӯҳбат Ҳуҷистарой гуфт:

- Ҳар подшоҳи одил, ки мадори кори худро бар ҳикмат ниҳад, панду насиҳати ҳакимон ва донишмандонро дастуру амали кори худ кунад, ҳам мамлакаташ ободон ва ҳам раияташ хушдилу шодон хоҳанд шуд. Чунончи Рой Аъзами Добшилими ҳиндӣ, ки асоси салтанати худро аз рӯи қоидаҳои ҳакими донишманд Бараҳман Бидпой сохта буд, рӯзгори худро ба комронӣ гузаронида.

Ҳумоюнфол мегӯяд, ки ӯ ҳам аз қиссаи ин Ройи Аъзам бисёрҳо шунидааст, аммо тафсили он то ҳол ба ӯ маълум нест. Сипас аз Ҳуҷистарой хоҳиш намуд, ки ин қиссаро батафсил ба ӯ ҳикоят кунад.

Ҳуҷистарой гуфт:

- Дар яке аз кишварҳои Ҳинд подшоҳе буд, ки ӯро Рой Добшилим мегуфтанд. Добшилим ба забони ҳиндӣ подшоҳи бузург гуфтан аст. Добшилим шоҳи ниҳоят раиятпарвар ва саховатманд буд. Дар сӯҳбати ӯ пайваста ҳакимони донишманд ва олимони фозил ҳозир буданд.

---

[343] ***Нақиб – сардори қабила, раиси қавм.***

[344] ***Тағофул – худро ба нодонӣ задан, чашм пӯшидан.***

- Рӯзе Добшилим маҷлисе ишрат ороста буд. Дар ин маҷлис аз хислатҳои писандида ва сифатҳои сутудаи одамон ва шоҳон сухан мерафт. Дар айни сӯҳбат сухан аз саховатмандӣ ва эҳсону иньом ба миён омад. Ҳама гуфтанд, ки барои инсон ва махсусан, шоҳон хислати беҳтарин ва писандатарин саховатмандӣ аст.

Добшилим чун ин суханҳо шунид, фармуд, ки дари хазинаро кушоянд ва зару сим ба хосу ом бидиҳанд. Аз ин саховат ва инъомҳои бисёру бешумори шоҳ хурду калон хурсанду хушдил шуданд.

Ҳамин шаб Добшилим дар хоб дид, ки пирамарди нуроние пеши ӯ омада гуфт:

- Имрӯз ту ганҷи гаронмояро ҳадяи хосу ом ва хурду калон кардӣ. Субҳидам бархез ва ба сӯи Машриқ бирав, ки дар он ҷо ганҷе ниҳон аст ва он насибаи туст.

Пагоҳии барвақт Добшилим аз ҷой бархеста, савор ба Шарқ равон шуд. Ӯ ба домани кӯҳи баландқуллае расид, ки дар зери он ғори бетаге буд. Бар дари он ғор пирамарди равшандиле нишаста буд. Добшилим чун назди он пир расид, салом кард, пирамард аз дилҷӯии шоҳ хурсанд шуда ӯро таҳният хонд ва гуфт:

- Шоҳо, ман ба расми тӯҳфа ганҷномаеро, ки аз падарам мерос мондааст, ба ту тақдим медорам. Дар он ганҷнома навишта шудааст, ки дар гӯшаи ин ғор ганҷи фаровоне ҳаст. Ман, ки аз давлати дунё даст кашидаам, мехоҳам, ки ин ганҷро ту бибарӣ ва сарфи давлати худ бисозӣ.

Добшилим ба хидмадгорон фармуд, ки атрофи он ғорро бикованд. Дар андак муддате хидматгорон сандуқҳои бисёре пайдо карда, пеши шоҳ оварданд. Добшилим фармуд, сари сандуқҳо кушоданд, дар онҳо симу зари фаровон ва тӯҳфаҳои бешумор диданд. Аммо дар байни ин сандуқҳо сандуқе диданд, ки бо бандҳои маҳкам баста ва қулфи румие ба он зада буданд. Ҳарчанд ҷустуҷӯ карданд, калиди ин қулф пайдо нашуд. Бо фармоиши Добшилим оҳангарони чобукдаст мувофиқи он қулф калиде сохта сандуқро кушоданд ва аз он дурҷе берун оварданд. Даруни он дурҷ[345] ҳуққае буд. Ҳуққаро пеши шоҳ оварда кушоданд, ки аз он пораи ҳарире[346] берун омад, дар рӯи ҳарир ба хати суриёнӣ чизе навишта буд.

Пас олимеро, ки аз хату забони суриёнӣ воқиф буд, ҳозир карданд ва он олим мазмуни ин хатро чунин шарҳ дод:

- Ин ганҷнома мактубест, ки анвои манфиату фоидаҳо дар он дарҷ ёфтааст. Мазмуни мухтасари он ин аст: Ман, ки Ҳушанг подшоҳам, ин

---

[345] ***Дурҷ – сандуқча барои нигоҳ доштани ҷавоҳирот ва зару зевар, ҳуққа.***

[346] ***Ҳарир – порчаи абрешимии нафис; абрешим.***

нома ва хазинаро барои Ройи Аъзам Добшилим ниҳодаам. Медонам, ки вақте ки ҳамаи ин ганҷҳо насиби ӯ мешавад, ин васиятномаро низ байни ин ганҷҳо ниҳодам, то ки ӯ ба зару сим фирефта нашуда, аз рӯи ҳамин васиятнома корҳои худро анҷом диҳад.

Васияти аввал он аст, ки агар подшоҳ ҳар касро аз ҷумлаи мулозимонаш ба худ наздик созад, ҳаргиз бадгӯии дигаронро дар ҳаққи ӯ қабул насозад. Зеро ҳар кӣ ба подшоҳ наздик шуд, албатта, ҷамъе аз ҳамкорон ба ӯ ҳасад мебаранд ва дар ҳаққи ӯ ҳар гуна бадгӯӣ мекунанд, то ӯро аз пой дароваранд.

Васияти дувум: ба маҷлиси худ касони хабаркаш ва ғараздорро роҳ надиҳад ва агар ин сифатро аз касе мушоҳида кунад, ҳар чӣ зудтар дар пайи пешгирии зарари ӯ шавад.

Васияти савум: бо арбоби давлати худ ҳамеша тариқи мувофиқат ва накӯхоҳиро риоя намоянд, зеро ба иттифоқи дӯстони якдилу якҷиҳат кор ҳамеша пешрав аст.

Васияти чорум: ба лутфу меҳрубонии душман ҳаргиз бовар накунад, ки аз душман ҳаргиз дустӣ наояд.

Васияти панҷум: чун гавҳари мурод ба даст даромад, дар муҳофизати он ғафлат накунад, ки агар мабодо мақсуд аз даст равад, ба даст овардани он басо душвор аст ва дар рафтани он пушаймонӣ суд надорад.

Васияти шашум: дар корҳо шитобзадагӣ ва сабуккорӣ накунад, балки тааммулу[347] таанниро[348] пеш гирад, ки зарари таъҷил бисёру манфиати сабру сукун бешумор аст.

Васияти ҳафтум: ҳеҷ гоҳ тадбиру чораандеширо фурӯ нагузорад.

Чун бинад, ки ҷамъе аз душманон ба қасди вай иттифоқ кардаанд, салоҳ дар он бинад, ки бо яке аз онҳо дӯстиву меҳрубонӣ карда, ба ин васила роҳи халосӣ кунад.

Васияти ҳаштум: аз касони ҳасуд ва бадкина ҳазар кунад ва ба нармзабонии онҳо мағрур нашавад, чун ниҳоли кина дар замини сина нишонда шуд, самари он танҳо зарару озор хоҳад буд.

Васияти нӯҳум: анвор ва бахшидани гуноҳро шиори худ созад ва мулозимони худро ба андак ҷарима ба азобу шиканҷа гирифтор насозад.

Васияти даҳум: гирди озори ҳеҷ кас нагардад, то ки ба тариқи мукофот ба худи ӯ зарар нарасад.

Васияти ёздаҳум: ба коре, ки мувофиқи тавру лоиқи ҳоли ӯ набошад, майл накунад.

---

[347]*Тааммул – фикр, мулоҳиза.*

[348]*Тааннӣ – ба оҳистагӣ, бе шитоб; ранҷ кашидан.*

Васияти дувоздаҳум: дар корҳо ҳамеша ҳалиму вазнин ва босубот[349] бошад.

Васияти сездаҳум: мулозимони азим ва боварибахш ба даст оварда, аз мардуми хоин ва ғаддор дурӣ гузинад. Ҳар як аз ин васиятҳо, ки ёд кардем, достоне ва ҳикояте дорад. Агар Рой хоҳад, ки ба тафсили ин достону ҳикоёт хабар ёбад, бояд ба Сарандеб равад, ки сирри ин гуфтор дар ҳамон ҷо кушода хоҳад шуд.

Добшилим чун ин суханҳо шунид, бо чанде аз арбоби давлат азимати сафари Сарандеб намуда, ба роҳ баромад. Ӯ ба шаҳри Сарандеб расида, ду-се рӯз аз ранҷи роҳ баросуда, баъд бо ду-се тан маҳрамони худ ба сӯи кӯҳи Сарандеб равон гашт. Вақте ки ба болои кӯҳ расид, назараш ба ғоре афтод, ки он маскани ҳакими донишманд Бидпой будааст. Маънии Бидпой ба забони ҳиндӣ табиби меҳрубон гуфтан аст. Добшилим ба зиёрати ӯ рафт. Бараҳман Бидпой ӯро бо меҳрубонӣ қабул намуд, сабаби ранҷи қадам пурсид. Добшилим қиссаи худ ба Бараҳман бозгуфт ва аз васиятномаи Ҳушанг сухан ба миён овард. Добшилим як-як аз ин васиятҳоро ба ҳакими донишманд Бидпой Бараҳман арз мекард ва Бараҳман дар он боб ба Добшилим ҳикоятҳо мегуфт. Китоби «Калила ва Димна» баёни ҳамин суолу ҷавоби Рой ва Бараҳман аст.



**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г *1. Стратегияи “Кластер”–ро истифода намуда дар бораи Ҳусайн Воизи Кошифӣ маълумот диҳед.*

Ч *2. Ба воиз чӣ гуна хусусиятҳо хос аст?*

*3. Дар замони ҳозира киро воиз номидан мумкин аст? Мисолҳо оваред.*

М *4. Дар бораи таърихи навишта шудани “Калила ва Димна” ва хизмати шоёни Ҳ.В.Кошифӣ нақл кунед.*



*5. Аз Интернет оид ба ҳаёти Ҳ. В. Кошифӣ маълумот ҷамъ оваред ва хулосаи худро гӯед.*

***349** Босубот – суботкор, устувор, матин.*

# ҲИКОЯИ “ГУНҶИШК ВА СУСМОР[350]”

Шунидаам, ки ду гунҷишк бар шохи дарахте ошёна ниҳода ва аз матои дунё ба обу дона қаноат карда буданд. Бар сари кӯҳе, ки он дарахт дар поёни вай истода буд, бошае маҳом дошт, ки дар вақти сайд кардан чун барқ аз гӯшае берун меҷаст ва соиқавор[351] хирмани ҷони мурғони заифболро пок месӯхт.



Ҳар гоҳ ки гунҷишкон бача мебароварданд ва онро парронча мекарданд, боша[352] аз камингоҳ[353] берун ҷаста, бачаи онҳоро рабуда, тӯъмаи бачагони худ месохт. Он гунҷишкон аз ошёнаи худ дил канда наметавонистанд. Боша бошад, ҳамеша бачаҳои онҳоро нобуд мекард.

Навбате бачагони онҳо қувват ёфта ва пару бол бароварда ҳаракат мекарданд. Падару модар ба дидори фарзандон хурсанд шуда аз вақти парвози онҳо хуррамӣ менамуданд. Ногоҳ андешаи боша ба хотири онҳо гузашт ва якборагӣ аз хурсандӣ боз монда ба изтиробу беқарорӣ нолаву зорӣ оғоз карданд. Яке аз фарзандонашон сабаби ин ҳол пурсид. Гуфтанд:

*Аз мо мапурс, к-оташи дил то чӣ гоят аст,*
*Аз оби дида пурс, ки у тарҷумони мост.*

---

*[350]Сусмор – ҷонвари хазандаи баданаш дарозрӯяи думдароз, калтакалос.*
*[351]Соиқавор – барқвор.*
*[352]Боша - парандаи шикорӣ аз боз хурдтар.*
*[353]Камингоҳ – ҷое, ки андак мешинад.*



Пас қиссаи зулми бошаро батафсил гуфтанд. Он писар гуфт:

- Ҳар дарде даво ва ҳар ранҷе шифое дорад. Мумкин аст, ки дар дафъи ин бало саъй кунед, ӯ аз сари мо бардошта шавад.

Ин сухан ба гунҷишкон мувофиқ омад. Яке аз онҳо ба бачагони худ нигоҳ карда истода, дигаре ба чораҷӯӣ парвоз кард. Чун қадре роҳ бипарид, дар андешаи он афтод, ки оё куҷо равам ва дарди дили худро ба кӣ гӯям:

*Ба дарди дил гирифторам, давои дил намедонам,*
*Давои дарди дил корест бас мушкил, намедонам.*

Охир ба хотираш омад, ки ҳар ҷонваре, ки ба назари ӯ аввал афтад, сухан ба вай бигӯяд ва илоҷи дарди дил аз вай биталабад. Иттифоқо, самандаре[354] аз маъдани оташ берун омада дар фазои саҳро сайругашт менамуд.

---

***[354]Самандар – ҷонвари калтакалосмонанд, ки ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ зиндагӣ карда метавонад.***



Гунчишк онро дид ва бо худ гуфт: «Биё, то дарди дил ба ин мурғи булъаҷаб бигӯям, шояд, ки гиреҳ аз кори ман бикшояд ва маро ба сӯи чора роҳ намояд». Пас аз таъзим назди самандар омад. Самандар ӯро дида гуфт:

- Дар башараи ту осори малол пайдост, агар аз ранҷи роҳ бошад, чанд рӯз дар ин ҷой иқомат кун, агар ҳолати дигар бошад, бигӯй, то ки чораи он ба қадри тоқати худ бубинам.

Гунчишк забон бикшод ва ҳоли зори худ пеши самандар арз кард:

*Бар ҳар касе, ки шарҳ диҳам достони хеш,*
*Сад доғи тоза бар дили он нотавон ниҳам.*

Самандар ин суханҳоро шунида гуфт:

- Ғам махӯр, ки ман ин балоро аз сари ту дафъ гардонам ва имшаб чунон кунам, ки хонаву ошёнаи ӯро бисӯзам. Ту ба ман манзили худ нишон деҳ ва худ ба сари фарзандон рав, то вақте ки назди ту оям.

Гунчишк нишони макони худ ба самандар нишон дод, бо хотири шод ва аз бори ғам озод рӯ ба ошёнаи худ ниҳод.

Чун шаб даромад, самандар бо ҷамъи ҳамҷинсони худ ҳар як миқдоре нафт ва гӯгирд бардошта ба он манзил равон шуд ва ба раҳнамунии гунчишк худро ба наздикии он ошёнаи боша расонд. Боша бо зиндагӣ мекунад; ҷонвари афсонавие, ки гӯё дар оташ намесӯзад.

Фарзандон сер хӯрда ва дар хоб шуда буданд. Самандарон он чӣ аз нафту гӯгирд ҳамроҳ доштанд, ба ошёнаи онҳо рехта бозгаштанд.

Аз шӯълаи оташ ошёнаи он золим афтод ва ҳамаи онҳо ба як бор бо хонаву ошёна хокистар шуданд. Ситамгар зи зулм оташе барфурӯхт. Чу зад шӯъла аввал ҳам ӯро бисӯхт.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

1. *Боша чӣ хел паранда аст?*
2. *Самандар чӣ хел ҷонвар аст?*
3. *Чаро гунҷишк ҳар сол бачаҳои худро тӯъмаи нафси боша мегардонид?*
4. *Гунҷишк барои халосии бачаҳояш чӣ чора андешид?*
5. *Самандар ба гунҷишк чӣ сон ёрӣ расонид?*

М

6. *Аз ин ҳикоят ба кадом хулоса омадед?*
7. *Ба дилхоҳ қаҳрамони ҳикоя мактуб нависед.*

## ҲИКОЯИ "МОҲИХОР"

Моҳихоре бар лаби обе ватан карда буд ва ба сайди моҳӣ рӯз мегузаронд. Чун заъфи пирӣ ба ӯ роҳ ёфт, аз шикори моҳӣ боз монд ва ба доми ғам гирифтор шуда бо худ мегуфт:

*Дарего қофилаи умр, к-он чунон рафтанд,*
*Ки гардашон ба ҳавои диёри мо нарасид.*

Афсӯс, ки умри азиз ба бозича барбод додам ва чизе, ки дар мавсими пирӣ пои мардӣ тавонам намудё дастгирӣ тавон кард, захира наниҳодам. Имрӯз қуввате намондааст, ҳамон беҳтар аст, ки бинои кор бар ҳила ниҳам.

Пас чун андӯҳгин оҳзанону нолакунон бар канори об нишаст. Харчанге ӯро аз дур бидид, пештар омад ва гуфт:

- Эй азиз, туро ғамнок мебинам, сабаб чист?

Моҳихор ҷавоб дод:

-Чӣ гуна ғамнок набошам, ту медонӣ, ки сармояи зиндагии ман он буд, ки ҳар рӯз як-ду моҳӣ мегирифтам ва ба он хӯроки ҳаррӯзаам ҳосил буд. Имрӯз ду сайёд ин ҷо мегузаштанд ва мегуфтанд, ки «дар ин обгир моҳӣ бисёр аст, ҷораи онро дидан лозим аст». Яке гуфт «дар фалон обгир моҳӣ аз ин бештар аст, аввал кори онҳоро тамом кунем, пас ба ин ҷо

меоем». Агар ҳол ҳамин хел бошад, ман бояд дил аз ҷони ширин бардошта бар талхии марг ниҳам. Харчанг, ки ин хабар шунид, зуд бозгашт ва назди моҳиён рафт ва ин хабари шумро ба онҳо гуфт. Дар миёни моҳиён ҷӯшу хурӯш афтод, ба иттифоқи харчанг рӯй ба моҳихор ниҳоданд ва гуфтанд:

- Аз ту ба мо ин хабар расиду инони тадбир аз дастамон рабуд:

*Чандон ки саропои муҳим менигарем,*
*Паргорсифат зи аҷз саргаштатарем.*

Ҳоло бо ту машварат мекунем ва ту худ мегӯӣ, ки ҳастииояндаи мо ба ту вобастааст. Пас дар ин кори мо чӣ андеша дорӣ?

Моҳихор ҷавоб дод:

- Ман худ ин сухан аз забони сайёдон шунидаам ва бо онҳо муқовимат кардан фоида надорад. Ба хотири ман ҳамин ҳила расид, ки дар ин наздик обгиреро медонам, ки обаш ба ҳадде мусаффост, ки донаи рег дар қаъри ӯ дидан мумкин аст. Бо ин ҳама ҳеч кас ба қаъри он расида наметавонад ва дидаи доми ҳеч сайёде ба он обгир наафтодааст:

*Обгире ба сони дарёест,*
*Лек дарёи бесару поест.*



Агар ба он ҷо кӯчида тавонед, бақияи умрро дар осоишу роҳат ва айшу фароғат хоҳед гузаронид. Моҳиён гуфтанд:

- Фикри хубест, аммо бе ёрии ту мо ба он ҷо рафта наметавонем. Моҳихор ҷавоб дод:

- Ман ҳар чӣ аз қуввату қудрат дорам, аз шумо дареғ[355] нахоҳам дошт. Аммо фурсат танг аст, мумкин аст, ки соат ба соат сайёдон биёянд ва фурсат аз даст равад.

Моҳиён таваллo намуданд ва ба илтимоси бисёр қарор ба он афтод, ки моҳихор ҳар рӯз чанд моҳиро бардошта ба он обгир мерасонад.

Пас моҳихор ҳар пагоҳӣ чанд моҳиро мебурд ва ба болои он пушта, ки дар наздикӣ буд, нишаста мехӯрд. Вақте ки боз меомад, дар кӯч-кӯч таъҷил[356] мекарданд ва ба якдигар пешдастӣ мечустанд. Ҳар кас, ки ба зорию лобаи душман фирефта шавад ва бар бадгавҳарон эътимод раво дорад, сазои ӯ ин аст.



Чун рӯзҳо бигзашт, харчанг ҳам ба он обгир рафтанӣ шуд. Моҳихорро аз он фикр огоҳӣ дод. Моҳихор андеша кард, ки «ман аз ӯ душмани сахттар надорам, беҳтар он аст, ки ӯро низ ба пеши ёронаш расонам».Пас пеш омад ва харчангро ба гардан гирифта рӯй ба ҳамон пушта ниҳод. Харчанг, ки аз дур устухони моҳиёнро дид, донист ки ҳол чист. Бо худ андешид, ки: хирадманд чун бинад, ки душман қасди ҷони вай дорад, агар фурсатро аз даст диҳад, дар хуни худ саъй карда бошад:

*Чу хасм қасди ту кард, аз барои дафъи зарар,*
*Ба ҷидду ҷаҳд бикӯш, ар ба ақл машҳурӣ.*

---

*[355] Дареғ – ҳайф, афсӯс.*
*[356] Таъҷил – шитоб кардан, шитоб.*

*Ки гар мурод ба даст оядат, ба ком расӣ*
*В-агар ба ҳам нарасад, он замон ту маъзурӣ.*

Пас, харчанг худро бар гардани моҳихор ва ҳалқи ӯ фишурдан гирифт. Моҳихор пиру заиф буд, аз андак ҳалқфишорӣ беҳуш шуда аз ҳаво дарафтод ва ба хок яксон гашт. Харчанг аз гарданаш фуруд омад ва сари хеш гирифт ва наздики моҳиёни боқимонда омад, онҳоро аз сурати ҳол хабар дод. Дӯстонаш шод гашта, вафоти моҳихорро умре тоза ва ҳаёте беандоза шумурданд.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Моҳихор аз чӣ афсӯс мехӯрд?*
*2. Моҳихор ба харчанг кадом макрро нақл кард?*
*3. Моҳиён чӣ тадбире андешиданд?*
*4. Моҳихор кадом ҳиларо пеш гирифт?*
*5. Харчанг аз моҳихор чӣ тавр қасос ситонид?*
*6. Ба мавзӯи омӯхташуда панду ҳикмат ва зарбулмасалу мақолҳои мувофиқ оред.*
*7. Шумо аз ин ҳикоя чӣ хулоса баровардед?*

## ҲИКОЯИ “ТАДБИРИ МАЙМУНҲО”

Овардаанд, ки ҷамоате бузинагон[357] дар кӯҳе маъво доштанд ва ба меваю гиёҳҳои он рӯзгор мегузаронианд. Иттифоқо, дар шабе сиёҳтар аз дили гунаҳкорон ва тиратар аз даруни табоҳрӯзгорон лашкари сармо ба онҳо тохтан овард ва аз сахтии сармо асари хун дар дили онҳо фушурдан оғоз кард. Бечорагон аз сармо ранҷур шуда паноҳе меҷустанд ва ба талаби он ба ҳар гӯшае медавиданд. Ногоҳ ба тарафи роҳ ёраи[358] дурахшоне афканда диданд ва ба гумони он, ки оташ аст, ҳезум ҷамъ оварданд, гирдогирди он чида дам дар ӯ медамиданд.

Дар баробари онҳо мурғе бар дарахте овоз медод, ки «он оташ нест». Аммо онҳо илтифот нанамуданд ва аз он кори бефоида боз наистоданд. Иттифоқо, дар ин асно мурғе дигар он ҷо расид ва он мурғро гуфт:

---

[357] ***Бузина – маймун.***
[358] ***Ёра – дастбанд, дастбона.***

-Ранҷ мабар, ки ба гуфтори ту аз ин кор бознамемонанд ва ту беҳуда ранҷур мешавӣ. Дар тарбияи чунин касон саъй намудан ҳамчунон бошад, ки шамшерро бар санг озмудан:



*Ҳар кӣ дар асл бадниҳод афтод,*
*Ҳеч некӣ аз ӯ мадор умед.*
*З-он ки ҳаргиз ба ҷаҳд натвон сохт,*
*Аз кулоҳи сиёҳ бози сафед.*

Мурғ чун дид, ки сухани ӯ намешунаванд, аз ғояти шафқат аз дарахте фуруд омад, то насиҳати худро дурусттар ба гӯши онҳо расонад ва онҳоро дар ин ранҷи беҳуда, ки мекашанд, танбеҳ кунад. Бузинагон гирдогирди мурғ даромада сараш аз тан ҷудо карданд.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

1. *Бо луғати ҳикоя шинос шавед.*
2. *Бигӯед, ки кадом калимаҳои навро омӯхтед?*
3. *Бузинагон ба чӣ сахтӣ гирифтор шуданд?*
4. *Онҳо ба чӣ фирефта шуданд?*
5. *Мурғон ба онҳо чӣ тавр муносибат намуданд?*

Ч

6. *Мурғи аввал ба ивази дилсӯзӣ чӣ подош гирифт?*
7. *Аз ин ҳикоя кадом панд бармеояд?*

# САЙИДОИ НАСАФӢ



*Ҳар кӣ бо душмании халқ равон аст чу баҳр,*
*Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.*

***(Сайидо)***

Сайидои Насафӣ яке аз шоирони машҳур буда, дар миёнаҳои нимаи аввали асри XVII дар Насаф (Қаршӣ) таваллуд ёфтааст. Соли таваллудаш аниқ маълум нест. Солҳои кӯдакӣ ва таҳсили ибтидоии ӯ дар Насаф гузаштаанд. Баъдтар Сайидо ба Бухоро омада, таҳсилро дар мадраса давом медиҳад. Баъди хатми мадраса Сайидо ба зодгоҳаш барнагашта, то охири умраш дар Бухоро мемонад. Ӯ худаш косиби бофанда буд. Бинобар ин, баробари шоирӣ ба касби бофандагӣ ҳам машғул шуда, зиндагиашро таъмин мекард.

Қисми зиёди шеърҳои Сайидо дар солҳои 70-уми асри XVII эҷод гардидаанд. Дар ин давра ӯ бо ҳаёти косибону ҳунармандон аз наздик шинос шуда, доираи ҷаҳонбиниаш васеъ мегардад. Шеъри Сайидо дар дили халқ хеле зуд ҷо мегирифт, зеро бо мазмуни ҳаёти иҷтимоӣ, содагии баён ва санъати баланди бадеият манфиати табақаи заҳматкашон, бахусус, косибонро ифода мекард. Аз ин лиҳоз, обрӯ ва эътибори Сайидо дар байни оммаи заҳматкаш торафт боло мешуд. Ӯ мехост, ки аз одамони бонуфузи табақаи боло ҳомие пайдо кунад ва бо Ҳоҷидодхоҳ ва Раҳимбии Юз наздикӣ пайдо мекунад. Вале дере нагузашта Ҳоҷидодхоҳ дар яке аз ҷангҳои феодалӣ ба қатл мерасад. Умедҳои аз Раҳимбӣ доштааш ҳам натиҷае намедиҳанд.

Сайидо тасдиқ мекунад, ки агар аз дастурхони золимон нӯши асал ҳавас кунӣ, ба ҷои он неши заҳролуд хоҳӣ чашид:

*Нӯше, ки ҳавас мекунӣ аз суфраи золим,*
*Нешест, ки аз хонаи занбӯр бароад.*

Сайидо худро аз арбоби давлат ва сармоядорон дур гирифт ва танҳо ба фазлу ҳунар ва қалами худ такя намуд.

*Хомаамро[359] такягоҳе дар ҷаҳон пайдо нашуд,*
*Муттакои[360] хеш аз теғи забон дорам ҳанӯз.*

---

[359] ***Хома*** *– он чӣ бо он менависанд, найқалам, қалам.*

[360] ***Муттако*** *– такягоҳ, ҳомӣ.*

Азбаски вазъияти зиндагиаш ниҳоят сахту душвор шуд ва илму ҳунар дигар қадре надошт, як қатор шоирон ватани худро тарк намуда, ба Ҳиндустон ва кишварҳои дигар ҳиҷрат намуданд.

Дар ин давра Сайидо пиронсол буд ва ниҳоят камбағал шуда буд, барои харҷи сафар маблағе ҳам надошт. Бинобар ин, аз сафари Ҳиндустон худдорӣ менамояд. Аммо синфи ҳукмрон шоири озодфикру муборизро таъқиб намуда, ба ӯ фишор меоварданд, кӯшиш мекарданд, ки шеърҳои Сайидо дар байни халқ паҳн нашаванд. Вале шеърҳои Сайидо кайҳо боз дар дили халқ нақш баста буданд:

*Маро кай метавонад аз забонҳо ҷамъ кард акнун,*
*Ман он розиниҳон[361] будам, ки берун аз даҳон рафтам.*

Сайидо тақрибан дар байни солҳои 1707-1711 дар шаҳри Бухоро вафот кардааст. Маҷмӯаи шеърҳои Сайидо, ки зиёда аз 8500 байтро дарбар мегирад, то ба мо омада расидааст.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

М

*1. Миробид Сайидои Насафӣ кай ва дар куҷо зиндагӣ кардааст?*
*2. Шоир бо кадом касб машғул шудааст? Чаро?*
*3. Ҳомии Сайидо кӣ буд? Чаро шоир ба худ ҳомӣ ҷустуҷӯ кардааст?*
*4. Аз чӣ сабаб Сайидо ба Ҳиндустон сафар накардааст?*

Г

*5. Ҳаҷми мероси Сайидо чӣ гуна аст?*
*6. “Ҳуҷуми ақлӣ”: “Касбу ҳунар гуфта чиро мефаҳмед?”*

## ОМАД БА ЁД

Мурғи беболу паре дидам, дилам омад ба ёд,
Нолаи чуғзе шунидам, манзилам омад ба ёд.
Аз фиребу ваъдаҳои ӯ шудам розӣ ба марг,
Шаб ҳама шаб дасту теғи қотилам омад ба ёд.
Дар талоши[362] баҳр[363] чун гирдоб саргардон шудам.

---

[361]***Ниҳон – сирри махфӣ.***
[362]***Талош – саъю кӯшиш; даст ба гиребон шудани ду ё чанд кас, кашмакаш, мубориза барои зиндагӣ.***
[363]***Баҳр – олам, дунё, ҷаҳон.***

*Ҳасрати[364] лабҳои хушки соҳилам омад ба ёд.*
*Сар назад аз киштзори умри ман ғайр аз сипанд[365],*
*Сӯхтам, чун мазраи[366] беҳосилам омад ба ёд.*
*Сайидо, дидам ба хок афтода барги лолагун,*
*Теғи ноҳаққхӯрда сайди[367] бисмилам[368] омад ба ёд.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Ч

*1. Ғазалро бурро ва ифоданок қироат намоед.*
*2. Мазмуни ғазалро нақл кунед.*
*3. Дар мисраи «Аз фиребу ваъдаҳои ӯ шудам розӣ ба марг» шоир ваъдахилофии киро дар назар дорад?*
*4. Дар мисраи «Дар талоши баҳр чун гирдоб саргардон шудам» зери мафҳуми «баҳр» чӣ дар назар дошта шудааст?*

М

*5. Ғазалро азёд кунед.*
*6. Шароитеро, ки дар ғазали “Омад ба ёд”-и Сайидои Насафӣ тасвир шудааст, бо ҳаёти имрӯза муқоиса кунед ва хулосаи худро ба таври хаттӣ баён намоед.*

## ҒАНИМАТ АСТ

*Омад баҳору сайри гулистон ғанимат[369] аст,*
*Базми висоли ғунчаи хандон ғанимат аст.*
*Бо қомати ҳамида равам сӯй бӯстон,*
*Наззораи бунафшаву райҳон ғанимат аст.*
*Ай боғбон, зи боғ ба берун чӣ меравӣ?*
*Будан ба пойи сарви хиромон ғанимат аст.*
*Ай ғунча, сар зи ҷайб[370] ба девонагӣ барор,*
*Якчанд рӯз чоки гиребон ғанимат аст.*

---

**[364]Ҳасрат – афсӯс, дарег, пушаймонӣ; ғам, ғусса.**
**[365]Сипанд – ҳазорсипанд.**
**[366]Мазра – мазраъ ҷои кишт, киштзор.**
**[367]Сайд– шикор кадан, шикор.**
**[368]Бисмилам – сарбурида; қурбоншуда.**
**[369]Ғанимат – чизи осон ва бе меҳнат ба даст даромада; ҳар чиз ва фурсати ба кас мусоид, ки дар он дам дастрас буда, вале зуд аз даст рафтанаш мумкин аст.**
**[370]Ҷайб – кисаи либос; гиребон, гиребони курта.**

Паҳлӯи худ зи хоки чаман барнамекашам,
Чун соя хоби зери дарахтон ғанимат аст.
Ай Сайидо, чу бод ба ҳар ҷонибе марав,
Бар гирди хеш гард, ки даврон ғанимат аст.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Ғазалро ифоданок хонед, мазмуни онро нақл кунед.*
*2. Бигӯед, ки Сайидо дар ин газал чиро ганимат донистааст?*
*3. Байти охири газалро шарҳ диҳед ва аз маънои он хулоса бароред.*

М

*4. Ғазалро азёд кунед.*
*5. Ҷадвалро пур кунед:*

| *Дилхоҳ як байти газалро кӯчонед* | *Фикри ман* | *Фикри дӯстам* |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

## «БАҲОРИЁТ»

*... Мехоҳам, аз вуҳуш[371] замоне сухан кунам,*
*Дафъи малол[372] то шавад аз табъи мардумон,*
*Рӯзе мани ғариб дар айёми навбаҳор,*
*Аз кунҷи хона ҷониби саҳро шудам равон.*
*Дидам нишаста бар дари сӯрох мушаке,*
*Мекард худ ба худ сифати хешро баён:*

## МУШ



*«Дорам даруни хона зи анвои[373] хӯрданӣ,*
*Аз арзану ҷувориву мошу биринҷу нон.*
*Баққол[374] кардааст муҳайё барои ман*
*Имрӯз ҳар матоъ, ки чидаст дар дӯкон.*
*Ҳар кас, ки ёфтаст таваллуд ба соли муш,*
*Гардад чу ман баҳушу адофаҳму[375] нуктадон.*
*Гоҳе, ки аз ғазаб ба замин рахнаҳо[376] кунам,*

---

[371]***Вуҳуш** - ҷамъи ваҳшӣ, ҳайвонҳои ёбоӣ.*
[372]***Малол** –ғам.*
[373]***Анвоъ** -(ҷамъи навъ) навъҳо.*
[374]***Баққол** – дӯкондори озуқафурӯш.*
[375]***Адофаҳм** – зирак, бофаросат, нуктадон.*
[376]***Рахна** – шикоф.*

Аз ҷони санг наъра бароят, ки алъамон[377].
Аҷдоди ман ба мири[378] мушон такя мекунад,
Имрӯз дар баробари ман кист дар ҷаҳон?!»

## РАСИДАНИ ГУРБА ДАР БАРОБАРИ МУШ



*Дар васфи хеш буд, ки ногоҳ гурбае,*
*Худро расонд ҳамчу балоҳои осмон.*
*Зад силие[379], ки дар таҳи пояш фитод муш,*
*Гуфто: «Туӣ, ки омада даҳ пушт паҳлавон?*
*Ай беадаб, ту шарм надорӣ зи рӯи ман?*
*Аҷдоди ту шуданд ҳама пеши ман калон.*
*Обои[380] олии ту бувад кӯршабпарак,*
*Абнои[381] софили[382] ту ҳам аз ҷинси сифлагон[383].*
*Пур кардаӣ зи хок ба ҳар хона рафтаӣ,*

---

[377]***Алъамон – калимаи нидо: раҳм кунед! (дар сахтиву мушкилӣ барои ёрмандӣ ва паноҳҷӯӣ гуфта мешавад).***
[378]***Мир – кӯтоҳшудаи амир.***
[379]***Силӣ – шаппотӣ, тарсакӣ хӯрдан.***
[380]***Обо - (ҷамъи аб) падарон, бобоён.***
[381]***Абно - (ҷамъи ибн) писарон, авлод.***
[382]***Софил - паст, бадкирдор.***
[383]***Сифлагон – нокасон.***

*Ай хонаҳои халқ зи дасти ту хокдон!*
*Дандонзанист кори ту ҳар ҷо, ки донаест,*
*Ҳастӣ ҳамеша душмани анбори мардумон.*
*Бар ман бубину нек тамошо бикун маро,*
*Яъне зи шер сурати ман медиҳад нишон.*
*Парандае, ки бигзарад аз пеши чашми ман,*
*Ӯро ба ҷанги хеш дарорам ҳамон замон...*
*Азбаски дар миёнаи мардум мукаррамам[384],*
*Ҷоям ҳамеша ҳаст ба паҳлӯи меҳмон».*

## РАСИДАНИ САГ



*Ногаҳ зи гурба ин суханонро шунид саг,*
*Фарёд карду гуфт, ки: - «Ай ҳамдами занон!*
*Монанди дуд дидадароист кори ту,*
*Аз дар бурун кунанд, дарой зи тобдон[385],*
*Дар хонае, ки як нафасе нест хӯрданӣ,*
*Бар бомҳо баромада гардӣ фиғонкунон.*
*Тифлону ақрабои ту, ай дузди косалес,*
*Омӯхтаанд дарбадариро зи модарон.*

[384]**Мукаррам – киромӣ, арҷманд, азиз, мӯҳтарам.**
[385]**Тобдон - равзан барои ворид шудани рӯшноӣ.**

*Гоҳе, ки нони сӯхтае баҳри ман диҳанд,*
*Аз пеши ман гирифта гурезӣ ба нардбон.*
*Аз хонае, ки парчаи ноне ба ман расад,*
*Шаб то ба рӯз бар дари ӯям нигаҳбон.*
*Бар ҳар даре, ки меравам у ҳалқа мезанам,*
*Он хона эҳтиёҷ надорад ба посбон.*
*Бо он ки ҳаст мартабаи олие маро.*
*Дорам мани шикаста қаноат ба устухон».*

## РАСИДАНИ ГЎСФАНД



*Бар гӯсфанд чун хабари устухон расид,*
*Афтод оташе аҷаб ӯро ба магзи ҷон.*
*Он дам лабу даҳон зи чаро сохтан бубаст,*
*Худро ба як-ду хез расонид дар миён.*
*Гуфт: - «Ай палиди[386] шумнафас[387], ҳадди худ шинос,*
*Бар устухони ман марасон ин ҳама забон!*
*Кори ту хунхурист ба саллоххонаҳо[388],*
*Ин ҷо шудӣ гурехта аз дасти сагкушон.*
*Пайваста кори ту ҷадалу ҷанг бо гадост,*

***[386]Палид – ҳаром; бадкор, нобакор.***
***[387]Шумнафас – он кӣ хабари баде овардааст.***
***[388]Саллоххона – қассоб(дар кушишхона).***

*Бар остон ту нолакунон, ў асозанон.*
*Бедории шаб аз ту бувад то дами саҳар,*
*Созад маҳалли файз туро хоб саргарон.*
*Ҳар рўз вақти субҳ шубон[389] мебарад маро*
*Гоҳе ба сўи дашт, гаҳе сўи бўстон...*
*Қассобро зи хуни манаш тег сурхрўст,*
*Бошад канорааш чу хиёбони аргувон.*
*Симинбарон кабоби дилу гурдаи мананд,*
*Пайваста аст равгани ман шаъни дегдон».*

## РАСИДАНИ ГУРГ



*Чун ин мубоҳиса ба биёбон фасона шуд,*
*Худро расонд гург бад-эшон давон-давон.*
*Бар гўсфанд гуфт: - «Дилу гурдаи ту чист?*
*Чун аст рўдаҳои ту резам ба як замон?!*
*Гоҳе ба зери пушта ниҳон гардӣ аз гала,*
*Созад ба соҳиби ту маро куштанӣ шубон.*
*Доим даҳон ба равгани ту чарб мекунам,*
*Худ гў, ба пеши чанги ҳарисон туро чӣ шон?*
*Аҳволи ман чу шамъ ба ҳар базм равшан аст,*

[389]**Шубон – шакли арабишудаи чўпон.**

*Дар пеши халқ нест маро ҳоҷати баён.*
*Дар хоби хеш ҳар ки бубинад шабе маро,*
*Гардад зи юмни[390] ман ҳамаи рӯз шодмон.*
*Гови замин чу дар назарам ҷилвагар шавад,*
*Созам ба як ишора ҷудо рони ӯ зи рон».*

## РАСИДАНИ ГОВ



*Дар гӯши гов бод расонид ин хабар,*
*Фарёд карду гуфт: - «Чӣ гуфтӣ? Бигӯ ҳамон!*
*Ҳар ҷо ки дидаӣ ту маро, гаштаӣ душох,*
*Бовар намекунӣ, бикун имрӯз имтиҳон.*
*Гургӣ, валек қатраи борон надидаӣ,*
*Нашнидааст гӯши ту овозаи сагон.*
*Гаҳ сулҳ мекунӣ ту ба чӯпону гоҳ ҷанг,*
*Гургоштист[391] кори ту пайваста бо шубон.*
*Шаб то ба рӯз дӯхтаам чашм бар замин,*
*Аз ман нагашта ҳеҷ кас озурда дар ҷаҳон.*
*Гоҳе ба гирди хирмани деҳқон шавам ба чарх,*
*Гоҳе ба халқ шир диҳам ҳамчу модарон.*
*Аҷдоди ман ба Одаму Ҳавво баробар аст,*
*Яъне марост гови замин аз бародарон».*

---

[390] ***Юмн - бахт, бахосиятӣ.***
[391] ***Гургоштӣ - сулҳи зоҳирӣ, рӯякӣ.***

# РАСИДАНИ УШТУР



*Уштур шунида гуфт, ки: - «Гӯсолаӣ ҳанӯз,*
*Берун накардаӣ сари худро зи коҳдон.*
*Обои ту ба ҳеҷ қаторе набудаанд,*
*Овардаӣ ба зӯр ту худро дар ин миён.*
*Як раҳ ба пушту паҳлӯи худ ҳам нигоҳ кун,*
*Аз хотири ту рафта магар чӯби говрон?*
*Бар гарданат зананд чу дузд айрии душох[392],*
*Аз коҳдон баранд сӯи дашт каш-кашон...*
*Пайваста хор меҳӯраму бор мекашам,*
*Ҳаргиз нагашта хотирам аз сорбон[393] гарон.*
*Ҳар ҷо, ки будаам, ба ду зону нишастаам,*
*Дар бар кашида ҷомаи малла чу сӯфиён».*

---

[392] ***Айрии душох – юғ.***
[393] ***Сорбон - сарвари корвони шутурҳо.***

# РАСИДАНИ САНГПУШТ



*Овози гирудори шутур чун баланд шуд,*
*Дарҳол сангпушт биёмад тапон-тапон.*
*Дар пушт чор оина, дар пеши рӯ сипар,*
*Бар даст санг, барзада доман чу ҷимриён*[394]*.*
*Аз санг рафта - рафта чу оташ забона зад,*
*Огози гуфтугӯй бигуфт: - «Ай сабукинон*[395]*!*
*Кунҷора дидаӣ магар имшаб ба хоби хеш?*
*Ё гов гаштаӣ ба хаёли ҷувозрон*[396]*?*
*Дар умри хеш мисли ту лӯъбат*[397] *надидаам,*
*Кӯтоҳақлу пойдарозу шикамкалон.*
*Дар зери бор нолакунон хоб меравӣ,*
*Хезӣ зи ҷой ҳамчу заифони погарон*[398]*.*

---

[394]**Ҷимриён - мардуми содаи авом.**
[395]**Сабукинон – кӯтоҳфикр.**
[396]**Ҷувозрон – ҳайвоне, ки ба ҷувоз мебанданд:аспи ҷувозкаш, гови ҷувозкаш.**
[397]**Лӯъбат – бозича, лӯхтак.**
[398]**Заифони погарон - занони ҳомиладор.**

*Дандони ту саросар агар бишканам, равост,*
*Ҳаргиз туро касе назада санг бар даҳон.*
*Маълум шуд ба даҳр[399], шутурдил[400] ту будаӣ,*
*Бошад ҳамеша чашми ту бар дасти сорбон.*
*Аз фоқа[401] рӯзу шаб ба шикам санг бастаам,*
*Донанд халқ, дар багалам ҳаст тоҳи[402] нон.*
*Дар гӯшае нишастааму хок мехӯрам,*
*Бигзаштаам ба чилланишинӣ зи зоҳидон[403]*
*Рӯзе, ки офтоб ба гармӣ шавад, алам,*
*Он рӯз эҳтиёҷ надорам ба соябон».*

## РАСИДАНИ ХОРПУШТ



*Бар гӯши хорпушт чу ин моҷаро расид,*
*Ҳар мӯй гашт бар тани ӯ неши[404] хунфишон.*
*Чун мӯр нарм - нарм қадамро ба раҳ ниҳод,*

---

[399]***Даҳр – дунё.***
[400]***Шутурдил - кинаҷӯ, бадхоҳ.***
[401]***Фоқа – камбағалӣ.***
[402]***Тоҳ - як дона, якто.***
[403]***Зоҳидон - парҳезкорон, порсоён.***
[404]***Неш - озор, заҳр.***

*Паҳлӯи сангпушт нишасту бигуфт: - «Ҳон!*
*Бар гирди хеш маъракае ҷамъ кардаӣ,*
*Дорӣ ба пушт сандалие ҳамчу қиссахон.*
*Аъҷубавор[405] дар таҳи сандуқ ҷо шавӣ,*
*Айёри косапушт туро аз мусоҳибон[406].*
*Саҳроиён зи косаи чӯбини ту ба танг,*
*Исқотиёну[407] косагарон аз ту дар фиғон.*
*Ҳаргиз надидаам ба барат ҷомаи дуруст,*
*Домони ту ҳамону гиребони ту ҳамон.*
*Аз дидани ту сӯҳбати ин қавм шуд хунук,*
*Ай баднамой, хезу бирав зуд аз миён!*
*Ман умри худ ба хоркашӣ сарф кардаам,*
*З-он ваҷҳ[408] гармрӯй намоям ба мардумон.*
*Пероҳане ба сӯзани худ бахя[409] кардаам,*
*Дорам ба дӯш ҷомаи шодӣ чу ҳоҷиён.*
*Бошад ҳамеша дар шаби маҳтоб хоби ман,*
*Болину бистарам ҳама хорест парниён».*

## РАСИДАНИ РӮБОҲ



---

**[405]Аъҷубавор – ҳайратовар.**
**[406]Мусоҳибот – ҳамсӯҳбатон.**
**[407]Исқот - партофтан, афкандан.**
**[408]Ваҷҳ - сабаб, ҷиҳат.**
**[409]Бахя - чок, кӯк, дарз.**

*Оҳанги хорпушт чу рӯбоҳ гӯш кард,*
*Аз шиддате, ки дошт, равон гашт думзанон.*
*Фарёд карду гуфт: - «Маро дур дидаӣ?*
*Имрӯз ҳамчу хор баровардаӣ забон.*
*Дорӣ ба худгурур чу пирони хоркаш,*
*Оташ занам, ки дуд бароядд туро зи ҷон!*
*Аз ҷунбиши ту дар ҳаракат буттаҳои хор,*
*Пайваста хурду резаи ман аз ту дар гумон.*
*Гар бинии ту канда ба дастат диҳам, равост,*
*То пеши халқ сар набарорӣ ба ину он.*
*Ман муддатест, хона дар ин дашт кардаам,*
*Накшодаам ба ҳеҷ кас аз хеш достон.*
*Паҳлӯ ба офтоб занад пӯстини ман,*
*Доранд орзӯи маро пир то ҷавон.*
*Шабҳои дай[410] ба воситаи пӯст мекашам,*
*То субҳ ҳамчу магз дар оғӯш дилбарон...*
*Гоҳе ки рӯбарӯй шавад душмане маро,*
*Ёбам зи рӯи ақли худ аз дасти вай амон[411].*

## РАСИДАНИ ХАРГӮШ



[410]**Дай – зимистон.**
[411]**Амон – наҷот.**

*Харгӯш сар ба хоби фароғат ниҳода буд,*
*Бедор гашту гуфт ба рӯбоҳ он замон:*
*«Як зарра ақлу ҳуш агар доштӣ ба сар,*
*Ҳаргиз зи хона по наниҳодӣ бар остон.*
*Шабҳо равӣ чу дузд ба сӯи маҳаллаҳо,*
*Чашмони худ чароғ кунӣ баҳри мокиён.*
*Бисёр зинда-зинда туро пӯст кандаанд,*
*Афкандаанд мурдаи ту паҳлӯи сагон.*
*Бар ҳар каси фақир муяссар намешавам,*
*Ҷон медиҳанд дар талабам мардуми калон.*
*Моланд агар ба пайкари[412] худ равғани маро,*
*Бешакку шубҳа, дафъ кунад дарди устухон.*
*Гоҳе, ки ман ба одамиён ром мешавам,*
*Пайваста умри хеш кунам сарфи он макон».*

## РАСИДАНИ МАЙМУН



*Харгӯш чун ҳикояи худро тамом кард,*
*Маймун шунида паҳлӯяш омад нафасзанон.*
*Гуфт: - «Ай дарозгӯш, чаро лоф мезанӣ?*
*З-одамгарӣ на ҳаст туро ному на нишон!*

[412]**Пайкар** - *тан, бадан.*

*Чун муши думбурида намоӣ ба чашми ман,*
*Ё баччаи бузе, ки бувад ҳар тараф давон.*
*Зин доштӣ ба пушт, туро мешудам савор,*
*Ҳастӣ ба пеши ман ту ҳам аз ҷумлаи харон.*
*Бикшо зи хоб чашму сари худ баланд кун,*
*Дар дасту пои ман назари хешро бимон.*
*Яъне ки нест сурати ман кам зи одамӣ,*
*Аммо кашидаам қадами худ аз он миён.*
*Нашъунамои ман шуда дар кӯҳсори Ҳинд,*
*Асли ман аз Фарангу[413] маро ном кордон.*
*Ҳар ҷо ки бешаест, дар ӯ сайр мекунам,*
*Ҳастам ба гирду гӯшаи ӯ ҳамчу боғбон.*
*Аз меваҳо ба паҳлӯи худ паҳн кардаам,*
*Гоҳе зи туршу гоҳ зи ширину нордон».*

## РАСИДАНИ ОҲУ



*Оҳу расиду гашт ба ӯ рӯ ба рӯву гуфт:*
*«Кам дидаем одами думдор дар ҷаҳон.*

---

[413]**Фаранг - Фарангистон; мансуб ба Фаранг, Европа.**

*Одам касе ба сурати одам намерасад,*
*Бе магз эътибор кучҷо дорад устухон.*
*Гоҳе зи сӯи шаҳр туро уфтад гузар,*
*Гардӣ ту пойкор[414] ба арбоби лӯлиён.*
*Дар пеши халқ масхарагӣ пеша мекунӣ,*
*Тифлон ба кӯчаҳо зи қафои ту кафзанон[415].*
*Гаҳ найнавозу гоҳ шубонӣ, гаҳе гадо,*
*Гоҳе асо ба даст шавӣ аз ясовулон[416].*
*Дар даҳр агарчи сурати ман нест одамӣ,*
*Лекин мароcт сурати некӯ чу дилбарон.*
*Чашмам бувад зигамзаи Лайлӣ барандатар,*
*Девонаи манaнд чу Маҷнун парившон.*
*Гардад зи бӯи мушк муаттар димогҳо,*
*Бар ҳар тараф, ки рӯй ниҳам ҳамчу навхатон.*
*Гоҳе, ки ҳамчу бод шавам дар давандагӣ,*
*Барқи ситезакор наёбад зи ман нишон».*

## РАСИДАНИ ПАЛАНГ



---

[414]***Пойкор – хизматгор.***
[415]***Кафзанон – дастзанон.***
[416]***Ясовул - саворе, ки дар рикоби амирон ва сардорон меравад; хизматгори дарбор.***

*З-ин гуфтугӯ паланг даромад ба ҷастухез,*
*Худро расонд дар паси оҳу ҳамон замон.*
*Гуфт: - «Ай гурезапой, зи ҷангам куҷо равӣ?*
*Бо ман масоз ҷилвагарӣ ҳамчу духтарон!*
*Нофи туро ба коми ҳарифон буридаанд,*
*Бошанд хонаводаи ман аз ту комрон[417].*
*Гар бар сари ту сояи калхот[418] уфтад,*
*Дар зери пой хоб равӣ ҳамчу мокиён.*
*Яъне, ки ман ба хуни ту имрӯз ташнаам,*
*Аз роҳи ташнагӣ ба лаби ман расид ҷон.*
*Аз қаҳр агар ба хок занам чанги хешро,*
*Чангу губор тира кунад рӯи осмон.*
*Аз силиям кабуд бувад рӯи фили чарх,*
*Акси думи ман аст, ки гӯянд Каҳкашон».*

## РАСИДАНИ ФИЛ



***[417]Комрон – хушбахт.***
***[418]Калхот - навъе аз парандагони дарранда, чӯҷагирак.***

*Ошуфта гашт филу равон шуд сӯи паланг,*
*Дандон ба якдигар зада ҳамчун муборизон.*
*Дум хода карда омаду хобонд гӯшро,*
*Хартум[419] бар замин заду гуфт: - «Ай алочапон!*
*Аз нохуни паланг чӣ нуқсон ба пои фил?*
*Тоҷи хурӯсро чӣгам аз нӯли мокиён?*
*Тундӣ макун, ки чарми ту бисёр дидаам,*
*Чун тахтапӯст дар таҳи пои қаландарон.*
*Гӯӣ, ки ҳеҷ кас набувад дар баробарам,*
*Дар ҳар канор ҳаст, маро чун ту чокарон[420].*
*Дар рӯзи ҷанг зери алам по сутун кунам,*
*Бошам бар остони дари фатҳ[421] пуштбон...*
*Чун теғи обдор саропой ҷавҳарам,*
*Дандони ман равост, ки созанд зарнишон.*
*Дар пушти ман ниҳанд агар кӯҳи Қофро[422]*
*Монанди барги коҳ наёяд маро гарон.*
*Хартуми ман чу гурз бувад вақти гирудор,*
*Ҳар мӯи ман ба тундиву тезӣ бувад синон[423].*
*Умрам ҳазор сол бувад дар миёни халқ,*
*Кам нест зиндагониям аз умри ҷовидон.*
*Бузругтаре[424] зи ман набувад дар миёни қавм,*
*Имрӯз зиндафил маро гуфта метавон».*

---

***[419]Хартум - бинии фил, ки дарозу овезон аст.***

***[420]Чокарон – хизматгарон.***

***[421]Фатҳ - ғалаба, пирӯзӣ.***

***[422]Кӯҳи Қоф - номи кӯҳи баланди афсонавист, ки гӯё гирди оламро гирифтааст.***

***[423]Синон – найза.***

***[424]Бузругтар - бузургтар (шоир ба хотири вазн шуда, калимаи бузругтарро ба шакли бузургтар овардааст)***

# РАСИДАНИ КАРК



*Карк[425] ин сухан зи фил шуниду қадам ниҳод,*
*Сар то ба пой чину гиреҳ карда абрӯвон.*
*Дар пушту паҳлӯяш халае зад ба шоху гуфт:*
*- «Ай тангчашм, ҳарф магӯ ин ҳама калон!*
*Аз филмоти ҳодиса ғофил нишастаӣ,*
*Дорӣ ту эътимод[426] ба умри сабукинон.*
*Хартум наяст[427] он, ки ба ӯ фахр мекунӣ,*
*Андохта ба биният айём ресмон...*
*Хат мекашӣ ба бинии худ кӯчаҳои шаҳр,*
*Аз пушту паҳлӯи ту ғуломон саводхон...*
*Рӯзи масоф[428] синаи худ мекунам сипар,*
*Гарданд рӯбарӯй зи пуштам диловарон.*
*Хоҳам, ки ҳамла дар сафи пиру ҷавон кунам,*
*Дар дил маро на бим зи тиру на аз камон.*
*Хосияти аҷиб ба шоҳам навиштаанд.*
*Ҳар кас нигоҳ дошт, гурезанд ҷинниён».*

---

***[425]Карк - ҳайвонест аз оилаи ширхӯрҳо, ки дар назди бинӣ 1-2 шох дорад.***
***[426]Эътимод – бовар.***
***[427]Наяст - нест.***
***[428]Масоф – ҷанг, муҳориба.***

## РАСИДАНИ ШЕР



*Шер аз камин баромаду омад, ба карк гуфт:*
*- «Ай шохношикаста[429], бикаш пой аз миён!*
*Бо ҳар кӣ монда шох ба шох истодаӣ,*
*Азбаски дар канори биёбон шудӣ калон.*
*Ай сахтрӯй, сустқадам, чобукӣ макун,*
*Ҳастӣ ту пеш як қадам аз гови подабон.*
*Тифлонат аз забони ту парҳез мекунанд,*
*Бошӣ ту дар миёнаи ин қавм бадзабон...*
*Ҳаргиз шикори дигареро нахӯрдаам,*
*Як раҳ ба хуни мурда наёлудаам даҳон.*
*Дар бешае, ки меравам мекунам қарор.*
*Берун зи қаҳтсол шаванд аҳли он макон.*
*Бо ҳар кӣ бингарам, ҷигараш об мешавад,*
*Аз мӯр камтаранд ба чашмам баҳодурон».*

---

[429]**Шохношикаста** - *худсар, мағрур, саркаш.*

# РАСИДАНИ МӮРЧА



*Дар фикри дона мӯрчае буд даргузар,*
*Омад ба шеру гуфт, ки: - «Ай Рустами замон!*
*Аз иттифоқи мӯрчагон ғофилӣ магар*
*В-арна чаро ҳақир шумориву нотавон?*
*Хӯроки аҳли байти ман аст аз нитоҷи[430] ту,*
*Доим пур аст хонаам аз шербаччагон.*
*Тифлони ширмасти ман имрӯз шергир,*
*Хешони нотавони мананд аз ту комрон.*
*Мӯре шунидаӣ, ки Сулаймони[431] вақтро*
*Бар аҳди худ ба рони малах карда меҳмон.*
*Ин рутба[432] шуд муяссари ӯ аз шикастагӣ[433]*

---

[430]**Нитоҷ - насл, зот.**

[431]**Сулаймон - номи пайғамбар, писари Довуд, ки Худои таоло ба ӯ ҳам пайғамбарӣ доду ҳам подшоҳӣ. Ангуштарие дошт, ки ба баракати он одаму парию деву ҳайвоноту парандагону бод мутеи ӯ буданд. Ҳар ҳодисае, ки дар қаламрави шоҳии ӯ мегузашт, бод ба гӯши ӯ мерасонд ва тахти ӯро ба ҳар ҷо, ки мехост, мебурд.**

[432]**Рутба - мартаба, унвон, мақом.**

[433]**Шикастагӣ - ба маънии хоксорӣ, фурӯтанӣ.**

*В-арна чӣ ҳадди мӯрчаву лашкари гарон?»*
*Чун аз забони мӯрча ин ҳарф шуд баланд,*
*Таслим карда-карда расиданд ваҳшиён...*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

1. *Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда мазмуни «Баҳориёт»-ро нақл кунед.*
2. *Аз рӯи ақидаи Сайидои Насафӣ дар симои ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ киҳо дар назар дошта шудаанд?*
3. *Аз рӯи сюжети “Баҳориёт” саҳнача тайёр кунед.*
4. *Мунозараи мӯрча ва шерро шарҳ диҳед.*
5. *Аз гуфтаҳои мӯрча чӣ хулоса бармеояд?*
6. *«Расидани мӯрча»-ро азбар кунед.*

## ТАҶНИС

Таҷнис калимаи арабист, маънои луғавиаш ҳамҷинс кардан мебошад. Дар илми бадеи классикӣ яке аз санъатҳои маънавӣ ва лафзиро гӯянд. Шарти асосии ин санъат он аст, ки шоир ё нависанда дар осори худ калимаҳоеро кор мефармояд, ки аз ҷиҳати шаклу талаффуз монанд ё якхелаанду аммо аз ҷиҳати маъно гуногун.

Мисол:

*Тори зулфатро ҷудо машшота[434] гар аз шона кард,*
*Дасти он машшота мебояд ҷудо аз шона кард.*

**(Хусрав)**

Чӣ тавре ки мебинед, дар байти боло калимаи «шона»ба ду маъно омадааст. Дар мисраи аввал «шона» ба маънои асбоби зиннати мӯй, аммо дар мисраи дуюм «шона» ба маънои китф кор фармуда шудааст. Дар илми забоншиносӣ таҷнисро омоним мегӯянд.

---

[434]***Машшота - зани махсуси мӯбоф ва ородиҳандаи духтарону наварӯсон.***

Таҷнис аз ҷумлаи санъатҳои бадеист, ки ҳам ба гурӯҳи санъатҳои маънавӣ ва ҳам ба гурӯҳи санъатҳои лафзӣ дохил мешавад. Агар дар миёни рукнҳои таҷнис, яъне калимаҳои ҳамҷинс муносибати маъноӣ мушоҳида шавад, онро таҷниси маънавӣ меноманд.

Мисол:

*Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,*
*Дар зери қудуми модарон аст.*

Дар таҷниси лафзӣ фақат муносибати лафзии рукнҳои таҷнис, яъне калимаҳои таҷнис мешаванду халос.

Адабиётшиносони гузашта таҷнисро ба ҳафт навъ ҷудо кардаанд:

1. **Таҷниси том.** Ин навъи таҷнис чунон аст, ки шоир дар шеъри худ як калимаро ба ду маънӣ кор мефармояд, мисли калимаи «шона» дар байти боло.

2. **Таҷниси мутарраф.** Ин навъи таҷнис аз анвои таҷниси маънавӣ буда, шоир ё нависанда ҳангоми баён сухане меорад, ки маънои мухолиф дорад. Дар ин навъи ифода маълум намешавад, ки мақсади гӯянда кадом аст. Таҷниси мутарраф аз рӯи хусусияти худ ба санъати иҳом хеле наздик аст.

Мисол :

*Дид чун меҳроби абрӯи бӯтони ишваноз[435],*
*Ҷои он дорад, ки шайхи шаҳр бигзорад намоз.*

***(Салмони Соваҷӣ)***

Аз ибораи «намоз бигзорад» ду маънои эҳтимолӣ берун меояд, ки яке он ки адои намоз кунад, яъне намоз хонад, дигар он ки намозро тарк кунад, яъне аз намозхонӣ даст кашад. Таҷниси мутарраф дар китобҳои бадеъ бо номи мӯҳтамилуззидайн низ маълум аст.

3. **Таҷниси зоид[436].** Ин низ яке аз навъҳои таҷниси лафзӣ буда, шоир ё нависанда дар осори худ ба калимаи ҳамҷинс як ҳарф илова мекунад. Мисли нол-нола, паймон-паймона, ном-нома, бод-бода ва ғайра.

---

***[435]Ишва – рафтори дилрабоёнаи маъшуқа барои ҷазби дили ошиқ, карашма, ноз, ғамза.***

***[436]Зоид – зиёдшаванда; зиёда, бисёр.***

Мисолаш:

*Ҳофизи хилватнишин дӯш ба майхона шуд,*
*Аз сари паймон[437]гузашт, бар сари паймона[438]шуд.*

**(Ҳофиз)**

Мисоли дигар:

*Шудаст коми[439] ту бар комаи[440] ато сурат,*
*Шудаст номи ту бар номаи зафар унвон.*

**(Унсурӣ)**

4. **Таҷниси ноқис[441].** Ин низ яке аз навъҳои таҷниси лафзист. Шоир ё нависанда дар таълифоти худ калимаҳои ҳамҷинсеро ба кор мебарад, ки дар таркиби овозии онҳо ҳарфҳои ҳамсадо мувофиқ омада, садонокҳои кӯтоҳ фарқ мекунанд. Мисли калимаҳои: дурд-дард, бурд-бард, дурахшон-ду рах- шон ва ғайра.

Мисол:

*Дӯшина[442], ки бурди бард бар дӯшам[443] буд,*
*Сармо чу арӯси нав дар оғӯшам буд.*

**(Урфӣ)**

Дар ин байт калимаҳои «бурд» (матоъ) ва «бард» (сармо, хунукӣ) таҷниси ноқисанд. Ҳарду калима дар хатти арабӣ як хел навишта мешаванд, вале дар талаффуз садонокҳои онҳо фарқ менамоянд.

Мисоли дигар:

*Мард он бошад, ки бахшад симу зар дар зиндагӣ,*
*Симу зар суде надорад он замон, ки мард мурд.*

---

[437]***Паймон – аҳд, шарт, қавлу қарор; қарордод, шартнома.***
[438]***Паймона– зарфи шаробхӯрӣ; шароб, май.***
[439]***Ком – сақфи даҳон аз дандони пеши болоӣ то ҳалқ, даруни даҳон, даҳон.***
[440]***Кома – марҷон.***
[441]***Ноқис – нотамом, нопурра.***
[442]***Дӯшина–шаби гузашта, дишаб, динашаб.***
[443]***Дӯш – китф, шона; тахтапушт.***

5. **Тaҷниси хат.** Тaҷниси хат низ аз авои таҷниси лафзӣ буда, ба алифбои арабӣ сахт вобастагӣ дорад. Ин навъи таҷнис чунон аст, ки шоир ё нависанда калима ё ибораи ҳамҷинсеро ба кор мебарад, ки дар хат (навиштан) ва талаффуз аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, дар хатти арабӣ калимаи сад ба маънои шумора бо ҳарфи сод, аммо сад (д) ба маънои монеа, девор бо ҳарфи син навишта мешавад. Дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ чанд ҳарф шакли якхела дошта, фақат ба воситаи нуқтаҳо фарқ мекунанд. Ин навъи таҷнис дар алифбои имрӯза пурра ошкор карда намешавад, зеро дар хатти кириллӣ хондану гавиштан фарқ надорад. Инчунин, байни калимаҳои «маскан» ва «машкан» таҷнис ба вуҷуд омадааст. Сабаб он аст, ки дар алифбои арабӣ тафовути ҳарфҳои «с» ва «ш» танҳо дар нуқта аст.

*Диламро шуд сари зулфи ту маскан,*
*Бад-он сонаш фурӯ магзору машкан.*

**(*Ҳофиз*)**

Илова бар ин, дар каломи шоир ба такрор омадани як ҳамсадои охири калимаҳоро низ таҷниси хат номидаанд. Масалан, дар қитъаи зер ҳамсадои «л» ва «т» сабаби ҳамҷинсии калимаҳои мисраи аввал гардидаанд:

*Солу фолу молу ҳолу аслу наслу тахту бахт*
*Бодат андар ҳар ду гетӣ барқарору бардавом.*
*Сол хуррам, фол некӯ, мол вофир[444], ҳол хуш,*
*Асл собит[445], насл боқӣ, тахт олӣ, бахт ром.*

**(*Муиззӣ*)**

6. **Таҷниси мукаррар ё муздавач.** Таҷниси мукаррар ҳам аз навъҳои таҷниси лафзист. Ин навъи таҷнис чунон аст, ки шоир ё нависанда дар охири каломи хеш калимаҳои ҳамҷинсро паиҳам меорад. Дар назари аввал чунин менамояд, ки гӯё як калима ду бор такрор шудааст, дар асл ҳар кадом аз ҷиҳати маъно аз ҳам фарқ мекунад. Масалан, дар байти зер калимаи «ҳазор»-и якум ба маънои булбул «ҳазори»-и дуюм ба маънои шумора, дар мисраи дуюм бошад, калимаи «нигор»-и аввал ба маънои дилбар, нигори сонӣ ба маънои нақшу сурат омадааст:

---

***[444]Вофир – бисёр, афзун, фаровон.***
***[445]Собит – устувор, маҳкам, мустаҳкам, пойдор.***

*Агарчи ҳаст гулатро чу ман ҳазор ҳазор,*
*Маро ба даст наояд чу ту нигор нигор.*

***(Салмони Соваҷӣ)***

Илова бар ин, гоҳе шоирон дар ашъори худ аввал шакли пурраи калима ва баъд нисфи онро такроран меоранд, ки ин низ яке аз шаклҳои таҷниси мукаррар ҳисобида мешавад.Ғазали поёнӣ намунаи беҳтарини таҷниси мукаррар буда, калимаҳои «ағёр-ёр» , «хунбор-бор», «бозор-зор», «но- чор-чор», «тотор-тор», «ғамхор-хор»-и байти матлаъ ва мисраъҳои ҷуфти ғазал хусусияти ҳамҷинсӣ пайдо кардаанд:

*Ёри сангиндил чу шуд бо мардуми ағёр[446] ёр,*
*Ай дили шӯрида[447], сел аз дидаи хунбор бор.*
*Ҷони ширинро ба савдо додию судат набуд,*
*Чанд чун Фарҳод гардӣ бар сари бозор -зор.*
*Чораи кори ман он буд, чун намесозад ба васл,*
*Сабр бошад ин дили шӯридаро ночор чор.*
*Мурғи ҷонам то ба доми зулфи мушкинат фитод,*
*Рӯзи ман шуд бар мисоли нофаи[448]тотор тор.*
*Ман, ки ғамхори туам умре, нигорро, ай аҷаб,*
*Мешуморат муддаӣ[449] дарди мани ғамхор хор*
*Лоҷарам ҳамчун Ризо саргаштаи ӯ то абад,*
*Ҳар киро дил шуд шикориғамзаи тотор тор.*

Баъзан шоирон дар байни калимаҳои ҳамҷинс калимае ҷой дода, таҷниси мукаррар сохтаанд. Мисли рубоии зер, ки дар байни калимаҳои ҳамҷинс калимаи «ту» омадааст.

---

***[446]Ағёр – ҷамъи ғайр.***
***[447]Шӯрида – бадқаҳршуда, ба шӯр омада, ба ҳаяҷон омада.***
***[448]Нофа – нофи оҳуи мушкин; моддае, ки дар халтачаи зери нофи оҳуи мушкин ҷамъ мешавад ва хеле хушбӯй аст.***
***[449]Муддаӣ – даъвогар, даъвокунанда; рақиб, ҳариф.***

*Афтод маро бо дили маккори ту кор,*
*Афганда[450] дилам дар ин ду гулнори ту нор.*
*Ман монда хиҷил ба пеши гулзори ту зор,*
*Бо ин ҳама дарду чашми хунхори ту хор.*

**7. Таҷниси мураккаб.** Таҷниси мураккаб низ аз анвои таҷниси лафзист. Дар ин навъи таҷнис шоир ё нависанда калимаҳои ҳамҷинсеро ба кор мебарад, ки яке аз онҳо сода, дигаре мураккаб ё таркибист. Ҳарду калима ба ҳам монанду дар талаффуз наздик бошанд ҳам, дар навишт аз якдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар байти зер калимаи «тобанда» ба маънои дурахшанда ва калимаҳои «то банда» ба маънои мутеъ ва гирифтор ба вазифаи таҷниси мураккаб омадаанд:

*Хуршед, ки нури дидаи офоқ аст,*
*Тобанда нашуд пеши ту, то банда нашуд.*

Мисоли дигар:

*Моҳазар[451] нест ба бозор сивои[452] манту,*
*Гушна мондӣ агар имрӯз ба ҷои ман ту.*

Дар байти зер, ки азғазали Ҳофиз аст, таркиби «даст гир» ва калимаи «дастгир» дар алифбои имрӯзаи мо ду хел навишта мешавад, аммо дар ҳуруфи арабиасоси тоҷикӣ навишти онҳо аз ҳам фарқ намекунад:

*Касеро, ки дастат расад, даст гир,*
*Ки фардо ҳамон бошадат дастгир.*

---

[450]*Афганда – сифати феълии замони гузашта аз афкандан; андохтан, партофтан.*
[451]*Моҳазар – он чӣ тайёр ва мавҷуд аст; таоми ками бета-*
*каллуф, ки дар вақти зарурӣ мавҷуд ва зоҳир бошад.*
[452]*Сиво – ғайр, дигар, сивои – бағайр аз, ба ҷуз.*

Таҷнис ҳамчун санъати лафзӣ дар эҷодиёти шоирони адабиёти гузашта хеле машҳур буд. Шоир Котибии Туршезӣ маснавие дорад бо номи «Даҳ боб». Дар ҳар байти маснавӣ санъати таҷнис омадааст ва ба ҳамин сабаб, бо номи «Таҷнисот» низ машҳур аст.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Маъноҳои луғавӣ ва истилоҳии таҷнисро шарҳ диҳед.*

*2. Таҷнис чанд навъ мешавад?*

*3. Таҷниси маънавӣ чист?*

*4. Таҷнисро дар илми забоншиносӣ чӣ меноманд?*

# АБАЙ ҚУНАНБАЕВ



Абай Қунанбаев – шоири қазоқ, композитор[453], маърифатпарвар[454], мутафаккир[455], арбоби халқӣ, асосгузори адабиёти хаттии қазоқ.

Абай Қунанбаев 29 июли (10 август) 1845 дар маҳалли Жидебайи кӯҳдомани Чингиз, тумани Семипалатинск, ки номи ҳозираш ноҳияи Абайи Қазоқистони Шарқӣ аст, дар оилаи Қунанбай Оскенбаев ном шахси давлатманд ба дунё омадааст. Номи модараш Улжан будааст. Номи аслии ӯ Ибрагим буда, модаркалонаш, ки Зере ном доштааст, навозишкунон Абай номид, ки маънояш “бодиққат”, “эҳтиёткор” аст. Абай пас аз таҳсили хонагӣ аз Ахмет Ризо ном муллои мадраса забонҳои арабӣ, форсӣ ва дигар забонҳои шарқиро омӯхтааст. Айнан дар ҳамон вақт ба мактаби русӣ низ рафта таҳсили худро пурра намудааст.

Аввалин шеърашро баъд аз 5 соли таҳсил гирифтан эҷод кардааст. Падараш ӯро аз синни 13-солагӣ ба вазифаи сардори авлод тайёр намудааст. Аз 28-солагӣ бо худомӯзӣ машғул шуда дар синни 40- солагиаш ба эҷоди шеърҳо оғоз менамояд. Абай 4 писар дошт, ки номи онҳо Ақилбай, Абдирахман, Мағавия, Тӯрақул будааст.

---

*[453]**Композитор – бастакор.***

*[454]**Маърифатпарвар – илмдӯст; тарафдори пешрафти илму маърифат.***

*[455]**Мутафаккир – фикркунанда, андешанда; соҳиби фикри дақиқ.***

Асарҳои шоиру нависандагон ва олимони Шарқ – А. Рӯдакӣ, А.Фирдавсӣ, И.Сино, Н.Ганҷавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, А.Навоӣ, Фузулӣ ва Махдумқулӣ ки тарафдори ғояи инсонпарварӣ буданд, ба ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии А.Қунанбаев хизмат намудаанд.

*Фузулӣ, Шамсӣ,Сайхалӣ,*
*Навоӣ, Саъдӣ, Фирдавсӣ,*
*Хоҷа Хофиз-бу хаммаси*
*Мадад бер я шагири фарияд.*

*Фузулӣ, Шамсӣ,Суҳайлӣ,*
*Навоӣ, Саъдӣ, Фирдавсӣ,*
*Хоҷа Ҳофиз-ҳамаатон*
*Мадад расонед ба шогирдатон.*

***(Тарҷумаи таҳтуллафзӣ)***

Адабиёти рус ва европоӣ низ ба Абай таъсири худро расонидааст, ки дар натиҷа ӯ асарҳои Крилов, Лермонтов, Пушкин, Гёте, ва Байронро тарҷума кардааст. Ҳамин тариқ, Абай барои паҳн гардидани маданияти русу европоӣ дар байни қазоқҳо сабаб гардидааст.

Бунёдгузори адабиёти нави хаттии қазоқ Абай Қунанбаев азон шоирон ва маорифпарвароне буд, ки бо ашъор ва афкори наҷиби худ барои бедории тафаккури мардум хизмати бузурге кардааст.

Абай дар ташаккули забон, забони адабии қазоқ, адабиёти хаттӣ, коркард ва ҷорӣ намудани қолабҳои нави адабӣ, бо ҳам наздиксозӣ ва аз ҳам истифодабарии адабиётҳо хизмати арзанда кардааст.

Таъсири адабиёти классикии форсу тоҷик ба эҷодиёти Абай ниҳоят калон аст. Ӯ сужети як қатор достонҳои Шарқро эҷодкорона азбар намуда, дар заминаи онҳо асарҳои эпикӣ офаридааст. Достонҳои ӯ “Искандар”, “Масъуд” ва қиссаи “Азим” мисол шуда метавонад. Оғози достони “Масъуд”-ро гирем, он оғози анъанавии достонсароии классикии тоҷикро ба хотир меорад:

*Ё Аллоҳ, посдорат, дӯстат Маҳмуд*
*Бикшо забонамро баҳри ифода Масъуд.*

*Дар замони халифа Хорун Рашид,*
*Ҷавоне буд дар Бағдод бо номи Масъуд.*

Дар эҷодиёти Абай на танҳо шеърҳои дар мавзӯи ишқӣ, балки характери панду насиҳатӣ доштa ва ҳам дар шакли ғазал эҷод шуда, бисёр аст, ки онҳо дар таъсири ғазалҳои шоирони классикӣ тоҷик навишта шудаанд. Дар ин хел шеърҳо таъсири Ҳофизи Шерозӣ ҳис карда мешавад. Абай дар шеъри " Дар ҷавонӣ зарурияти донишро нафаҳмидам" шакли ғазалро истифода кардааст.

*Жасымда Ғылым бар деп ескермедім,*
*Пайдасын көре тура тексермедім.*
*Ер жеткен соң тұспеді уысыма,*
*Қолымды мезгіленнен кеш сермедім.*

Абай дар шеърҳои "Ҳалқи ман - қазоқи ман", "Боён дороиро мепарастанд", "Роҳгумкардаро роҳ дар пеш" мардумро бо ҳам дӯст будан даъват намояд, дар шеърҳои "Эй муҳаббат, эй дӯст", "Ҷавонмардон, бозӣ арзону ханда қимат", "Овози духтар", "Овози ҷавонмард", "Нури чашмонам", "Эй дил", "Суруди Татяна (аз "Евгений Онегин"-и Пушкин), "Суруди ошиқ– безабонӣ", муҳаббат ва дӯстии байни одамонро тараннум намудааст.

Абай ба ҷавонони соҳибистеъдоди эҷодкор ғамхору меҳрубон буд, дар навиштани асарҳо ба онҳо ёрӣ ва маслиҳатҳо медод. Ба писараш Мағавия (1869-1904) дар навиштани достон "Медғат Қосим", баОқилбой дар навиштани достони "Қиссаи Юсуф" аз наздик кӯмак расонидааст.

Аз шоири бузург то ба мо зиёда аз 200 шеър ва чор достон: "Масъуд", "Искандар", қиссаи "Азим", "Вадим" омада расидааст.

Асосгузори адабиёти нав ба забони адабии қазоқ, тарғибгари адабиёту маданияти халқҳои гуногунзабон Абай Қунанбаев 23 июни соли 1904 вафот кардааст.



Кӯчаву деҳа, ноҳияву шаҳр, хиёбону театр, китобхонаю донишгоҳҳо ва ғайра муассисаҳо номи Абайро дорад, ки ҳамаи ин аз баланд будани меҳри халқ ба шахсияти Абай далолат мекунад.

Хонандаи тоҷик бо ашъори баландмазмуни Абайи бузург аз рӯи тарҷумаҳои шоирон: Мирзо Турсунзода, Ғаффор Мирзо,Бобо Ҳоҷӣ, Акобир Шарифӣ, Лоиқ Шералӣ, Мастон Шералӣ,Салимшо Ҳалимшоҳ,Бозор Собир шинос ҳастанд.

Шоир ва нависандагони тоҷик – Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Мӯъмин Қаноат ва олимони номӣ – Бобоҷон Ғафуров, Муҳаммадҷон Шукуров, Атахон Сайфуллоев Абайро классики бузурги адабиёти қазоқ номидаанд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г

*1. Стратегияи “Маҳфили адабиёт”-ро истифода намуда, ба 6 гурӯҳи зерин ҷудо шуда, тарҷумаи ҳоли Абай Қунанбаевро нақл кунед:*

*1) Ҳикоякунанда.*
*2) Тадқиқотчӣ.*
*3) Савол тартибдиҳанда.*
*4) Муайянкунандаи маълумоти аниқ ва ноаниқ(Аниққкунанда).*
*5) Рассом.*
*6) Бо ҳаёт алоқамандкунанда.*

*2. Аз Интернет оид ба ҳаёти А.Қунанбаев маълумоти иловагӣ ҷамъ кунед ва ҳикоя кунед.*

## ИНТИЗОРАШ НАБУДӢ АСЛО

*Бачагӣ рафту ту надонистӣ!*
*Чӣ хуш айёмро ту додӣ ба бод!*
*Навҷавонӣ гузашту дасти варо*
*Натавонистӣ бидориаш, ҳайҳот[456]!*

*Пас баро пешвози пири барно!*
*Интизораш набудаӣ асло?!*

*[456] Ҳайҳот – дареғ, афсӯс.*

*Балки дар зиндагӣ, ба роҳи ҳаёт,*
*Борҳо беқарорӣ  мекардӣ,*

*Хештанро фиреб медодӣ,*
*Балки ноустуворӣ мекардӣ.*
*Балки мемирӣ, мирӣ тубадбахт,*
*Чун шутурбачае,ки бекора.*

*Мурда дар кунҷи огилу ҷуз он,*
*Ҳеҷ чизе надида бечора.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

М

*1. Шоир дар шеъри “Интизораш набудӣ асло” кадом мавзӯъро боло бардоштааст?*
*2.  Шеърро хонда чиро эҳсос кардед? Фикратонро гӯед.*
*3. Дар бораи бачагӣ, навҷавонӣ ва пиронсолӣ кадом зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳо азёд медонед?*

Ч

*4.  Гӯед, ки киро одами хушбахт номидан мумкин аст?*
*5. Оё шумо худро одами хушбахт меҳисобед?*
*6. Гӯед, ки антоними калимаи “хушбахтӣ” кадом аст?*

## БО ДИЛИ ХЕШ САРФАКОРӢ[457] КУН!

*Гоҳ-гоҳе зи дӯш[458] меафтад*
*Дӯшбори гаронӣ қисмати мо.*
*Бар сари дарду ранҷ мерезад*
*Бахт нури муқаддаси худро.*

*Мешавад бо хурӯшу илҳом*
*Шеър бо рӯди кӯҳ ҳамоҳанг.*
*Ҷони ширин ҳамешавад шодоб,*
*Дар ҷаҳон нест бо сухан ҳамсанг.*

*То ки ашъор пуршарар[459] хезад,*
*Монад андар замона беанҷом,*

[457]***Сарфакорӣ – эҳтиёткорӣ дар харҷ***
[458]***Дӯш – китф, шона; тахтапушт.***
[459]***Пуршарар – пуршарора, шӯълавар.***

*Мехӯрад печу тоб сатри сухан,*
*Мезанад пар фариштаи илҳом.*

*Сарбаланд аз мақоми худ шоир*
*Мекунад чун назар ба пешу қафо,*
*Бори аввал ҳамеша метобад*
*Поку озод баҳри ӯ дунё*

*Чун назар афканад бар ин дунё*
*Ӯ ба мисли уқоби кӯҳистон,*
*Ҳама ҷо дарду доғ мебинад,*
*Мекашад оҳ аз ғами инсон.*

*Ҳар куҷо пайки[460] интизорӣ ҳаст,*
*Баҳри ашъори шоири довар.*
*Довари ҳақгузор, эй шоир,*
*Ҳукм фармо ба мисли пайғамбар.*

*Мон, ки ояд дили ту дар фарёд,*
*Неш гардад забони гуфторат,*
*Гуфтаниро кӣ метавонад гуфт*
*Чун ту бо хатму нолаву ҳасрат?*

*Тан мадеҳ ба ситоиши мардум,*
*Бош озоду бош бархӯрдор.*
*Кай бувад аз бораи шоирҳо*
*Такягоҳи накӯтар аз ашъор.*

*Бош бар чарбгӯй[461] нобовар,*
*Барҳазар аз ситоиш ботил[462],*
*Ки ба сӯи сароб[463] мекашадат,*
*Кай дигар мерасӣ ту ба манзил.*

*Рӯзи шодӣ ба шодмонӣ зӣ,*
*Рӯзи мотам ту бурдборӣ[464] кун.*
*Гарчи дилро мадор арзонӣ,*
*Бо дили хеш сарфакорӣ кун!*

---

[460]***Пайк** –хабаррасон; хабар, паём.*
[461]***Чарбгӯй** – ширинзабон, хушсухан.*
[462]***Ботил** – беҳуда, ночиз*
[463]***Сароб** – хаёли хом, чизи нобуда.*
[464]***Бурдборӣ** – босабру тоқат, бардошт.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Стратегияи "Тадқиқот"-ро истифода намоед, ба 5 гурӯҳи зерин ҷудо шуда мазмуни шеърро нақл кунед:*

*1) Ғояи асосии матнро ёбед.*
*2) Маълумоти аниқ ва ноаниқро ҷудо кунед.*
*3) Фикри худро бо расм ифода кунед.*
*4) Мавзӯи додашударо бо ҳаёт алоқаманд намоед.*
*5) Хулосаи тарбиявӣ бароред.*

*2. Намуди аслии шеъри "Бо дили хеш сарфакорӣ кун!"-и А. Қунанбаевро бо забони қазоқӣ аз Интернет ёфта хонед.*

# ҲАБИБ ЮСУФӢ



*«Ту з-он қавӣ, ки ба ҳар ҷой халқи заҳматкаш*
*Туро замини ману такягоҳи ман гӯяд»*

Ҳабиб Юсуфӣ – шоири тоҷик, тарҷумон, ходими илмӣ, афсар ва қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ.

Ҳабиб Юсуфӣ соли 1916 дар оилаи мударрис[465] дар гузари Боғимайдони шаҳри Самарқанд таваллуд ёфтааст. Баъди хатми мактаби ҳафтсола вай ба Техникуми педагогии мардонаи тоҷикии шаҳри Самарқанд дохил шудааст. Соли 1935 техникумро хатм намуда, дар мактабҳои миёна аз забон ва адабиёти тоҷик дарс мегуфт. Вале фақат дарс гуфтан ҷавони донишдӯстро қонеъ намекард. Бинобар ин, тирамоҳи соли 1936 ӯ ба факултаи филологияи шӯъбаи шабонаи Дорулфунуни[466] давлатии Ӯзбекистон дохил шуд. Таҳсили шабона ӯро қонеъ карда натавонист. Аз сентябри соли 1937 ба шӯъбаи рӯзона гузашт.

---

***465 Мударрис – дарсдиҳанда, дарсгӯ; муаллими мадраса.***
***466 Дорулфунун – донишгоҳ.***

Шароити хуби мактаби олӣ ба Ҳабиб Юсуфӣ имконият дод, ки аз ҷиҳатиғоявӣ ва сатҳи дониш зуд инкишоф ёбад. Баъд аз хатми таҳсил соли 1940 ба Душанбе омада, дар Институти забон, адабиёт ва таърихи филиали Тоҷикистонии Академияи фанҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ходими илмӣ таъйин шуд.

Ҳабиб Юсуфӣ шоир, тарҷумон ва ходими илмӣ буд. Ӯ дар як муддати кӯтоҳ асарҳои Пушкин ва Лермонтовро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуд.

Ҳабиб Юсуфӣ моҳи марти соли 1942 ба сафҳои Армияи Советӣ даъват шуд. Ӯро аввал ба Омӯзишгоҳи ҳарбии миномётии шаҳри Пенза фиристоданд. Ҳабиб Юсуфӣ техникаи ҳарбиро омӯхта бо рутбаи лейтенанти хурд ба ҳимояи Ленинград фиристода шуд. Дар яке аз мактубҳояш, ки 19-уми ноябри соли 1943 навишта буд, «...Он рӯзҳо дур нестанд, ки душмани малъунро аз дарвозаҳои ин шаҳри азим дур андозем» гуфтааст.

Ҳабиб Юсуфӣ дар байни афсарону аскарони қисмаш ҳамчун инсони оддӣ, хоксор, дӯст ва рафиқи хуб, соҳиби дониши баланд шинохта шуда буд. Ӯ аз мутолиаи китоб ғофил намешуд. Дар яке аз мактубҳояш ҳатто ишора намудааст, ки ӯ китоби Л.Н. Толстой «Ҷанг ва сулҳ»-ро бо забони русӣ хонда истодааст.

Ҷанговар ва афсари[467] ватандӯст бозгашти худро фақат бо роҳи сарҳадҳои ғарбии мамлакат ва аз дохили Берлин муайян намуда,»...агар саломатӣ бошад, роҳи мо ба Самарқанд ва Сталинобод ба воситаи Берлин аст...» навишта буд.

Аммо дили пурҷӯшу хурӯш, ки саршори муҳаббат ба ватан буд, 15 феврали соли 1945 аз тири фашистони манҳус абадӣ аз кор монд, вале номи ӯ дар дили хонандагонаш абадӣ гашт.

Ҳабиб Юсуфӣ шеъргӯиро барвақттар оғоз карда бошад ҳам, ба таври расмӣ соли 1936 шеърҳояшро эълон намудааст. Соли 1939 нашр шудани аввалин маҷмӯаи шеърҳои ӯ «Таронаи ватан» шӯҳрати ӯро зиёд ва эътирофи умум гардонид.

Ватандӯстӣ ва фидокории шоир дар шеъри “Ишқи Ватан” таҷассуми худро ёфтааст:

*Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам,*
*Ба ҳарфи Ватан гӯш дорад дилам.*
*Ватанро бинозам маро дар канор,*
*Чу модар гирифту намуд бахтиёр.*

***[467]Афсар – соҳибмансаби қувваҳои мусаллаҳ, ки рутбаи аз лейтинанти хурд то полковник дорад, офитсер.***

*Ватан ҷони ман ҳам ҷаҳони ман аст,*
*Ватан боғ ҳам бӯстони ман аст.*
*Ватан чун маро ин ҷаҳони нав аст,*
*Дил аз роҳу фармони ӯ роҳрав аст.*
*Дило, давраи мо аҷаб давраест,*
*Ба таърихи олам чунин давра нест.*
*Ба роҳи Ватан ҷон фидо мекунем,*
*Ватан ҳар чӣ гӯяд, адо мекунем.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г Ч М

1. *Стратегияи “Кластер”-ро истифода намуда, тарҷумаи ҳоли Ҳабиб Юсуфиро нақл кунед.*
2. *Аз харита он шаҳру давлатҳое, ки Ҳ.Юсуфӣ зиндагонӣ ва хизмат кардааст, рафтааст, ёбед ва маълумот диҳед.*
3. *Аз Интернет доир ба ҳаёти Ҳабиб Юсуфӣ маълумоти иловагӣ ҷамъ намоед ва ҳикоя кунед.*
4. *Шоир ҳиссиётҳои худро дар шеъри “Ишқи Ватан” чӣ тавр ифода намудааст? Шеърро азёд кунед.*
5. *Дар мавзӯи “Қаҳрамонон намемиранд” эссе нависед.*

## БА ВАТАН

*Гар, ватан, дилро ту мехоҳӣ, фидо созам ба ҷон,*
*Дил барои меҳри ту, ай меҳри ман, бошад макон.*
*Дил, бидон, аз баҳри ту як лаҳза ҳам бегона нест,*
*Ҳамчу мурғе карда андар шоҳи меҳрат ошён.*
*Ту чунон маҳбубаи ошиқнавозӣ, меҳри ту*
*Ҷо гирифта дар дили меҳнаткаши рӯи ҷаҳон.*
*Шавкати дил, шодии дил, ҳастии дил бо ту аст,*
*Ҳар чӣ мехоҳӣ, бифармо, дил ба фармонат равон.*
*Аз чӣ ман дилро макон дар синаи худ додаам?*
*З-он ки меҳри ту намуда синаи дилро макон.*
*Хирмани ғамҳои дилро оташи меҳри ту сӯхт,*
*Доимо дилро баҳор асту баҳораш бехазон.*

*Дил дар оғӯши чу бӯстони ту доим хуррам аст,*
*Бо ҳазорон дилбарони дилрабои дилситон.*
*Дил куҷо тоқат намояд, душманат гар дам занад,*
*Аз барои дафъи ӯ кӯшиш намояд ҳар замон.*
*Ҳамчу Маҷнун дил ба саҳрои ҷунун[468] овора нест,*
*Масти ҷоми меҳнат асту ёр бо лайливашон[469].*
*Ман на танҳо дил, тану ҷон ҳам фидоят мекунам,*
*То шавам чун қаҳрамонони ту ман ҳам қаҳрамон.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Ба 5 гурӯҳ ҷудо шуда, супоришҳои зерро иҷро кунед:*
*1) Ғояи асосии матнро ёбед.*
*2) Маълумотҳои аниқ ва ноаниқро ҷудо кунед.*
*3) Фикри худро бо расм ифода кунед.*
*4) Мавзӯи додашударо бо ҳаёт алоқаманд намоед.*
*5) Хулосаи тарбиявӣ бароред.*

М

*2. Аз луғат маънои калимаи “ватанпарвар”-ро ёфта шарҳ диҳед.*

## МАН ВАТАНРО БЕШ АЗ ҲАРВАҚТА ДОРАМ ДӮСТТАР

*Вақти он аст, ай қалам!*
*Буррандатар гардӣ зи теғ!*
*Вақти он аст, ай сухан!*
*Ғуррандатар[470] гардӣ зи барқ!*
*То ба душман ҳамла орам,*
*Решааш буррӣ зи бех,*

[468]**Ҷунун – ҷиннигӣ, девонагӣ.**
[469]**Лайливашон – Лайлисифат, Лайлимонанд.**
[470]**Ғуррандатар – сифати феълии замони ҳозира аз ғурридан; ғурришкунанда.**

*То расӣ,*
*Манҳус[471]– анчарро[472] кунӣ бешоху барг!*
*Як ҷаҳон ишқи Ватан дорад дили халқи азим,*
*То ватанро дўст дорад,дўст дорад то абад.*
*Сад ҷаҳон нафрат ҳам аз баҳри разилони фашизм,*
*То фашистонро кунад бо нафраташ гўр оқибат!*
*Чун Ватан мардона дар ҷанг омадаст, имрўз ман*
*Ман ватанро беш аз ҳарвақта дорам дусттар!*
*Чун ман ин сон байни майдон пурдилу фирўзманд,*
*Дорадам имрўз аз ҳаррўза ёрам дўсттар:*
*Он на ман, бошам амон бидҳад ба душман мушти ман,*
*Он на ман, к-ин дам фитам дар фикри кори дигаре.*
*«Он на ман бошам, ки рўзи ҷанг бинӣ пушти ман,*
*Он манам, к-андар миёни хоку хун бинӣ саре»[473].*
*Вақти он аст, ай қалам!*
*Буррандатар гардӣ зи тег!*
*Вақти он аст, ай сухан,*
*Ғуррандатар гардӣ зи барқ!*
*То ба душман ҳамла орам, решааш буррӣ зи бех,*
*То расӣ,*
*Манҳус - анчарро кунӣ бешоху барг!*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

1. *Шеърро бурро ва ифоданок қироат намоед.*
2. *Мазмуни шеърро нақл кунед.*
3. *Шоир қудрати қаламу суханро ба чӣ ташбеҳ додааст?*
4. *Зери мафҳуми «манҳус - анчар» кӣ дар назар дошта шуда-аст?*
5. *Чаро шоир ин қадар қатъӣ ба қаламу сухан рў овардааст?*
6. *Дар сарлавҳаи шеър кадом ҳиссиёти шоир баён ёфтааст?*
7. *Дар мавзӯи “Ватани ман - Қазоқистон” эссе нависед.*

---

[471]***Манҳус – шум; номуборак; нафратовар.***
[472]***Анчар (ангар) - номи дарахти заҳролуд.***
[473]***Ин байт аз Саъдии Шерозист.***

# БОҚӢ РАҲИМЗОДА



Боқӣ Раҳимзода 15-уми майи соли 1910 дар Сорбоғ, ки яке аз деҳаҳои зеботарини ноҳияи Рашт ба ҳисоб меравад, ба дунё омадааст. Дар давраи кӯдакӣ, бо амри тақдир, падари ӯ аз сар рафт. Баъди марги падар Боқӣ муддате дар хонаи амакҳояш - Миразизу Мирзораҳим умр ба сар бурда, бо ёрии онҳо ӯ дар мактаби кӯҳнаи деҳаашон савод омӯхт. Боқӣ, ки худ табиатан бачаи зираку донишдӯст буд, дар муддати ниҳоят кӯтоҳ асосҳои саводи мактаби кӯҳнаро аз худ намуд. Вай аз хурдсолӣ ба шеъру шоирӣ рағбати зиёд дошт, девони ғазалиёти Саъдию Ҳофизро пайваста меомӯхт.

Баъди ташкил шудани мактабҳои шӯроӣ, ӯ аз ҷумлаи нахустин шогирдони болаёқати он мактаб буд. Боқӣ Раҳимзода аввал Техникуми педагогии шаҳри Самарқанд (1931), баъдтар Дорулмуаллимини[474] тоҷикии шаҳри Тошканд (1938) ва ниҳоят Институти омӯзгории шаҳри Душанберо (1941) бо баҳои аъло хатм намуд. Шавқи шеър барвақт дар қалби ӯ ҷой гирифта буд. Аввалин шеърҳои Боқӣ Раҳимзода солҳои 30-юм дар саҳифаи рӯзнома ва маҷаллаҳо чоп шуданд. Аввалин китоби шеърҳои Боқӣ Раҳимзода соли 1945 бо номи «Ба фронт» чоп шуд, ки дар онҳо қаҳрамониҳои халқи бузурги шӯравӣ ва ғалабаи он васф шудааст.

Боқӣ Раҳимзода шоири тавоно буд, ашъори ӯ содаю фаҳмо ва самимӣ аст. Дар шеърҳои ҳаҷвиаш шахсони ваъдабозу оилабезор, булҳавасу танбалро мазаммат мекард.

Боқӣ Раҳимзода барои бачаҳо суруду таронаҳои зиёд навиштааст. Ҳунар ва истеъдоди баланди шоирии Боқӣ дар шеърҳои «Чашмасор», «Баҳори умр», «Қиссаи кӯҳсор», «Республикаи ман», «Мусича ва рӯбоҳ», «Муаллим», «Халқи бузургворам» ва ғайра хеле хуб зоҳир шудааст. Боқӣ Раҳимзода дар баробари шоири ҳақиқӣ будан инсони бузург ва тарбиятгари шоирони ҷавон буд. Аз соли 1948 то охири ҳаёташ мушовири[475] Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро дар ӯҳда дошт. 30-юми

---

*[474] Дорулмуаллимин – мактаби олии омӯзгорӣ.*

*[475] Мушовир – маслиҳатдиҳанда.*

январи соли 1980 Боқӣ Раҳимзода дар Душанбе ҳаётро падруд гуфт. Боқӣ Раҳимзода дар шеъри «Муаллим» иззату эҳтироми халқро нисбат ба омӯзгор хеле самимӣ[476] баён намудааст.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Стратегияи "Кластер"-ро истифода намоед ва тарҷумаи ҳоли Б.Раҳимзодаро нақл кунед.*

*2. Аз Интернет мероси адабии Б.Раҳимзодаро ёбед ва дилхоҳ порчаи шеъри шоирро азёд кунед.*

## МУАЛЛИМ

*Шеъре ба номи некат, омӯзгор, дорам,*
*Дар анҷуман[477] ба дастат чун тӯҳфае супорам*
*Баҳри сипоси хотир дастат ҳамефишорам,*
*Миннатпазирам[478] аз ту доим ба рӯзгорам.*

*З-ин рӯ бузург ҳастӣ мисли падар, муаллим,*
*Дар олами маонӣ[479] ҳам роҳбар, муаллим.*

*Ҳарфе дуруст хондам, аз шавқ медамидӣ,*
*Ноқис, ки менавиштам, бар хеш метапидӣ[480].*
*То сарбаланд бошам, бисёр сар хамидӣ,*
*Бори гарони[481] меҳнат бар дӯши худ кашидӣ.*

*З-ин рӯ бузург ҳастӣ мисли падар, муаллим,*
*Дар олами маонӣ ҳам роҳбар, муаллим.*

---

[476] ***Самимӣ – аз таҳти дил.***
[477] ***Анҷуман – маҷлис.***
[478] ***Миннатпазир – миннатдор, сипосгузор.***
[479] ***Маонӣ – маънӣ, маъно.***
[480] ***Метапидӣ –беқарор шудан, ба изтироб афтодан.***



[481] ***Бори гарон – бори вазнин.***

*Омӯхта бароям одоби гуфтугӯро,*
*Во[482] карда пеши чашмам дунёи орзуро.*
*Суде[483] барои мардум бахшанда бин Амуро,*
*Дар роҳи бахтёбӣ маънои ҷустуҷӯро.*

*З-ин рӯ бузург ҳастӣ мисли падар, муаллим,*
*Дар олами маонӣ ҳам роҳбар, муаллим.*

*Дар гиру дори ҳастӣ, гуфтӣ, ки боҳунар шав,*
*Бар авҷ сар кашидӣ, аз қаър бохабар шав,*
*Аз дониши замонат пайваста баҳравар шав,*
*Дар ҳифзи халқу кишвар фарзанди номвар шав.*

*З-ин рӯ бузург ҳастӣ мисли падар, муаллим,*
*Дар олами маонӣ ҳам роҳбар, муаллим.*

*Тақдири насли миллат бар зиммаи[484] ту бор аст,*
*З-ин бештар ба дунё дигар чӣ эътибор аст?*
*Омӯзгор он гаҳ мамнуну[485] бахтёр аст,*
*Шогирди бовафояш бар халқ ифтихор аст.*

*З-ин рӯ бузург ҳастӣ мисли падар, муаллим,*
*Дар олами маонӣ ҳам роҳбар, муаллим.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

1. *Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда шеърро ифоданок ва ба тарзи бадеӣ қироат намоед.*

Г

2. *Мазмуни шеърро мухтасар нақл кунед.*
3. *Дар шеър кадом хислатҳои ба муаллим хос тараннум ёфтаанд?*
4. *Ғояи асосии шеърро муайян намоед.*
5. *Шеърро азбар намоед.*
6. *Дар мавзӯи "Муаллими ман" эссе нависед.*

М

7. *Касби муаллимиро бо касбҳои дигар муқоиса намоед ва хулосаи худро гӯед.*

[482] ***Во** – боз, кушода.*
[483] ***Суд** – фоида, нафъ, манфиат.*
[484] ***Зимма** – ӯҳда, ӯҳдадорӣ.*
[485] ***Мамнун** – миннатдор, сипосгузор; хурсанд, хушҳол.*

## ХАЛҚИ БУЗУРГВОРАМ

*Чун Вахши саркаши худ аз шавқ сар кашидам,*
*Шайпури[486] фатҳи халқам бори дигар кашидам.*
*Ҳар қатраи ҷабинаш[487] бо шеър баркашидам,*
*Оре, ба риштаи назм дурру гуҳар кашидам.*
*То бахшам аз бароят, халқи бузургворам,*
*Бар чашм хоки поят чун тӯтиё[488] гузорам.*

*Қалби замин фишурда, мардона чок кардӣ,*
*Обу арақ зи рӯят сад бор пок кардӣ.*
*Шуд рӯзҳо, ки дидам тарки хӯрок кардӣ,*
*То пунбадонаеро[489] берун зи хок кардӣ.*
*З-ин рӯ, туро сурудам, халқи бузургворам,*
*Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.*

*Ҳар як ниҳоли пахта чун тифл парваридӣ,*
*То ки набинад офат, роҳат ту ҳам надидӣ.*
*Бори гарони меҳнат бар дӯши худ кашидӣ,*
*То сарбаланд гардӣ, бисёр сар хамидӣ.*
*З-ин рӯ, туро сароям, халқи бузургворам,*
*Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.*

*Фасли баҳор дидам пур аз ғубор рӯят,*
*Бо қомати ҳамида дар киштзор рӯят,*
*Обу арақ чакида аз тор-тори мӯят,*
*Барқи зафар шукуфта андар канори рӯят.*
*Дил пурумед гуфтам, халқи бузургворам,*
*Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.*

*Ранҷи кашидаатро обу замин бидонад,*
*Қадри баланду пастӣ худ пахтачин бидонад.*
*Анбозиҳои[490]заргар лаълу нигин бидонад.*

---

[486]**Шайпур – карнайча.**
[487]**Ҷабин– пешонӣ.**
[488]**Тӯтиё – санги сурма, ки соида ба чашм мекашанд.**
[489]**Пунбадона – тухми пахта, чигит, донаи пунба.**
[490]**Анбозӣ – шарикӣ, ширкат; ҳамроҳӣ, ҳамкорӣ.**

*Заркору заргарӣ ту, халқи бузургворам,*
*Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.*

*Ҳар кас агар шуморад кори ту саҳлу[491] осон,*
*Лаънат ба ӯ бигӯяд ҳар фарди поквиҷдон.*
*Раззоқи[492] олам астӣ, ай баргузида[493] деҳқон,*
*Васфи туро сароям, то ҳаст дар танам ҷон.*
*Ҷонам фидои номат, халқи бузургворам,*
*Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.*

*Ҳам Вахшу Ленинобод, кӯлобию ҳисорӣ,*
*Дар гирудори меҳнат бинмуда ҷонсупорӣ,*
*То дар ривоҷи кишвар саҳми расо гузорӣ,*
*Байрақи обрӯро маҳкам нигоҳ дорӣ.*
*Таҳсинкунон бигӯям, халқи бузургворам,*
*Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.*

*Дар Беларус будам, васфи туро шунидам,*
*Маҳсули ранҷи дастат дар ҳар куҷо бидидам.*
*Чун кӯҳсори Помир аз фахр сар кашидам,*
*Дар пешвози тӯят, аммо ба сар давидам*
*То бар ту шеър бахшам, халқи бузургворам,*
*Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.*

*Иҷрои қавл кардӣ, ин аст сарфарозӣ[494],*
*Тобида мӯйлабро бинмой рақсу бозӣ,*
*Иди Кабири Октябр, бешубҳа, аз ту розӣ,*
*Бо ин умед додат ҳар гуна имтиёзе[495].*
*Додат бузургворӣ, халқи бузургворам,*
*Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.*

---

***[491]Саҳл – осон; сабук.***
***[492]Раззоқ – ризқдиҳанда, серкунанда, (сифати Худо).***
***[493]Баргузида – писандида, интихобшуда.***
***[494]Сарфарозӣ – сарбаландӣ; ифтихор.***
***[495]Имтиёз –бартарӣ; иҷозате, ки давлат барои сохтани корхона ва ғайра муассисае ба шахсе рухсат медиҳад.***

*Рӯзи барори корат ин шеър тӯҳфа орам,*
*Афсӯс, беҳтар аз ин чизи дигар надорам.*
*Бинмо қабул аз ман, халқи бузургворам,*
*Чун барги сабз онро бар ту ҳамесупорам.*
*Ту аз ману ман аз ту, дигар сухан надорам,*
*Бар чашм хоки поят чун тӯтиё гузорам.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Шеъри Боқӣ Раҳимзода дар навъи адабии таркиббанд эҷод шудааст. Бигӯед, ки таркиббанд чист?*

*2. Шеърро бо диққат мутолиа карда, мазмуни онро нақл намоед.*

*3. Дар хусуси меҳнати софдилона, пурмашаққат ва бо ифтихори деҳқон ҳикоя кунед.*

*4. Шоир дар шеъри худ изҳори хурсандию шодии зиёде кардааст. Сабаби онро гӯед.*

М

*5. Тавсифу ташбеҳҳои шеърро ёфта, онҳоро ба дафтаратон кӯчонед.*

*6. Шеърро азбар кунед.*

## ТАҶОҲУЛИ ОРИФ

Таҷоҳул калимаи арабӣ буда, маънояш худро ба нодонӣ задан аст. Ориф низ лафзи арабист ва маънояш воқиф, огоҳ; доно мебошад. Дар илми бадеъ яке аз санъатҳои маънавиро таҷоҳули ориф мегӯянд. Ин санъат чунон аст, ки шоир ё нависанда ҳангоми тасвири касе ё чизе худро қасдан ба нодонӣ зада, паиҳам савол медиҳад. Мақсад аз чунин саволҳо ҷавоб гирифтан набуда, баръакс, диққати хонанда ва шунавандаро бештар ҷалб кардан аст. Дар ғазали Шопури Нишопурӣ, ки чанд байти онро дар поён меорем, намунаи беҳтарини ин санъат истифода шудааст.

*Рӯзгор ошуфтатар*[496] *ё зулфи ту, ё кори ман?*
*Зарра камтар ё даҳонат, ё дили ғамхори ман?*

---

[496]**Ошуфта –парешон.**

*Шаб сияҳтар ё дилат, ё ҳоли ман, ё ҳоли ту?*
*Шаҳд хуштар ё лабат, ё лафзи гавҳарбори*[497] *ман?*

*Назми Парвин*[498] *хубтар ё дурр, ё дандони ту?*
*Қомати ту росттар ё сарв, ё гуфтори ман?*

*Васли ту дилҷӯйтар ё шеърҳои нагзи ман?*
*Ҳаҷри*[499] *ту дилсӯзтар ё нолаҳои зори ман?*

*Меҳри маҳ равшандатар ё рои ман, ё рои ту?*
*Осмон гардантар ё хӯи ту, ё кори ман?...*

*Сабри ман кам ё вафои некувон, ё шарми ту?*
*Хубии ту бештар ё андӯҳи тимори*[500] *ман?*

*Чашми ту хунрезтар ё чарх, ё шамшери шоҳ?*
*Ғамзаи*[501] *ту тезтар ё тег, ё бозори ман?*

Таҷоҳули ориф барои ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷони ботинӣ ва сифатҳои мусбату манфии ашёю ашхос беҳтарин воситаи тасвири бадеъӣ ба шумор меравад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г

1. *Таҷоҳули ориф ба кадом маъноҳо меояд?*
2. *Шарти асосии ин санъат чист?*
3. *Мақсад аз савол гузоштани шоир чӣ бошад?*

---

[497]***Гавҳарбор – афшонандаи гавҳар.***

[498]***Парвин номи чанд ситораест, ки дар як ҷо ҷамъ шуда-анду ба бурҷи Савр дохил мешаванд; Сурайё.***

[499]***Ҳаҷр – ҷудоӣ, дурӣ.***

[500]***Тимор –гамхорӣ, нигоҳубин.***

[501]***Ғамза – имову ишорат ба чашму абрӯ.***

# АМИНҶОН ШУКӮҲӢ



*«Хунмаст ҷанобони ҷаҳонсӯзи ҷаҳонро,*
*Бо тантана бар суди адолат бисупорем».*

Аминҷон Шукӯҳӣ (Ҳоҷибоев) 10-уми июни соли 1923 дар деҳаи Румони ноҳияи Хуҷанд дар оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст.

Курсҳои муаллимиро гузашта, дар мактабҳои Хуҷанд аз забон ва адабиёти тоҷик дарс гуфтааст. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар сафи кормандони Умури дохила кор кардааст. Аз соли 1947 ба кори рӯзноманигорӣ гузашта, ба ҳайси мудири шӯъба, котиби масъул, ҷонишини муҳаррири рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» шуғл варзидааст. Соли 1955 факултаи рӯзноманигории мактаби олии ҳизбии назди

Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттифоқӣ Советиро дар шаҳри Маскав хатм намуда, муҳаррири рӯзномаи ҷумҳуриявии «Тоҷикистони Советӣ» таъин шуд. Соли 1961 котиби раёсат, баъдтар муовини садри Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб гашта кор кардааст. Аз соли 1967 то соли 1976 Раиси Комитети радио ва телевизиони давлатии Тоҷикистон буд. Пас аз он танҳо ба кори эҷодӣ машғул шудааст.

Шеърҳои аввалини Аминҷон Шукӯҳӣ соли 1942 дар рӯзномаи вилоятии «Стахановчӣ» чоп шудаанд. Маҷмӯаи аввалини шеърҳои ӯ «Суруди чашмасор» соли 1948 аз чоп баромад. Минбаъд маҷмӯаҳои «Ватани сулҳ»(1952), «Рӯзҳои мо» (1954), «Садои дил» (1956), достони «Кӯчабоғи ошиқон» (1962), драмаи мусиқии «Кӯчабоғи ошиқон» (1964), ки Театри ба номи Пушкин ба саҳна гузошт, либреттои операи «Бозгашт», ки Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ соли 1967 ба саҳна гузошта буд, маҷмӯаи шеърҳои «Нафаси гарм» (1964), маҷмӯаи шеърҳои «Табассуми ту» (1966, дар Боку бо забони озарӣ) чоп шуданд. Ашъори Шукӯҳӣ ба забонҳои украинӣ, белорусӣ, қазоқӣ, узбекӣ, қирғизӣ, туркманӣ, литвонӣ ва ғайра тарҷума шуда, борҳо дар Афғонистон, Эрон ва Чехословакия нашр шудаанд. Шукӯҳӣ дар наср ва драма низ асарҳои назаррас дорад.

Аминҷон Шукӯҳӣ 17 майи соли 1979 аз олам гузаштааст.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Аминҷон Шукӯҳӣ кай ва дар куҷо ба дунё омадааст?*

*2. А. Шукӯҳӣ кадом вазифаҳои масъулиятнокро ба ӯҳдаи худ гирифтааст?*

М

*3. Оё Аминҷон Шукӯҳӣ шоири бачагона аст?*

*4. Ашъори Шукӯҳӣ ба кадом забонҳо тарҷума шудааст?*

*5. Аз Интернет дар бораи мероси адабии Аминҷон Шукӯҳӣ маълумот ҷамъ оваред ва ҳикоя кунед.*

## МО ТОЛИБИ СУЛҲЕМ



*Мо мардуми ин кишвари дар авҷу барорем,*
*Як зарра ҳам аз душмани худ тарс надорем.*
*Лекин ҳама чун як дилу ҷон сулҳшиорем,*
*Мо зидди хазонему тарафдори баҳорем.*

*Моро Ватану модару ҷонона азиз аст,*
*Меҳри дилу ободии ҳар хона азиз аст.*
*Осудагию кори далерона азиз аст,*
*Ҳар як қадами худ ба ҳамин азм гузорем.*

*Сулҳ аст чунон қалъаи пурқудрати маҳкам,*
*Маҳкам бикунад боз варо халқ дамодам.*
*Ҳар кас, ки бихоҳад шарафи одаму олам,*
*Ӯ ҳамраҳи мо бошаду ҳамфикру қарорем.*

*То ҳифз намоем ҳама пиру ҷавонро,*
*То дур кунем аз ҳама ҷо офати ҷонро,*
*Хунмаст ҷанобони ҷаҳонсӯзи ҷаҳонро*
*Бо тантана бар суди адолат бисупорем.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Мазмуни шеърро маънидод намоед.*

*2. Мисраи «Мо зидди хазонему тарафдори баҳорем»-чӣ маънӣ дорад.?*

Ч

*3. Дар байти зерин калимаи «хунмаст» чӣ маънӣ дорад ва «ҷанобони ҷаҳонсӯзи ҷаҳон» киҳоанд?*

*«Хунмаст ҷанобони ҷаҳонсӯзи ҷаҳонро?*
*Бо тантана бар суди адолат бисупорем»?*

М

*4. Аз луғат маънои калимаи "сулҳ"- ро ёбед ва мутазоди онро гӯед.*

## ҲУРМАТИ МӮИ САФЕДАШ

*Ба нураш гарчи ин хуршеди ховар*
*Фаро гирад ҷаҳонеро саросар,*
*Намегардад валекин он баробар*
*Ба ин пурқувватӣ бо меҳри модар!*

*Фақат модар ба ҳар гармову сармо*[502]
*Ҳамеша бар сари гаҳвораи мо*
*Накарда мижа таҳ, биншаста шабҳо,*
*Бипарвард ӯ чу ҷон бигрифта дар бар.*

*Вуҷудаш чун ба фарзанд аст пайванд,*
*Варо хонад ба худ ҷону ҷигарбанд.*
*Агар хоре занад бар пои фарзанд,*
*Дили модар шавад ғамгин муқаррар*[503]

---

[502]**Сармо–хунукии ҳаво, ҳавои хунук.**
[503]**Муқаррар – муайяншуда; ҳатмӣ.**

*Барои фикру ёди пирумедаш,*
*Барои ҳурмати мўи сафедаш.*
*Ба ҷон ҳам ҳурмату иззат кунедаш,*
*Набошад то ки чашмаш ҳеҷ гаҳ тар.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда мазмуни шеърро маънидод кунед.*
*2. Гӯед, ки дар банди аввали шеър қудрати модар чӣ тавр тавсиф ёфтааст?*
*3. Дар банди дуюм шоир фарзандро ба чӣ ташбеҳ додааст?*
*4. Дар банди сеюм модар фарзандро чӣ хондааст?*
*5. Муаллифи шеър дар банди чаҳорум фарзандро ба чӣ даъват кардааст?*
*6. Доир ба мазмуни шеъри дар боло зикр шуда ба чӣ хулоса омадед?*
*7. Ба модари худ мактуб нависед.*

## ТАЗОД ВА МУҚОБАЛА (МУТОБАҚА)

Тазод ва муқобала ҳарду калимаҳои арабианд. Маънои тазод зиддият, мухолифат, ихтилоф ва маънои луғавии муқобала рўбарўшавӣ, муқобили якдигар шудан мебошад. Ба маънои истилоҳӣ, тазод ва муқобала аз ҷумлаи санъатҳои маънавист. Ин санъат чунон аст, ки шоир ё нависанда ҳангоми таълифи асари худ калима ва таркибҳоеро меорад, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам зиданд. Ба таври дигар гўем, шоир ё нависанда ҳангоми таълифи асари хеш сифат ва хислатҳои ашё ё ду касро ба таври муқоиса ба ҳам муқобил мегузорад. Тазод аз рўи маънои калима чизи зид аст, муқобала шинохтани сифатҳои мухолифи муқоисашаванда.

Мисол:

*Ҳар ҷо, ки ҳабибест, ба паҳлу-ш рақибест,*
*Дар боғи ҷаҳон як гули бехор набошад.*

***(Ҳилолӣ)***

Дар ин байт калимаҳои«ҳабиб» (дўст) ва «рақиб» (душман), инчунин калимаи «боғ»-у «гул» ва «хор» тазоданд.

Санъати тазоду муқобала яке аз воситаҳои тасвири бадеӣ буда, онро дар адабиёт ба таври фаровон истифода мебаранд. Адибони бузурги мо мисли Низомии Ганҷавӣ ин санъатро нафақат барои пуртаъсир кардани сухан ва муассиртар баён баён намудани фикр, балки барои тасвири рўҳияи қаҳрамони лирикӣ, нишон додани зиддиятҳои фикрии образҳои мусбату манфӣ истифода кардаанд.

Дар абёти поён калимаҳои зидмаъно «сиёҳ» ва «сафед» (дар ибораҳои «абри сиёҳ» ва «оби сафед») ҳолати қаҳрамон (хандидану гиристан), сифати ҳолати он (ширин ва талх) ба воситаи санъати тазоду муқобала ифода ёфтаанд:

*Ба ҳангоми ҳастӣ машав ноумед,*
*Ки абри сияҳ борад оби сафед.*

**(Низомӣ)**

*Чун шамъ ба ханда - дар ҳамезист,*
*Ширин хандиду талх бигрист.*

**(Низомӣ)**

Чанд мисоли дигар:

*Падидор аст адлу зулм пинҳон,*
*Мухолиф андаку носеҳ фаровон.*

**(Қамарӣ)**

*Васфи қади ту пеши абрӯи ту*
*Кач нишинем, рост баргӯем.*

**(Камол)**

*Лайлӣ сумани[504] хазоннадида,*
*Маҷнун чамани хазонрасида.*

**(Низомӣ)**

*Лайлӣ сари зулф шона мекард,*
*Маҷнун дури ашк дона мекард.*

**(Низомӣ)**

Санъати тазод ва муқобаларо баъзе адабиётшиносони гузашта мутазод, мутобиқ, таноқуз, тақобул, тибоқ, татбиқ ва радуссадри илалфаҳз низ номидаанд.

---

***[504]Суман – гулест сафедбарги хӯшбӯй, ёсуман.***

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

М

1. *Муносибати тазод ва муқобаларо муайян кунед.*
2. *Фарқияти тазод ва муқобала дар чист?*
3. *Умумияти ин ду калимаро фаҳмонед.*
4. *Тазоду муқобала ба таносуби сухан чӣ муносибат дорад? Хулоса бароред.*

# ЛОИҚ ШЕРАЛӢ



*Дар ҷаҳони душманонӣ, дӯстонро*
*гум макун,*
*Дар миёни каҷравонӣ, ростонро*
*гум макун.*

Лоиқ Шералӣ 20-уми майи соли 1941 дар Мазори Шариф, ки яке аз деҳаҳои хушманзари ноҳияи Панҷакент аст, ба дунё омадааст. Аввал мактаби ҳаштсола, баъд Омӯзишгоҳи педагогии Панҷакентро ва дар охир Донишгоҳи омӯзгории Душанберо (1963) хатм намудааст. Падараш колхозчӣ буд. Фаъолияти шоирии ӯ хеле барвақт - аз айёми донишҷӯияш оғоз ёфтааст. Аввалин шеъраш- «Ном» соли 1959 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуда буд. Аз нахустин рӯзҳое, ки қалам ба даст гирифту касби шоириро ихтиёр кард, ба назми бузурги классикон майл ва таваҷҷӯҳи зиёде дошт ва бесабаб нест, ки шеъри Рӯдакию Фирдавсию Саъдию Ҳофизу Мавлавию Ҷомиро сабақи шоирӣ ва ҳунари суханварии худ медонад. Лоиқ аз ҷумлаи шоироне буд, ки афкори адабӣ ва таърихии халқи худро хеле хуб аз худ кардааст. Вай нисбат ба шеъру шоирӣ ақидаи махсус дошт. Шоир «бояд бисёр мушоҳидакору дақиқназар ва ҳассос[505] бошад ва аз ҳама мушоҳидаҳояш чизеро тасвир кунад, ки то ҳол ягон шоири дигар нагуфта бошад, ё агар гуфта бошад, ин шоир бояд онро такрор накунад. Барои ин корро ӯҳда кардан дониши бемисли адабӣ доштан лозим аст, то кас

[505]***Ҳассос – ҳискунанда, нагз, пайбаранда, зудранҷ.***

донад, ки киҳо чиҳо гуфтаанд». Ба ақидаи Лоиқ, шоири ҳақиқӣ «фарзанди айём», «минбари виҷдон», «сарбози миллат», «ровии[506] армони халқ», «чашми замона», «ойинаи давр», «Қуръони ҳамаи миллатҳо» бояд бошад.

Дили пурэҳсоси ин шоири маҳбуб 30-юми июни соли 2000 дар Душанбе абадан аз тапиш монд.

Лоиқ шоири лирик мебошад. Қаҳрамони лирикии ӯ ҳам оқилу ҳам муқтадир[507] аст, олами маънавии бой дорад, ғами ҷаҳону ҷаҳониёнро ғами худ медонад, мероси гаронбаҳои гузаштагонро мисли гавҳараки чашми худ нигоҳ медорад. Тарзи сухани Лоиқ низ нотакрор аст, вай аз дили мардум ва барои мардум мегӯяд. Лоиқ инсонро бо тамоми фазилатҳояш васф мекунад, аммо симои модар мағз андар мағзи эҷодиёти ӯро ташкил медиҳад. Модарномаҳои Лоиқ дар таърихи адабиёти тоҷик мақоми махсус доранд. Лоиқ дар бештари анвои адабӣ шеър мегӯяд, аммо дар сурудани ғазалу рубоию дубайтӣ ҳамто[508] надорад. Вай муаллифи китобҳои «Сари сабз» (1960), «Илҳом» (1968), «Нӯшбод» (1971), «Соҳилҳо» (1972), «Ташнадил» (1974), «Хоки ватан» (1975), «Марди роҳ» (1984), «Вароқи санг» (1980), «Хонаи чашм» (1982), «Рӯзи сафед» (1984), «Хонаи дил» (1988), «Дасти дуои модар» (1991), «Фарёди бефарёдрас» (1997), «Ангораҳо[509]»(2001), «Куллиёт» (2001) мебошад.

Лоиқ дар баробари шоири хуб будан, тарбиятгари шоирони навқалам низ мебошад. Ӯ солҳои зиёде раиси шӯрои шеъри Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Лоиқ барои ашъори дилписандаш сазовори мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ ва унвони «Шоири халқии Тоҷикистон» гардидааст. Дар шеърҳои «Забонгумкарда», «Корези Фирдавсӣ» ва «Модарам» беҳтарин хислатҳои қаҳрамони лирикии шоир ифода ёфтаанд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г

*1. Давраи кӯдакии Лоиқ Шералӣ дар куҷо гузаштааст?*
*2. Фаъолияти шоирии Лоиқ аз кай оғоз ёфтааст?*

***[506]Ровӣ – нақл кардани сухане ё хабаре аз қавли касе, нақл***

***[507]Муқтадир – қудратманд, қодир, пурзӯр.***

***[508]Ҳамто – мисл, баробар, монанд.***

***[509]Ангора – пиндор, тасаввур; саргузашт, достон, афсона.***

*3. Муносибати шоир ба адабиёти классики тоҷик чӣ навъ бу-даast?*
*4.Мероси адабии Лоиқ чӣ аҳамият дорад?*
*5. Хулосаи худро гӯед, ки Лоиқ Шералӣ чӣ гуна шоир аст?*
*6. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти Лоиқ Шералӣ аз Интернет аудио ва видео маводҳоро ёбед ва дар дарси оянда намоиш диҳед.*

## БА МОДАРАМ

*Ба кунҷи сандалӣ[510] биншаста шабҳо модари пирам,*
*Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад ният,*
*Ки рӯзи тӯй дида дар қади ман, бишканӣ армон,*
*Бубинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав ҷавоният.*
*Ба он дастони ларзони шарафмандат[511] бимирам ман!*
*Наёбад чашми камбинат ба ҷустан чашми сӯзанро,*
*Биларзад дасти пурэҷози[512] ту дар қабзаи пирӣ,*
*Валекин боз медӯзӣ ту дастархони гулдӯзӣ,*
*Ки рӯзи маърака дар байни мардум обрӯ гирӣ.*
*Чӣ дунёест дунёи умеди ту, аё модар, аё модар!*
*Ниҳону пардагӣ бигзашт даврони ҷавоният,*
*Ҳаётат дар гуселу пешвози зиндагӣ тай шуд.*
*Бикун бо гӯшаи қарси[513] сапедат пок ашкатро,*
*Ба дунё одамӣ як бор меояд ба пои худ,*
*Ба оҳи тобнокат аз куҷо акси садо ҷӯӣ, аё модар, аё модар!*
*Нарафтӣ берун аз як деҳ, надидӣ рӯи оламро,*
*Ба гирди хеш гӯё чарх гаштӣ, зиндагӣ кардӣ.*
*Ба гирди деҳа гӯё домани гардун[514] бичаспида,*

---

***[510]Сандалӣ – чорпояи махсусе, ки болои лахча (нимсӯхтаи чӯб, ангишт) гузошта, ба рӯяш кӯрпа андохта дар гирдогирдаш мешинанд.***
***[511]Шарафманд – бошарофат, баномус.***
***[512]Эҷоз – кӯтоҳӣ, ихтисор дар сухангӯӣ, мухтасарбаёнӣ.***
***[513]Қарс – рӯймол, сарандоз.***
***[514]Гардун – рӯзгор; дунё; даҳр; осмон; фалак.***

*Туро барбаст роҳи нияту азми ҷаҳонгардӣ,*
*Чӣ дорад олами дар худ ниҳони ту, аё модар, аё модар!*
*Худо гуфтию оят хондию таъбирҳо ҷустӣ,*
*Ту доим «Ҳафтяк[515]»мондӣ ба зери болини кӯдак,*
*Ки шояд тифл бебоку[516] далеру қаҳрамон гардад.*
*Дили пайғамбарон гунҷад даруни синаи кӯчак[517],*
*Даруни кулбаи пасти назарногири пур аз дуд*
*Ба ҳукми қарзи инсонӣ ҷаҳонеро бигунҷондӣ.*
*Шабонгаҳ мижа таҳ нокарда, пухтӣ кулчаи ширмол,*
*Саҳар фарзандҳоятро ба майдонҳо гуселондӣ,*
*Шараф андухтӣ аз ҷонфишониҳои фарзандон, аё модар, аё модар!*
*Бубинӣ хоб шаб фарзандҳои мурдаи худро,*
*Биёбӣ саҳнаи дидорбиниҳои руҳонӣ,*
*Ба назди остонат дом монад сояи маргат,*
*Туро хонад ба сӯи олами торику зулмонӣ,*
*Матарс аз марг, охир безаволӣ[518] ту, аё модар, аё модар!*
*Ҳазорон маргро андӯҳу ғамро пушти сар кардӣ,*
*Нахӯрдиву напӯшидиву бо сад ранҷ парвардӣ,*
*Маро бигрифта зери пар.*
*Барои он ки дар ман зиндаву ҳозир бубинӣ боз*
*Ҳамон сайёдҳои сайдгашта - рафтагонатро,*
*Шудӣ хуни ҷигар, модар!*
*Кунун имрӯз фарзандат –ҷигарбандат ҳунар омӯхт,*
*Ки ёбад нони беминнат,*
*Ба номат дафтаре бикшод,*
*Дуои хайр гӯ, модар,*
*Ки бо номи ту ӯ бар роҳи раҳ ҷустан қадам бинҳод.*

---

***[515]Ҳафтяк – аз ҳафт як ҷузъи "Қуръон", ки барои таълим дар мактабҳо алоҳида чоп мешуд.***
***[516]Бебок – нотарс; ҷасур, далер.***
***[517]Кӯчак – хурд, майда.***
***[518]Безаволӣ – абадӣ будан; абадият.***

*Варо ту мағфират[519] кун, раҳнамоӣ кун, аё модар, аё модар!*
*Зи лабҳои фурӯрафта, зи оҷанги[520] пурасрорат*
*Агар дурам, агар наздик, хонам панди ногуфта:*
*Чӣ суд аз он гуле, ки зеби як кокул шуду афтод?*
*Сано бодо ба он гул, ки барои даҳр бишкуфта.*
*Ту охир ибтидои ибтидоҳоӣ, аё модар, аё модар!*
*Ту ҳоло дар дами пирӣ нафасҳоиғаниматро*
*Ба нақши гул, ба рӯи сӯзаниҳо[521] сабт месозӣ.*
*Дурахши охирини чашми худро дар дили шабҳо,*
*Барои субҳи фардо ҳадя месозӣ, сарафрозӣ.*
*Гулу нуру шарофат ёдгор аз ту, аё модар, аё модар!*
*Суруди ҳузнангези қадимиро махон, модар,*
*Дилатро бо суруди аввалини ман даме афрӯз*
*Агар дасторхону ҷомаи нав дӯзӣ бо уммед,*
*На танҳо баҳри ман, баҳри ҳама фардоиён ҳам дӯз!*
*Ғанимат дон насиби вопасинатро[522], саломат бош, аё модар!*

## САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г

*1. Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда мазмуни шеърро қисм-қисм ва баъд яклухт нақл кунед.*

М

*2. Кадом мисраъҳо барҷастагии нақши модарро тасдиқ менамоянд? Фикри худро гӯед.*
*3. Кадом хислатҳои наҷиби модари худро аз симои модари шоир ёфтед? Муқоиса кунед.*
*4. Байтҳои ба шумо маъқулгаштаи шеърро ҳифз намоед.*
*5. Дар мавзӯи “Модар” эссе нависед.*

[519]***Мағфират** – бахшиши гуноҳи касе; авфи гуноҳ.*
[520]***Оҷанг** – чине, ки ба сабаби пирӣ ё хашму ғазаб дар ҷабин пайдо мешавад.*
[521]***Сӯзанӣ** – матоъ ё порчаи гулдӯзишуда.*
[522]***Вопасин** – охирин.*

## ЗАБОНГУМКАРДА

*Ҳар кӣ дорад дар ҷаҳон гумкардае,*
*Дар замину дар замон гумкардае.*
*Ин нишон гумкардаеву дигаре,*
*Хештанро бенишон гумкардае.*

*Ин яке бахти ҷавон гум кардааст,*
*Дигаре ганҷи равон гум кардааст.*
*Ин яке гар ними нон гум кардааст,*
*Дигаре ними ҷаҳон гум кардааст.*

*Ин яке ҷону ҷигар гум кардааст,*
*Он яке шӯру шарар гум кардааст.*
*Ин яке гум карда гар моли падар,*
*Дигаре панди падар гум кардааст.*

*Гар яке бому даре гум кардааст,*
*Дигаре номи фаре*[523] *гум кардааст.*
*Он забони ҳамдилӣ гум кардааст,*
*Ин забони модарӣ гум кардааст.*

*Аз тамоми ину он гумкардагон*
*Зиштрӯтар*[524] *нест дар рӯи ҷаҳон*
*З-он ки гум карда забони модарӣ,*
*Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.*

*Бок*[525] *не, гар доварӣ*[526] *гум кардааст,*
*Ё умеди сарварӣ гум кардааст.*
*Заҳр бодо шири модар бар касе,*
*К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.*

---

[523] ***Фар** – нур; зебоӣ; шаън, шавкат.*
[524] ***Зиштрӯ** – баднамо, бадафт.*
[525] ***Бок** – тарс, хавф, бим.*
[526] ***Доварӣ** – одилона ҳукм кардан; амалу вазифаи ҳакам; низоъ.*

*Он яке қадри сухан гумкардае,*
*Дигаре боғу чаман гумкардае.*
*Аз забони модарӣ гумкарда лек,*
*Мерасад рӯзе ватангумкардае...*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Шоир дар ин шеър аз чӣ таассуф хӯрдааст?*
*2. Маънои калимаи "забонгумкарда"-ро чӣ хел мефаҳмед?*
*3. Оқибати забони модариро гум кардан ба чӣ меорад?*
*4. Тақдири забонгумкарда оқибат аз рӯи пешбинии шоир чӣ мешавад?*

Ч

*5. Байти зеринро ба таври хаттӣ шарҳ диҳед:*

*Заҳр бодо шири модар бар касе,*
*К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.*

М

*6. Шеърро азбар намоед.*
*7. Барои тоза нигоҳ доштани забони модарӣ чӣ бояд кард? Фикри худро ба таври хаттӣ баён намоед.*

# АЗ ГАНҶИНАИ АДАБИЁТИ ҚАЗОҚ

## ЮСУФ ХОС ҲОҶИБИ БАЛАСАҒУНӢ



Юсуф Хос Ҳоҷиби Баласағунӣ шоир ва мутафаккири барҷастаи асри XI турк мебошад. Юсуф Баласағун тахминан соли 1015 дар шаҳри Баласағун ба дунё омадааст. Баласағун (дар байни шаҳрҳои Алматӣ ва Бишкеки ҳозира ҷойгир будааст ) яке аз марказҳои фарҳангиву тиҷоратии сулолаи Қарахониён будааст. Шоири ҷавон таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифтааст. Юсуф Баласағунӣ забонҳои туркӣ, тоҷикӣ (форсӣ) ва арабиро ба таври мукаммал медонистааст. Ӯ адабиёти шифоҳии мардуми туркзабон ва адабиёти хаттии форсу тоҷикро азбар намудааст. Юсуф Хос Ҳоҷиби Баласағунӣ бо китоби "Қутадғу билик" (маъноят нафъи дониш) машҳур гаштааст. Муаллиф дар асари мазкур зикр намудааст, ки ҳангоми таълифи достон (соли 462 ҳиҷрӣ-1069-1070 м.) ба синни 54 қадам монда будааст. Достони "Қутадғу билик" дар Қашғар ба анҷом расидааст ва муаллиф онро ба ҳукумдори сулолаи Қарахониёни он давра - Бӯғрахон тақдим намудааст. Бӯғрахон хизмати шоирро тақдир карда, ба ӯ унвони Ҳоҷиби Хоси (маъноят пардаи махсус) дарборро додааст. Аз ҳамон давр ӯ ҳамчун Юсуф Хос Ҳоҷиб шӯҳратманд гардидааст. Ӯ вазири бузурги дарбор таъин гардида, ҳамчун Хос Ҳоҷиб сафиронро[527] қабул карда, аз рӯи иҷро шудани қонун ва маросимҳои расмӣ назорат карда, шикояту хоҳишҳои ятим ва камбағалонро мешунид ва бо Буғрахон якҷоя ҳал мекард. Ӯ аз номи ҳукумдор ба вазир, хазиначӣ ва котиби дарбор фармон дода метавонист.

Юсуф Баласағунӣ дар 55-солагӣ аз олам гузаштааст. Қабри ӯ дар маҳалли Пайпапи шаҳри Қашғар, ноҳияи автономии Синзян-Ӯйғур ҷойгир аст.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Ч

*1. Юсуф Хос Ҳоҷиби Баласағунӣ кай ва дар куҷо зиндагонӣ кардааст?*

*2. Чаро Ю. Баласағунӣ бисёр забонҳоро омӯхтааст?*

---

[527]***Сафир - намояндаи як давлат дар давлати дигар.***

*3. Муносибати Буғрахон ба шоир чӣ гуна буд? Ӯ кадом вазифаҳои масъулиятнокро иҷро мекардааст?*
*4. Кадом асар Ю. Баласағуниро машҳур гардонидааст?*
*5. Аз Интернет оид ба ҳаёт ва фаъолияти Ю.Баласағунӣ маълумот ҷамъ намоед ва ҳикоя кунед.*

## Достони "Қутадғу билик"

Юсуф Баласағунӣ бо тамоми масъулият барои офаридани аввалин асари хаттии бадеии туркӣ камар[528] бастааст.

Достон дар услуби "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ навишта шуда, ҳанӯз дар замони худ шӯҳрат ёфтааст. Ғояҳои давлатдории одилона ва панду ахлоқии асар ба мардум хуш омад. Зеро дар он дар баробари ифодаи мафкураи ҳукумдорон оид ба бартараф намудани ихтилофҳои[529] феодалӣ, ғояҳои ободонии мулк, маърифатпарварӣ низ ақидаҳои судманд баён гардидааст. Дар бораи шӯҳрати асар дар муқаддимаи китоб чунин омадааст: " Ин китоб бениҳоят азиз аст. Он бо шеърҳои ҳакимони Чин ороста шудааст... ҳамаи олимон ҳакимони Мочин иттифоқ шуда гирифтанд, ки дар вилояти Машриқ, кишвари Туркистон дар лафзи Бӯғрахон (забони туркӣ) ҳеҷ кас аз ин беҳтар китобе таълиф накардааст. Ба кадом кишваре, подшоҳе ин китоб расад уламою удабои[530] он ҷо эҳтиромона онро номҳои гуногун доданд: чуниён "Адаб-ул- мулк", мочиниҳо "Ойин-ул-мамлакат" номиданд ва дар Машриқ "Зайнулумаро" ("Зинати амирон") гуфтанд. Эрониҳо ба он ҳамчун " Шоҳномаи туркӣ", тӯрониён "Қутадғу билик" ном гузоштанд ва дар баъзе кишварҳо ҳамчун "Пандномаи мулк" машҳур аст..." Ин шаҳодати[531] он буд, ки " Қутадғу билик" ҳамчун панднома барои давлатдорони давраҳои гуногун таълиф шудааст. Мазмун ва ғояи асар, ки пойдории давлат ва ягонаи мулки Қарахониёнро, зисту зиндагонии осоиштаи мардумро тарғиб менамуд, онро ба "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ наздик сохтааст. "Шоҳномаи туркӣ" ном гирифтани достон ба он низ вобаста аст, ки пайравона ба "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ дар баҳри мутақориб навишта шудааст.

Асари мазкурро то ба ин дам олимони машҳури кишварҳои гуногун

---

[528]***Камар бастан-омода шудан ба иҷро коре.***
[529]***Ихтилоф - зиддият.***
[530]***Уламо ва удабо - ҷамъи олим ва адибон.***
[531]***Шаҳодат - шоҳидӣ, гувоҳӣ додан.***

таҳқиқ карданд ва ҳамчун асари бузурги ҳамон давру замон эътироф[532] намудаанд.

Дар дебочаи (муқаддимаи ) “Қутадғу билик” шоири донишманд чунин иброз[533] медорад:

*Арабча, тажикчэ китаблар оқуш,*
*Бизнинг тилимизгэ бу юмғу уқиш.*

Тарҷумаи таҳтуллафзии байти боло чунин аст:

*Дар арабиву тоҷикӣ китобҳо бисёранд,*
*Дар забони мо ин аввалин китоби дониш аст.*

Дар мавриди сухан тазаккур[534] бояд дод, ки ин асар аз аввалин сарчашмаҳоест, ки вожаи “ тоҷикро” дар мафҳуми забони форсӣ истифода кардааст.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Аввалин асари хаттии бадеии туркӣ дар кадом аср ва аз тарафи кӣ навишта шудааст?*
*2. Достони “Қутадғу билик” ва “Шоҳнома”-и А.Фирдавсӣ чӣ гуна алоқамандӣ дорад?*
*3. Аз чӣ сабаб ин асар номҳои дигар пайдо кардааст?*
*4. Дар бораи мазмун ва ғояи “Қутадғу билик” чӣ медонед?*
*5. Маълумоти иловагиро доир ба достони “Қутадғу билик” аз Интернет ёбед ва нақл кунед.*

## Мавзӯъ ва мазмуни “Қутадғу билик”

Дар муқаддимаи насрии асар зикр гардидааст, ки достон чаҳор масъалаи асосиро фаро мегирад ва онҳо дар образҳои маҷозӣ таҷассум меёбад. Дар он гуфта шудааст, ки китоб дар боби адл, давлат, ақл ва қаноат

[532]*Эътироф - иқрор шудан,чизеро қабул кардан.*
[533]*Иброз доштан - баён намудан, изҳор намудан.*
[534]*Тазаккур - ёдоварӣ, хотиррасонӣ.*

баҳс мекунад. Ба ҳар кадоми масъалаҳо номҳои туркӣ гузошта шудааст: ба адл Кунтӯғдӣ ном ниҳода, ҳамчун шоҳ тасвир намудааст, давлат Ойтӯлдӣ ном дошта, ҳамчу вазир омадааст, ақлро Ӯғдулмуш (оқил, доно) номида, ҳамчун фарзанди вазир ба қалам додааст. Қаноат, ки Ӯдғурмиш (ҳушёр, далер) ном дорад, гӯё аз ақрабои (хешони) вазир будааст. Дар байни қаҳрамонони номбаршуда суолу ҷавоб, мунозараҳо баргузор шуда, суханони бисёре эрод мешавад. Бинобарин дар сюжети (устухонбандии) достон ҳаракати амал камтар буда, ҳамаи масъалаҳо дар сухан ифода меёбад.

Муқаддимаи достон ёздаҳ боби асарро ташкил медиҳад. Дар он баробари ҳамду санои анъанавӣ ба Худову расул тасвири манзараҳои баҳор, мадҳи Бӯғрахон, доир ба ҳафт сайёраву дувоздаҳ бурҷи фалак, одоби муоширату фасоҳати суханронӣ гуфта шудааст. Қисми асосии достон аз боби 12 бо ситоиши Кунтӯғдӣ ном ҳукмдоре оғоз меёбад. Мазмуни мухтасари достон чунинаст:

Кунтӯғдӣ шоҳе будааст, ки дар адолатпарварӣ шӯҳрати ҷаҳонӣ доштааст. Ойтӯлдӣ ном марди доно дар нияти хизмати содиқона ба шоҳ ба пойтахти ин кишвар омадааст. Вай ҳангоми мусофирати пуразоб дӯстони бисёре пайдо кардааст. Рӯзе ӯ ба Кӯсамиш (хаста шуда) ном дӯсташ меҳмон мешавад ва сабаби ба ин диёр омадани худро нақл менамояд. Кӯсамиш ӯро бо Ҳоҷиби Хоси шоҳ шинос менамояд. Бо ҳамин восита Ойтӯлдӣ ба дарбор даъват шуда, шарафманди сӯҳбати шоҳ мешавад. Ӯро ба хизмати дарбор мегиранд. Дар хизмати шоҳ тадриҷан[535] обрӯву эътибори Ойтӯлдӣ зиёд гашта, то ба мансаби вазирӣ мерасад. Ақлу идрок, тадбиркории ӯ ба шоҳ писанд меояд. Пас аз чанд муддати хизмат ба шоҳ ӯ оилаву ватани худро ёд мекунад ва аз шоҳ иҷозат гирифта ба зодгоҳи худ бармегардад.

Ойтӯлдӣ Ӯғдулмуш ном писаре дошт. Ӯ аз рӯи васияти падар амал карда ба ҳизмати шоҳ меояд. Мисли падари худ Ӯғдулмуш дар хизмати давлатӣ бо фаъолӣ ва донишмандии худ шоҳро шод менамояд. Байни шоҳу Ӯғдулмуш доир ба масъалаҳои мухталиф сӯҳбату мунозараҳо барпо мегардад. Ин сӯҳбатҳо шоҳро водор месозад, ки олимону доноёнро барои беҳтар гардондани идораву ободонии давлат ба дарбор даъват менамояд. Пеш аз ҳама ба дарбор Ӯғдулмуш даъват мешавад. Аммо ӯ тарки дунё карда аз байни мардум баромада рафта будааст. Баъд аз номаҳо ва сӯҳбатҳои тӯлонӣ аллома536 Ӯғдулмуш ба хизмати шоҳ бармегардад.

*[535]Тадриҷан - оҳиста, дараҷа ба дараҷа.*

*[536]Аллома – донишманди калон, олими олимон.*

Мунозараҳои шоҳу Ӯғдулмуш доир ба одобу ахлоқ ва бисёр масъалаҳои дигари ҳаёт хеле тӯлонӣ мебошад. Ӯғдулмуш ба шоҳ панду насиҳатҳои бисёре гуфтааст.

Чӣ хеле ки аз мазмуни достон пайдост, масъалаҳо на дар фаъолияту саргузашти қаҳрамонон, балки дар баҳсу мунозара, сӯҳбату муколамаҳо баён мегардад. Бинобарин дар китоби " Қудатғу билик" тасвири эпикӣ фақат барои бо ҳам пайвастану ривоҷи масъалаҳо воситае гардидааст. Ҳамин тариқ, ин достон низ монанди асарҳои дигари панду ахлоқии адабиёти классикии Шарқ мақсад бидуни воқеаҳову саргузаштҳои аҷоиби қаҳрамонон дар мунозараву муколамаҳо ифода ёфтааст. Достон саршор аз панду ҳикматҳо аст. Қисми ҳикматҳо аз номи донишманд Ӯғдулмуш гуфта мешавад.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Дар бораи достони "Қутадғу билик" чӣ фаҳмидед?*
*2. Муқаддимаи достони "Қутадғу билик" чӣ гуна будааст?*
*3. Ба ҳар як масъалаи достон чӣ гуна ном дода шудааст?*
*4. Аз мазмуни мухтасари достони "Қутадғу билик" ба чӣ хулоса омадед?*

## Мӯҳтавои баъзе ҳикматҳо

"Инсон ду хел мешавад", - мегӯяд шоҳ. Яке омӯзгор дигаре омӯзанда. Касе, ки аз дуи ин фориғ аст, аз ҳайвон фарқе надорад. Аз ҳардуи он якеро бихоҳ.

Забон мутарҷими ақл ва дониш аст, бидон, ки обрӯву эътибори инсон аз нутқи пурмазмуни ӯст. Забон эҳтироми одамро баланд бардошта, хушбахт месозад. Дар мавриди дигар хору зор шудани инсон низ аз забонаш аст. Эй соҳибзабони мағрур, ҳушёр бош, суханони беандешаат рӯзе саратро мехӯрад... забонатро эҳтиёт кун, то ки дандонат нашканад. Осудагӣ ҳоҳӣ, суханони беҳуда мазан...

Бо ду чиз мард бузург аст, яке ахлоқи нек, дигаре гуфтори нек. Бингар, инсон таваллуд мешавад, мемирад, вале сухани неки ӯ боқӣ мемонад. Бингар, одам аз олам даргузарад ҳам, номаш мемонад. Агар бе ному нишон рафтанро нахоҳӣ, дар ҳаёт ҷовид бимонӣ, накӯфеълу накӯгуфтор бош, эй олим.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Инсон чанд хел мешудааст? Муқоиса кунед ва фикри худро гӯед.*

*2. Забон барои инсон чӣ аҳамият дорад?*

*3. Бузургии мард дар чист?*

*4. Муҳокима кунед, ки пас аз вафоти инсон чӣ боқӣ мемондааст?*



## ХОҶА АҲМАДИ ЯССАВӢ

Хоҷа Аҳмади Яссавӣ шоир, мутафаккир ва асосгузори шохаи туркии тасаввуф ва асосгузори ҷараёни Яссавия (ҷаҳрия[537] низ номида мешавад) мебошад. Оид ба шахсияти Яссавӣ дар Осиёи Миёна, Қазоқистон ва Тотористон афсонаву ривоят ҳозиёд аст. Ӯро ҳамчун шайхе,ки бадараҷаи "авлиё" расидааст, тасвир мекунанд.

Аҳмад соли 1103 дар шаҳри Яссӣ (Туркистони ҳозира) ба дунё омадааст. Номи падараш Шайх Иброҳим ибни Маҳмуд ва номи модараш Айша (Қарашаш) будааст. Аҳмад дар оила фарзанди дуюм буда, аз худ калон Гавҳар ном хоҳар доштааст. Ӯ пас аз вафоти падару модар тарбияи Аҳмадро ба ӯҳда гирифтааст. Аҳмад аввал дар назди падараш ва баъд аз устодаш Баҳоуддини Исфиҷобӣ таълим гирифтааст. Х.А.Яссавӣ дар маркази дини ислом – дар шаҳри Бухоро аз шайх Юсуфи Ҳамадонӣ таълим гирифтааст. Ҳамчун шайхи бомаърифат шӯҳрати Яссавӣ дар ватанаш беш аз пеш меафзояд, байни мардум овозаҳо паҳн мегардад, ки:

*"Дар Мадина Муҳаммад (с) бошад,*
*Дар Туркистон Хоҷа Аҳмад".*

Хоҷа Аҳмади Яссавӣсе фарзанд дошт. Писари ӯ Иброҳим дар кӯдакӣ аз олам гузаштааст. Авлоди Яссавӣ аз ду духтараш давом ёфтааст, ки Гавҳар Шаҳноз ва Гавҳар Хушноз ном доштаанд. Хоҷа Аҳмади Яссавӣ соли 1166 дар шаҳри Яссӣ (ҳозира Туркистон) аз олам гузаштааст. Дар баъзе сарчашмаҳо бошад, Исфиҷоб (Сайрами ҳозира) ҳамчун ҷои таваллуд ва вафоти Яссавӣ нишон дода шудааст.

---

***[537] Ҷаҳрия – номи ҷараён буда, аз калимаи "ҷаҳр", ки бо овози баланд дод зада хондани чизеро мефаҳмонад, гирифта шудааст.***

Пас аз 223 соли вафоти Хоҷа Аҳмади Яссавӣ тахминан солҳои 1395-1397 Амир Темур (Темури Ланг)дар болои қабри Яссавӣ мақбараи мӯҳташаме бино мекунад,ки дарозиаш 65,5 метр, бараш 45,5 метр ва дарозии пештоқи баланди даргоҳи мақбара 37,5 метрро ташкил медиҳад. Ҳоло он бо номи мақбараи Ҳоҷа Аҳмади Яссавӣ машҳур аст. Аз соли 1982 инҷониб мақбараи Х.А.Яссавӣ дар тахти назорат ва ҳимояи Ҷумҳурии Қазоқистон буда, ҷои зиёрати ҳазорҳо сайёҳон ва зиёраткунандагон гардидааст.



## "ДЕВОНИ ҲИКМАТ"-И ХОҶА АҲМАДИ ЯССАВӢ

*Қул Хоҷа Аҳмад - ҳар суханат ба дард дармон,*
*Ба толибон онҳоро баён созам, то намонад армон.*
*4404 ҳикмат гуфтам, Ҳақ кард фармон,*
*То дами охир сухан гӯям, гар шавад фармон.*

***(Тарҷумаи таҳтуллафзӣ)***

Хоҷа Аҳмади Яссавӣ яке аз шоирони соҳибистеъдоди турк аст. Асарҳои машҳури Яссавӣ "Девони[538] ҳикмат" ("Китоби хирад"),"Мирот-ул қулуб" ("Оинаи ҷон"), "Фақирнома" ("Афсонаи дарвеш")" мебошад.

"Девони ҳикмат" дар асри XVII китобат шудааст. Муаллифи "Девони

[538] ***Девон – маҷмӯаи шеърҳои як шоир, ки ба шакли китоб даровaрда шудааст.***

ҳикмат”, яъне Хоҷа Аҳмади Яссавӣ бо номи Ҳазрати Султон низ машҳур аст. Дар асрҳои минбаъда шеърҳои шоир дар Тошканд, Қазон, Истамбул борҳо чоп шуданд, азбаски девон дертар аз ҷониби мухлисони Аҳмади Яссавӣ мураттаб гардидааст, қисми шеърҳои шоирони дигар низ ба ӯ нисбат дода шудааст.

Аҳмади Яссавӣ дар шеърҳои худ фарзу суннатҳои исломӣ ва маҷмӯи қонуну қоидаҳои он - “шариат”,маслаки тасаввуф - “тариқот”, ишқи илоҳӣ-“маърифат”, расидан ба Аллоҳ- “ҳақиқат”-ро тарғиб менамояд.

*Аз шариат, аз тариқат баён шуд,*
*Аз ҳақиқат калимаи Қуръон калом шуд.*
*Ба ин ҷаҳон нури Муҳаммад пур шуд,*
*Бояд бо ин нур ду ҷаҳон рӯшноӣ шуд.*

***(Тарҷумаи таҳтуллафзӣ)***

Доир ба дебочаи “Девони ҳикмат” чунин гуфта шудааст: “Эй дарвеш, огоҳ бош, ки аввал калимаи шариат, сонӣ калимаи тариқат, сеюм калимаи маърифат, чорум калимаи ҳақиқатро бояд бидонӣ. Сӯфие, ки чунин калимаҳоро надонад, сӯфӣ нест” ва дар тамоми асар ин чаҳор калима бо оятҳои “Қуръон”, ҳадисҳои Муҳаммад (с) Пайғамбар шарҳу эзоҳ дода мешавад.

*Ҳикматҳои ман аст фармони субҳон,*
*Хон, дар ёд дор, ҳама маънои Қуръон.*
*Ҳикматҳои ман ба олам аст султон,*
*Дар як лаҳза биёбонро менамоянд гулистон.*

***(Тарҷумаи таҳтуллафзӣ)***

“Девони ҳикмат” асосан аз шеърҳои лирикӣ иборат аст. Қисми шеърҳо амсоли “Саргузашт”-ҳои Яссавӣ, ҳикоётҳо бахшида ба расули Аллоҳ Муҳаммад (с) шакли асарҳои хурди эпикиро доранд. Дар аксарияти шеърҳо рӯҳи ваъзхонии хитобии расму оинҳои исломӣ пурқувват аст. Баробари ин дар девон калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ назар ба асарҳои пешина бештар вомехӯранд (бад, кас, бозӣ, обу гил) ва пайвандаки “-у” дар василаи вожаҳо хеле зиёд истифода мешавад.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Дар бораи шахсияти Аҳмади Яссавӣ чӣ гуна маълумот пайдо кардед? Ҳикоя кунед.*

*2. Нақл кунед, ки доир ба мақбараи Хоҷа Аҳмади Яссавӣ чӣ гуна маълумот пайдо кардед?.*

*3. Гӯед, ки муаллифи китоби “Девони ҳикмат” кист? Дар бораи ин асар маълумот диҳед.*

*4. Аз Интернет доир ба ҳаёт ва фаъолияти Хоҷа Аҳмади Яссавӣ маълумот ҷустуҷӯ кунед ва муҳокима кунед.*

*5. Доир ба зиёратгоҳи Хоҷа Аҳмади Яссавӣ видеолавҳа тамошо кунед ва таассуроти худро ба таври хаттӣ баён кунед.*

## ЭҶОДИЁТИ ХАЛҚ ВА НАСРИ РИВОЯТИИ ТУРКЗАБОН

Ҳангоми сайри таърихии адабиёти хаттии мардуми туркзабон бояд ба назар гирифт, ки ҳамаи манбаъҳои хаттии туркӣ аз адабиёти шифоҳӣ об хӯрдааст. Зеро адабиёти лафзии халқҳои туркзабон дар асрҳои VIII-XIII тараққиёти нисбатан бештаре дошт. Бузургтарин аз осори шифоҳии ин давр “Китоби дадам Қорқит” мебошад, ки дар асри IX таълиф ёфта, дар асри XV китобат шудааст. Дар арабу аҷам ин асар ҳамчун “Китоби дадам Қорқит олӣ лисан тайфа оғузак” (“Китоби дадам Қорқит”, ки дар забони тоифаи оғузҳо навишта шудааст) маълум будааст.

Ду нусхаи “Китоби дадам Қорқит” маълум аст: яке дрезденӣ (Германия), дигаре ватиканӣ (Италия). Дастхати[539] дрезденӣ 12 боб дошта, назар ба ватиканӣ (6 боб) мукаммалтар аст. Бинобарин бештар нусхаи дрезденӣ тадқиқ гардидааст. Туркшиносони ҷаҳон дар бораи ин китоб зиёда аз 500 асарҳои илмӣ навиштаанд. Ин асарро олимон М.Ергин, В.Бартолд, А.Диваев, К.Рифат, О.Горкий, А.Маргулан, Х.Коруғлӣ ва дигарон таҳқиқ намуданд. Дар тарҷумаву таҳияи матни он В.Бартолд хизмати зиёде кард. Ӯ соли 1910 дар журнали “ЗВО”-и Россия панҷ матни аввали туркии китобро чоп кард. Солҳои 1922-26 тамоми китобро ба забони русӣ тарҷума кард. Солҳои 1950 дар Боку бо номи “Деде Коркут”, соли 1962 дар Москва бо унвони “Книга моего деда Коркута”

---

[539] ***Дастхат –дастнавис; нома, руқъа.***

чоп шуд. Китобҳоро олимони Озарбайҷон Араслӣ ва М.Г.Тахмосиб, В.И. Жирмунский ва А.Н. Канонов ба чоп ҳозир намуданд. Соли 1966 асар ба забони қазоқӣ низ тарҷума шуд.

Дар нашрҳои ҳозираи китоб ба таври муқаддима насиҳатҳои Қорқит оварда шудааст, ки ба сюжети асар дохил нест. Симои Қорқит дар он ҳамчун донишманд ва мутафаккири қабилаҳои оғуз тасвир меёбад. Ҳар сари вақт таъкид мегардад, ки "ин сурудро Қорқит гуфтааст". Андарзҳои Қорқит мақолу зарбулмасалҳои зиёди қабилаҳои туркзабонро дар худ таҷассум намудааст. Мазмуни асар дарбаробари асотиру[540] афсонаҳо, ривоятҳои таърихиро низ дар бар мегирад.

Сюжети асар аз воқеаҳои деви якчашма (дёпегёз) ибтидо гирифта,бо ҷангу ихтилофоти қабилаҳои дохилӣ ва берунии оғузҳо анҷом меёбад. Сараввал сурудҳои Қорқит бо назм байни мардум машҳур будааст. Дар асри XV ҳангоми китобат кардан ба наср гардонда шудааст. Бо сабаби дар Озарбайҷон китобат шуданаш номҳои ҷуғрофию маҳалҳо бештар номҳои қафқозӣ гирифтааст.Тадқиқ исбот намудааст,ки қисми зиёди қиссаҳои Қорқит дар канори Сайхун (дарёи Сир) байни туркони оғузу қипчоқ офарида шудааст. Бинобарин "Китоби дадам Қорқит" мероси муштараки шаклҳои туркзабон ба ҳисоб меравад. Дар асрҳои XII-XIII мардумони Осиёи Марказӣ бо истилогарони муғул муқобилияти сахт нишон медоданд. Дар адабиёти шифоҳии ин давра мавзӯи ватандӯстӣ, тасвири ваҳшигариҳои Чингиз бештар инъикос гардидааст. Яке аз чунин асарҳо "Афсонаи Гулдурсун" мебошад. Дар он ватанпарварӣ ситоиш ёфта, хиёнат ба халқу ватан маҳкум карда мешавад. Археологи машҳур С.П.Толстов ҳангоми кофтукови харобаҳои Гулдурсун (дар ҳудуди Қароқалпоқистон) ба чунин номида шудани он таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Мардуми маҳаллӣ доир ба муборизаи халқ бар зидди истилогарони муғул чунин ривоятеро нақл менамоянд:"Гулистон ном шаҳре ободе будааст. Душман онро муҳосира намудааст. Шаҳриён мардона мубориза бурдаанд, озуқа тамом шуда, гуруснагӣ кашанд ҳам, аслиҳаро напартофтаанд. Гуруснагӣ ба душманҳо низ таҳдид мекардааст. Шаҳрвандон чанд гови фарбеҳро дошта, тамоми ғаллаи боқимондаро ба онҳо хӯронда, аз дарвоза сӯи душманон равон кардаанд.

Сарбозони гуруснаи душман говҳоро кушта ба хулоса меоянд, ки говҳо бо дону ғалла бонӣ шудаанд ва дар шаҳр озуқа бисёр будааст,бояд аз гуруснагӣ намурда аз ин ҷо биравем. Дар ҳамин маврид духтари шоҳ хиёнат кардааст. Вай ҳангоми аз болои қалъа тамошо кардани ҷанг ба

[540]*Асотир - ривоят ва қиссаву афсонаҳои қадимӣ.*

сарлашкари душман дил бохтааст. Эҳсоси духтар ғолиб омада, ба сарлашкари дар тараддуди рафтан мактуб мефиристад ва менависад, ки “Воқеаи говҳо ҳила аст,дар шаҳр хӯрданӣ намондааст. Агар як рӯз сабр бикунӣ, мардум таслим мешаванд”.Муҳосира давом ёфтааст. Одамони зиёде ҳалок гардида, ниҳоят шаҳр таслим шудааст. Гулдурсунро назди сарлашкар овардаанд. Вай аз ҳизмати духтар шод бошад ҳам, рӯзе ба ман низ хиёнат мекунад гуфта, ба думи асп баста, кашола карда куштааст. Шаҳрро ба замин яксон кардаанд. Аз Гулистони зебоманзар нишонае намондааст. Аз сабаби он ки бадбахтиро Гулдурсун оварда буд, ин вайрона харобаи Гулдурсун ном гирифтааст.

Дар чунин афсонаҳо муборизаи мардумони Осиёи Марказӣ баҳри истиқлолияти худ, барои дафъи душман аз хоки Ватан ифода ёфтааст.

Асари дигаре, ки байни туркони Осиёи Марказӣ ва Чин машҳур буд, “Ӯғузнома” мебошад. Он тақрибан дар асрҳои XIII-XIV китобат шудааст. Матни интиқодии онро аз рӯи нусхаҳои Париж олими рус А.Шербак тайёр кардааст. (А.Шербак. Уғуз-наме. Мухаббат-наме, изд-во. вост. литер.М,1969).

Достон ба Ӯғуз яке аз бузургтарин саркардагони халқҳои туркнажод бахшида шудааст. Қаҳрамонони асосӣ Ӯғуз–хоқон[541] ва бекони вай мебошанд, ки образҳои рамзии қабилаҳои турк аст, дар матни достон акси воқеаҳои таърихӣ сабт гардида аст.

1. Ба сари ҳокимият омадани Ӯғуз.
2. Юришҳо[542] ва ҷангҳои Ӯғуз.

Ҳаҷми асар аз 42 саҳифа иборат аст.

Қиссаи Ӯғуз дар доираи илми форсизабон низ маълум аст. Варианти мухтасари афсонаи Ӯғуз дар “Ҷомеъат-таворих”-и Рашидаддин (1310) оварда шудааст. Маълумотдар бораи Ӯғуз дар шаклиқиссаҳои таърихӣ дар “Хулосат-уд-ахбор” ва “Ҳабиб-ас-сияр”-и Хондамир (1475-1535) мавҷуд аст.

Ҳамин тариқ, асрҳои X-XII дар ҳаёти мадании халқҳои туркзабон дигаргуниҳои бузурге овард ва адабиёти хаттӣ пайдо шуда, роҳи инкишофи мустақилонаро гирифт. Дар шаклёбии забони адабии туркӣ “Қутадғу билик” ва “Ҳибат-ул-ҳақоиқ” барин асарҳо заминаи асосӣ гардидааст. Ин барои ҳамдигарфаҳмӣ ва дар айни замон мустақилона инкишоф ёфтани адабиёти халқҳои туркзабон омили бузурге гардид.

---

*[541]Хоқон –лақаби подшоҳони турк ва муғул.*

*[542]Юриш – тохти лашкар ба душман, тохтутоз, ҳуҷуми лашкар.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

*1. Хусусияти эҷодиёти халқҳои туркзабонро муайян намоед.*
*2. Туркшиносони ҷаҳон дар бораи кадом китоб асарҳои илмӣ навиштаанд?*
*3. Дар кадом афсонаҳои қазоқсимои Қорқит ата мукаммалтар аст.*
*4. Кадом шахсро хиёнаткор номидан мумкин аст?*
*5. Мутазоди калимаҳои “хоин, хиёнаткор”-ро аз луғат ёбед ва шарҳ диҳед.*
*6. Гӯед, ки “Ӯғузнома” чӣ гуна асар будааст?*



# АБДИЛДА ТАЖИБАЕВ

Абдилда Тажибаев - шоир, драматург ва адабиётшиноси қазоқ. Абдилда Тажибаев соли 1900 дар шаҳри Қизилӯрда ба дунё омадааст. Абдилда дар интернати кӯдакони ятими шаҳри Қизилӯрда тарбия ёфта, дар шаҳри Шимкент мактаби ҳафтсоларо хатм намудааст.

Абдилда Тажибаев донишгоҳи давлатии Қазоқро, ки ба номи С.М.Киров буд (ҳозира донишгоҳи Миллии Қазоқ ба номи Ал-Форобӣ) ва курсҳои олии адабии донишгоҳи Адабиёти ба номи Максим Горкийро хатм  намудааст.

Шоир солҳои 1926-1928дар идораи рӯзномаи “Енбекши қазақ”(ҳозира “Егемен Қазақстан”) вазифаи мусаҳҳеҳро[543] иҷро намудааст. Абдилда Тажибаев солҳои 1932-1934 дар вазифаи ҷонишини редактори рӯзномаи “Лениншил Жас”(ҳозира “Жас алаш”) кор карда бошад,  дар байни солҳои 1934-1939 ҳамчун котиби Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Қазоқ фаъолият нишон додааст. А.Тажибаев дар солҳои 1939-1943 раиси Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Қазоқ таъин гардидааст. Адиб дар байни солҳои 1945-1948 дар вазифаи мудири шӯъбаи ҷамбулшиносии донишгоҳи забон ва адабиёти Академияи фанҳои Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Қазоқ хизмат намудааст.

---

[543]***Мусаҳҳеҳ – корректор, шахсе, ки ғалатҳои навиштаеро дуруст мекунад, ғалатгир.***

Аввалин шеърҳои Абдилда Тажибаев соли 1927 дар рӯзномаи “Жумисшӣ” чоп шудааст. Соли 1933 “Оҳанги нав” ном маҷмӯаи шеърии А.Тажибаев аз нашр баромад. Маҷмӯаи асарҳои назмии “Оркестр”, “Ду олам”, “Абил”, “Аз тахти дил”, “Овозҳои шинос”, “Наҷот”, “Дилҳои ошиқ” ва ғайра низ чоп шуданд.

Дар асарҳои назмии “Толағай”, “Ҳамсолон”, “Гузашта”, “Ҷазираҳо” ва маҷмӯаи песаҳои “Ҷасурон”, драмаҳои “Қиссаи халқи ман”, “Гилеми Жомарт”, “Майра”, “Духтар ва аскар”, “Монологҳо”, комедияҳои “Дубай Шубаевич”, “Пеш аз тӯй”, “Ҷӯраҳо” мавзӯи ҳаёти фоҷиавии одамон, мубориза наву кӯҳна, ҷойи одамон дар ҷамъият, дар рӯҳи ватанпарварӣ тарбия намудани насли наврас бардошта шудааст.

Абдилда Тажибаев муаммоҳои асосии халқи қазоқро дар асарҳои назмӣ ва драмавии “Ҳаёт ва назм”, “Бунёдшавӣ ва ташаккулёбии драматургияи қазоқ” васеътар тасвир намудааст. Дар охирҳои солҳои 30-юм аввалин асарҳои А.Тажибаевро хонда М.Авезов ба маҳорати эҷодии шоир баҳои баланд додааст.

Абдилда Тажибаев дар жанрҳои назм, драма, адабиётшиносӣ ва тарҷумонӣ меҳнати босамар кардааст. Соли 1951 аз рӯи сенарийи Абдилда Тажибаев ва дар ҳаммуаллифии Н.Ф.Погодин филми бадеии “Жамбул” ба навор гирифта шудааст. Асарҳои шоир ва драматург ба забонҳои гуногуни халқҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тарҷума гардидааст. А.Тажибаев асарҳои Г.Гейне, А.С.Пушкин, А.Островскийро ба забони қазоқӣ тарҷума кардааст.

Бо ордени Ленин, Инқилоби Октябр, 2 ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, “Нишони Ҳурмат” ва медалҳо мукофотонида шудааст. Соли 1985 ба Абдилда Тажибаев нишони фахрии нависандаи халқии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Қазоқ дода шудааст. Соли 1998 Абдилда Тажибаев аз дунё гузашт. Дар шаҳри Қизилӯрда барои хизматҳои шоёни Абдилда Тажибаев ёдгорӣ гузошта шудааст. Ба китобхонаи илмӣ-универсалии[544] вилояти Қизилӯрда номи Абдилда Тажибаев дода шудааст.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Дар бораи давраи кӯдакӣ ва донишомӯзии Абдилда Тажибаев маълумот диҳед.*

---

[544]***Универсалӣ – умумӣ, ҳамаҷиҳата, ҳамакора.***

*2. Фаъолияти меҳнатии Абдилда Тажибаев чӣ навъ будааст?*
*3. Аввалин шеърҳои шоир кай чоп шудааст? Онҳоро номбар кунед.*
*4. Мероси адабӣ Абдилда Тажибаев дар кадом жанрҳои адабӣ таълиф шудааст?*
*5. Филми бадеии "Жамбул" кай ва аз тарафи кӣ ба навор гирифта шудааст?*
*6. Абдилда Тажибаев асарҳои кадом шоиру нависандагонро тарҷума кардааст?*
*7. Филми бадеии "Жамбул"-ро тамошо кунед.*
*8. Ба таърихи рӯзномаи "Егемен Қазақстан" назар андозед.*

## БОРОН



*Бекарон осмон мисоли баҳор,*
*Абрҳо дар шино қатор-қатор.*
*Мезанад раъд гурриш аз сари қаҳр,*
*Дода пайғоми нав зи фасли баҳор.*

*Гуҳар[545] афшонд абри тезгузар,*
*Ба сари даштҳои навкорам.*
*Бин, баровард барг навдаи тар,*
*Гӯёи нав ҷавон шудам ман ҳам.*

*Тай намудам роҳи дури зиндагӣ,*
*Пир гаштам, пири соҳибэътибор.*
*Рафт айёми ҷавонӣ, дӯстон,*
*Дар миёни гулу дашту кӯҳсор.*

---

[545]**Гуҳар** – *гавҳар.*

## САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г

*1. Ба 5 гурӯҳ ҷудо шуда, супоришҳои зерро иҷро кунед:*

*1) Ғояи асосии матнро ёбед.*

*2) Маълумотҳои аниқ ва ноаниқро ҷудо кунед.*

*3) Фикри худро бо расм ифода кунед.*

*4) Мавзӯи додашударо бо ҳаёт алоқаманд намоед.*

*5) Хулосаи тарбиявӣ бароред.*

# АЗ ДУР



*Насими хуш агар рӯзе баногоҳ*
*Расад ба гулъузорат[546], эй азизам –*
*Бувад ӯ гуссаи ман, бош огоҳ,*
*Маронаш аз канор, эй азизам!*

*Агар дар шохаҳо барги дарахтон*
*Пичирросе занад ҳар гоҳ бо ҳам –*
*Ба он пайваста гӯш андоз, зинҳор,*
*Ки он ҳарфи дили ман ҳаст, азизам.*

*Зи тиреза шабонгаҳ бар рухи ту*
*Нигоҳ дорад чу моҳи партавафкан[547] –*
*Бикун бовар, азизам: ин манам, ман –*
*Ки наздат омадам аз баҳри дидан.*

---

[546]**Гулъузор – рӯяш мисли гул, нозуку зебо, гулрӯй, гулрухсор, гулчеҳра.**

[547]**Партав – шуоъ, акс, нур, шӯъла.**

### САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г

*1. Шеърро ифоданок хонед.*
*2. Чаро номи шеър “Аз дур” будааст?*
*3. Қаҳрамони лирикӣ шеъри дар боло зикршуда кист?*
*4. Мавзӯъ ва мазмуни шеърро фаҳмонед.*

М

*5. Дар шеър кадом муносибатҳои инсонӣ тасвир шудааст?*
*6. Мутазоди калимаҳои “меҳр”, “дур”, “ғусса”-ро ёфта шарҳ диҳед.*

## ЁРИ ҶОНӢ



*Бувад чун бахти тобон ёри ҷонӣ,*
*Ба ӯ ҳар роз гуфтан метавонӣ.*
*Ба сар ояд мабодо мушкилотӣ,*
*Ба ҳаллаш мекунад ёрирасонӣ.*

*Агар гӯяд касе “ёри туам”, бин –*
*Тавонад кард оё меҳрубонӣ?*
*Агар хоҳӣ, нагардӣ ту пушаймон,*
*Ҳазар бинмо зи ёрони забонӣ.*

### САВОЛ ВА СУПОРИШ:

Г

*1. Шеърро ифоданок хонед.*
*2. Ғояи асосии шеъри “Ёри ҷонӣ”-ро муайян намоед.*

М

*3. Шеърро ба наср баргардонед.*
*4. Зарбулмасалу мақолҳои мувофиқ ҷамъ оваред.*

# ҚАЛИЖАН БЕКХОЖИН



Қалижан Бекхожин – шоир, драматург ва тарҷумони қазоқ, мухбири ҳарбии Ҷанги Бузурги Ватанӣ.

Бекхожин Қалижан Нургожаевич (дар баъзе маъхазҳо бо номҳои Халижан, Халимжан Нургажаевич вомехӯрад) 15-уми декабри соли 1913 дар шаҳри Павлодар ба дунё омадааст. Дар редаксияи рӯзномаи "Колхоз"-и Павлодар солҳои 1932 -1934 чун ходим кор карда, дар он ҷо шеър ва очеркҳои[548] худро аз чоп баровардааст. Соли 1936 аъзои Иттифоқи нависандагони Қазоқистон гардидааст. Соли 1938-1942 Донишгоҳи педагогии Қазоқро хатм кардааст. Инчунин адиб солҳои 1938-1942 дар Иттифоқи нависандагони Қазоқистон ва нашриёти маркази Қазоқистон фаъолият нишон додааст. Қалижан Бекхожин иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буда, солҳои 1942-1946 мухбири ҳарбӣ будааст. Солҳои 1946-1949 чун ходими илмии филиали Донишгоҳи забон ва адабиёти Академияи фанҳои Иттифоқи Шӯравӣ кор кардааст.

Шоир аз соли 1949 бо кори эҷодӣ машғул шуда, эҷодиёти шеърнависии худро аз шеърҳои кӯтоҳ-кӯтоҳи лирикӣ оғоз намудааст. Нахустин асари калони ӯ достони "Духтари ҷангал" мебошад. Дар ин достон Қ. Бекхожин пайдоиш ва болоравии истеъдодҳои ҷавонро васф кардааст. Ашъори шоир ба забонҳои дигар, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст. "Суруди дӯстӣ" аз беҳтарин маҷмӯаҳои шеъри Қ.Бекхожин аст.

Қалижан Бекхожин соли 1978 ба мукофоти Ҷоизаи Давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Қазоқ сазовор гардидааст. Бо ду ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ордени Дӯстии халқҳо, медал ва ордени дараҷаи 2-юми Ҷанги Бузурги Ватанӣ мукофотонида шудааст. Қ.Бекхожинро соли 1985 ҳамчун фуқарои фахрии шаҳри Павлодар эълон кардаанд. 2-юми октябри соли 1990 дар шаҳри Алматӣ Қалижан Бекхожин аз олам гузаштааст.

---

[548]*Очерк – асари хурди адабӣ, ки дар он воқеаҳои ҳаётӣ баён ва тасвир мешавад.*

Мактаби №12-и Павлодар ба номи Қалижан Бекхожин гузошта шудааст. Соли 1991 ба яке аз кӯчаҳои Павлодар номи Қ.Бекхожин дода шудааст. Барои ёдбуди Қ.Бекхожин дар шаҳри Павлодар лавҳаи ёдгорӣ кушода шудааст.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Қалижан Бекхожин дар куҷо ба дунё омадааст?*

*2. Фаъолияти меҳнатии худро Қалижан Бекхожин кай оғоз намудааст?*

*3. Мероси адабии Қ. Бекхожинро номбар кунед ва мавзӯи онҳоро гӯед.*

М

*4. Қ. Бекхожин ба кадом мукофотҳо сазовор гардидааст?*

*5. Шоир фуқарои фахрии кадом шаҳри Ҷумҳурии Қазоқистон будааст?*

## ШАМОЛ



*Ҳар дам вазида, эй шамол,*
*Гардӣ ту дар сайру сафар.*
*Дар дашту водӣ бемалол,*
*Моро ту ҷанговар писар.*

*Хандон ҳама гулҳо кунӣ,*
*Аз баргҳо бӯсазанон.*
*Пайдо басе ҷарҳо кунӣ,*
*Дарё кунад шӯриш аён.*

Г

Ч

М

## САВОЛ ВА СУПОРИШ:

*1. Шеърро хонед.*
*2. Чаро шеър "Шамол" ном дорад?*
*3. Муаллиф шамолро ба чӣ монанд кардааст?*
*4. Аз таъсири шамол чӣ гуна дигаргуниҳо ба амал меомадааст?*
*5. Дар табиат шамол чӣ навъ пайдо мешавад? Мушоҳидаҳои худро гӯед.*
*6. Аз Интернет оид ба фоида ва зарари шамол маълумот ҷамъ оваред ва ҳикоя кунед.*

## ДУМБУРА



*Дилам орад ба шавқу завқ созад,*
*Яқин, омехта хунам ба ин соз.*
*Дар он кори падар, модар садо зад,*
*Ҳам он меҳри рафиқи нуктапардоз[549].*

*Ба гаҳвора садоям хоб медод,*
*Дар он ҳастии ман, завқу сурудам.*
*Ту меорӣ ҳама авлод бар ёд,*
*Ба сози форамат дар шавқ будам.*

---

[549]**Нуктапардоз – гӯяндаи нуктаҳои латифу дақиқ, нозукбаён.**

*Ба ту, эй думбура, додам ҳаётам,*
*Сурудам, думбура, бо туст пайванд.*
*Дили ҷӯшони ман, айшу нишотам[550],*
*Ҳамеша бо ту мебошанд дилбанд.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Шеърро ифоданок хонед.*

*2. Стратегияи “Кластер”-ро истифода намуда мазмуни шеърро ҳикоя кунед.*

М

*3. Муносибати қаҳрамони лирикӣ ба думбура чӣ гуна тавсиф ёфтааст?*

*4. Аз Интернет дар бораи думбура маълумот ҷамъ оваред ва дилхоҳ мусиқаи думбуранавозро шунавед, таассуротҳои худро нақл кунед.*

## БА ДӮСТИ ТОҶИКАМ



*Менишастам дар канори руди Сир,*
*Ғарқи фикру моти ҳар мавҷи мунир[551].*
*Рӯд ҷорӣ буд бо ҷӯшу хурӯш,*
*Роҳи ӯ дуру дарозу беназир.*

---

[550] ***Айшу нишот – шодӣ, дилхушию тараб, хурсандӣ.***

[551] ***Мунир – нурпош, равшан, дурахшон.***

*Ман тааҷҷуб менамудам: аз чӣ тез,*
*Чун шутури маст, бо хашму ситез[552].*
*Рӯзу шабҳо мешитобад рӯди Сир,*
*Рӯди мавҷандозу рӯди кафкрез[553].*

*Ёд дорам, аз канори рӯди мо,*
*Халқ дар даст аслиҳа, чун қаҳрамон.*
*Сӯи мағриб[554] -ҷониби майдони ҷанг,*
*Рафт, то бар тухми хасм орад қирон.*

*Ёд дорам, дар ҳавои мавҷи рӯд,*
*Менавиштам номае бар ёри худ.*
*Дур аз ман мӯсафеде менишаст, -*
*Мӯсафеди тоҷики ошуфта[555] буд.*

*Буд аён аз чеҳрааш андӯҳу ғам,*
*Барнамеовард ӯ як ҳарф[556] ҳам?*
*Ҳушу ёдаш банд бар фарзанд буд,*
*Хат намеомад, дилаш буд пуралам.*

*Мӯсафеди дигаре, аз ғам чу маст,*
*Дар канори дигари Сир менишаст.*
*Оқсаққоле, қазоқе дилфигор[557],*
*Чунки ӯро ҳам писар дар ҷанг ҳаст.*

*Аз канори Сир бирафтам, дӯстон,*
*Сӯи майдонҳои ҷанги беамон.*
*То ки бо номи ҳамин ду мӯсафед,*
*Душманонро маҳв[558] созам аз ҷаҳон!*

---

***[552]Ситез – ҷанг, ҷидол, хусумат; саркашӣ, хашму ғазаб.***
***[553]Кафк – ҳубобчаҳое, ки вақти ҷӯшидани об, моеъҳо ва ҳаракати тези онҳо ба рӯяшон мебароянд.***
***[554]Мағриб – ғарб, бохтар, тарафи фурӯравии офтоб.***
***[555]Ошуфта – парешон.***
***[556]Ҳарф –Сухан, гап.***
***[557]Дилфигор – дилозурда, ғамзада.***
***[558]Маҳв – несту нобуд кардан; мафтуну шефтаи чизе шудан.***

*Омадам имрӯз аз нав, дӯстон,*
*Бо фараҳмандию[559] умеди калон.*
*То ки бинам пири хуррамгаштаро,*
*Аз висоли он писар, он қаҳрамон.*

*Ёд дорам ман ҳамон бегоҳро,*
*Он ду тан пирони дил-огоҳро.*
*Ёд дорам ман канори рӯди Сир,*
*Хома[560] бар каф, дидаи бар роҳро.*

*Тоҷикистон, дӯст медорам туро,*
*Ҳадя сидқу меҳр меорам туро.*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ:**

Г

*1. Шеъри "Ба дӯсти тоҷикам"-и Қалижан Бекхожинро хонед ва мазмунашро нақл кунед.*
*2. Дар шеъри "Ба дӯсти тоҷикам" кадом воқеаҳои ҳаётӣ тасвир шудааст?*
*3. Чаро шоир дар соҳили дарёи Сир мӯйсафедони миллатҳои тоҷик ва қазоқро тасвир намудааст?*
*4. Аз чӣ сабаб мӯйсафедони дар боло номбаршуда интизори фарзандони худ буданд?*
*5. Муаллиф кадом ҳодисаи таърихиро тасвир додааст?*

М

*6. Оид ба ин воқеаи таърихӣ чиҳо медонед? Нақл кунед.*
*7. Дар мавзӯи "Дӯсти ман" эссе нависед.*

---

[559]***Фараҳмандӣ** - хушҳолӣ, шодмонӣ, сурур, хурсандӣ.*
[560]***Хома** - хомаи рег, тӯдаи рег.*

# МУНДАРИЧА

МУҚАДДИМА ..................................................................................... 3
НАСРИ РИВОЯТӢ................................................................................... 4
ДОСТОНИ «БЎРОНДУХТ ВА ИСКАНДАР» АЗ
«ДОРОБНОМА»-И АБЎТОҲИРИ ТАРСУСӢ.......................................... 6
ТАШБЕҲ ........................................................................................... 20
ХЕЛҲОИ ТАШБЕҲ ............................................................................ 21
АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ ................................................................ 26
ДОСТОНИ «КОВА ВА ЗАҲҲОК»..........................................................30
ДОСТОНИ "КОВА ВА ЗАҲҲОК"-И СОТИМ УЛУҒЗОДА.....................37
ФИРЕБИ АҲРЕМАН............................................................................38
ТОХТАНИ ЗАҲҲОК БА ЭРОН............................................................. 40
АРМАИЛ ВА КАРМАИЛ......................................................................41
ХОБ ДИДАНИ ЗАҲҲОК....................................................................... 43
ФАРИДУН........................................................................................... 44
ОГОҲ ШУДАНИ ФАРИДУН АЗ НАСАБИ ХУД.................................. 46
КОВАИ ОҲАНГАР................................................................................ 47
ҚИЁМ.................................................................................................. 49
ВОХЎРӢ БО ФАРИДУН.......................................................................50
ЮРИШИ ФАРИДУН.............................................................................50
ФАТҲИ КОҲИ ЗАҲҲОК.........................................................................51
РАФТАНИ КУНДРАВ БА НАЗДИ ЗАҲҲОК...........................................53
НАБАРД БО ФАРИДУН.......................................................................54
ПАНДУ АНДАРЗҲОИ ФИРДАВСӢ ..................................................... 57
НИЗОМИИ АРЎЗИИ САМАРҚАНДӢ.................................................. 61
ҲИКОЯИ РЎЗГОРИ МАСЪУДИ САЪДИ САЛМОН АЗ КИТОБИ
"ЧАҲОР МАҚОЛА"-И НИЗОМИИ АРЎЗИИ САМАРҚАНДӢ............. 62
МАҶОЗ.................................................................................................64
ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ .......................................................................66
ҲИКОЯИ «МАРДИ АБЛАҲ ВА ХИРС».............................................. 67

ТАТИММАИ ҲИКОЯИ ХИРС ВА ОН АБЛАҲ, КИ БАР ВАФОИ
Ӯ ЭЪТИМОД КАРДА БУД....................................................................69
ТАРК КАРДАНИ ОН МАРДИ НОСЕҲ БАЪД АЗ МУБОЛИҒАИ
ПАНД МАҒРУРИ ХИРСРО................................................................ 71
ТАТИММАИ ЭЪРОФИ ОН МАҒРУР БАР ТАМАЛЛУҚИ ХИРС........ 73
ҲИКОЯИ «ТАБИБ ВА БЕМОР»......................................................... 75
ЗОҲИР ШУДАНИ АҶЗИ ҲАКИМОН АЗ МУОЛИҶАИ КАНИЗАК
ВА РӮЙ ОВАРДАНИ ПОДШОҲ БА ДАРГОҲИ ИЛОҲ ВА ДАР
ХОБ ДИДАНИ ВАЛИЕРО.................................................................76
БУРДАНИ ПОДШОҲ ОН ТАБИБРО БАР........................................... 77
САРИ БЕМОР, ТО ҲОЛИ ӮРО БУБИНАД......................................... 77
ХИЛВАТ ТАЛАБИДАНИ ОН ВАЛӢ АЗ ПОДШОҲ ҶИҲАТИ
ДАРЁФТАНИ РАНҶИ КАНИЗАК........................................................77
ДАРЁФТАНИ ОН ВАЛӢ РАНҶРО ВА АРЗ КАРДАНИ РАНҶИ
Ӯ ПЕШИ ПОДШОҲ...........................................................................78
ФИРИСТОДАНИ ПОДШОҲ РАСУЛОН БА САМАРҚАНД БА
ОВАРДАНИ ЗАРГАР.........................................................................78
БАЁНИ ОН КИ КУШТАН ВА ЗАҲР ДОДАНИ МАРДИ ЗАРГАР
БА ИШОРАТИ ИЛОҲӢ БУД, НА БА ҲАВОИ НАФС ВА
ТААММУЛИ ФОСИД..........................................................................79
ИСТИОРА......................................................................................... 80
КАМОЛИ ХУҶАНДӢ ......................................................................... 83
ҒАРИБӢ.............................................................................................85
ДӮСТ МЕДОРАД ДИЛАМ ҶАБРУ ҶАФОИ ДӮСТРО ............................85
КИНОЯ ............................................................................................. 86
АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ....................................................................88
ҲИКОЯҲО АЗ «БАҲОРИСТОН»..........................................................89
АЗ ТАМСИЛОТИ «БАҲОРИСТОН»....................................................92
ҲИКОЯҲО АЗ «СИЛСИЛАТ-УЗ -ЗАҲАБ»
ҚИССАИ РУСТОӢ, КИ ДАРОЗГӮШИ ПИРИ ЛАНГИ ПУШТРЕЗ
БА БОЗОРИ ХАРФУРӮШОН БУРД ...................................................95
ҚИССАИ ОН ХИРС, КИ ОБАШ МЕБУРД ........................................... 98
ТАМСИЛ ...........................................................................................100
ҲИКОЯТИ ПИРЗОЛЕ, КИ РОҲ БАР САНҶАР ГИРИФТА ................. 100
ҲИКОЯТИ ҲОТАМ............................................................................ 103
ҚИССАИ КУЛАНГЕ, КИ ҲАВАСИ ШИКОРИ КАБӮТАР КАРДУ
ХУД ШИКОРИ ДИГАРЕ ШУД ...........................................................105
ҲИКОЯҲО АЗ «НАФАҲОТ-УЛ-УНС»................................................. 109
РОҶЕЪ БА ФАРИДУДДИНИ АТТОР.................................................. 110
РОҶЕЪ БА ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ............................................. 113

РОҶЕЪ БА ХОҶА ШАМСУДДИН МУҲАММАД
ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ.................................................. 114
ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ .................................................. 116
ҲИКОЯҲО АЗ «АНВОРИ СУҲАЙЛӢ».................................................. 117
ҲИКОЯИ “ГУНҶИШК ВА СУСМОР”.................................................. 123
ҲИКОЯИ “МОҲИХОР”.................................................. 126
ҲИКОЯИ “ТАДБИРИ МАЙМУНҲО”.................................................. 129
САЙИДОИ НАСАФӢ.................................................. 131
ОМАД БА ЁД .................................................. 132
ҒАНИМАТ АСТ .................................................. 133
«БАҲОРИЁТ».................................................. 135
МУШ .................................................. 135
РАСИДАНИ ГУРБА ДАР БАРОБАРИ МУШ .................................................. 136
РАСИДАНИ САГ .................................................. 137
РАСИДАНИ ГЎСФАНД.................................................. 138
РАСИДАНИ ГУРГ .................................................. 139
РАСИДАНИ ГОВ .................................................. 140
РАСИДАНИ УШТУР.................................................. 141
РАСИДАНИ САНГПУШТ .................................................. 142
РАСИДАНИ ХОРПУШТ .................................................. 143
РАСИДАНИ РЎБОҲ.................................................. 144
РАСИДАНИ ХАРГЎШ .................................................. 145
РАСИДАНИ МАЙМУН .................................................. 146
РАСИДАНИ ОҲУ.................................................. 147
РАСИДАНИ ПАЛАНГ.................................................. 148
РАСИДАНИ ФИЛ .................................................. 149
РАСИДАНИ КАРК .................................................. 151
РАСИДАНИ ШЕР .................................................. 152
РАСИДАНИ МЎРЧА .................................................. 153
ТАҶНИС.................................................. 154
АБАЙ ҚУНАНБАЕВ.................................................. 160
ИНТИЗОРАШ НАБУДӢ АСЛО.................................................. 163
БО ДИЛИ ХЕШ САРФАКОРӢ КУН!.................................................. 164
ҲАБИБ ЮСУФӢ .................................................. 166
БА ВАТАН .................................................. 168
МАН ВАТАНРО БЕШ АЗ ҲАРВАҚТА .................................................. 169
ДОРАМ ДЎСТТАР .................................................. 169
БОҚӢ РАҲИМЗОДА.................................................. 171
МУАЛЛИМ .................................................. 172
ХАЛҚИ БУЗУРГВОРАМ .................................................. 174

ТАҶОҲУЛИ ОРИФ........................................................ 176
АМИНҶОН ШУКӮҲӢ .................................................... 178
МО ТОЛИБИ СУЛҲЕМ ...................................................179
ҲУРМАТИ МӮИ САФЕДАШ............................................180
ТАЗОД ВА МУҚОБАЛА ...............................................181
ЛОИҚ ШЕРАЛӢ......................................................... 183
БА МОДАРАМ ..........................................................185
ЗАБОНГУМКАРДА .....................................................188
АЗ ГАНҶИНАИ АДАБИЁТИ ҚАЗОҚ
ЮСУФ ХОС ҲОҶИБИ БАЛАСАҒУНӢ...........................190
ДОСТОНИ “ҚУТАДҒУ БИЛИК”..................................... 191
МАВЗӮЪ ВА МАЗМУНИ “ҚУТАДҒУ БИЛИК”............ 192
МӮҲТАВОИ БАЪЗЕ ҲИКМАТҲО..................................194
ХОҶА АҲМАДИ ЯССАВӢ.......................................... 195
“ДЕВОНИ ҲИКМАТ”-И ХОҶА АҲМАДИ ЯССАВӢ.....196
ЭҶОДИЁТИ ХАЛҚ ВА НАСРИ
РИВОЯТИИ ТУРКЗАБОН........................................... 198
АБДИЛДА ТАЖИБАЕВ..............................................201
БОРОН..................................................................... 203
АЗ ДУР..................................................................... 204
ЁРИ ҶОНӢ................................................................ 205
ҚАЛИЖАН БЕКХОЖИН............................................. 206
ШАМОЛ....................................................................207
ДУМБУРА................................................................. 208
БА ДӮСТИ ТОҶИКАМ............................................... 209

***УЧЕБНОЕ ИЗДАНИЕ***

Хамитов Руслан Аюпханович
Садирдинова Розби Амирдиновна

*АДАБИЁТИ ТОҶИК*
*(Таджикская литература)*

*Китоби дарсӣ барои синфи 7*
*мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ*

*(на таджикском языке)*

*Редактор: Кариев Мирсаид Холидинович*
*Технический редактор З. Бошанова*
*Дизайн и компьютерная верстка Б. Сарманова*

*Подписано к печати 20.07.2018. Формат 70х90 $^{1}/_{16}$.*
*Бумага офсетная. Гарнитура «SchoolBook».*
*Печать офсетная. Уч.-изд. л 19.30. Усл.-кр. отт 77.22*
*Тираж 350 экз. Заказ №*